Давлат Сафар
СУБҲИ САДОҚАТ

Давлат Сафар

СУБҲИ САДОҚАТ

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-35

Муҳаррир *Гурез Сафар*

С-35 **Давлат Сафар. Субҳи садоқат** *(маҷмӯаи ашъор)*.
– Душанбе, «Адиб», 2016, 240 саҳ.

«Субҳи садоқат» самари муҳаббату вафодорӣ ва садоқату шабзиндадориҳои пайвастаи шоири ҷӯяндаву рангинхаёл, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи М.Турсунзода Давлат Сафар буда, аз талошу заҳматҳои Сарвари давлат, дастовардҳои замони соҳибистиқлолии мамлакат ва ишқи поку самимӣ ба ёру диёр ва садрангиҳои рӯзгор бо тасвирҳои хотирмону нотакрор қисса мекунад.

Итминони комил дорем, ки аз файзи ин субҳи босафои олами эҷоди шоир болидарӯҳ гардида, садоқат ба Ватан ва муҳаббат ба ин сарзамини биҳиштосоро бештар эҳсос менамоед.

ISBN 978-99947-2-479-6

© Нашриёти «Адиб», 2016

ҚАЛЪАИ НОМУС

Ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Ба рағми чашмҳои бемурувват дар набарди умр
Ба паҳнои сиёсат орамидан кори осон нест.
Шукӯҳу шаъни меҳан, вусъати сарсабзии даврон
Ба дӯши хеш бигрифтан ба ҳар кас бори осон нест.
Фурӯғи тоҷи миллатро ба дунё кардаӣ эҳё,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Чӣ сон бар даст овардан дили ваҳдатқимобонро,
Чӣ сон дар гуфтугӯ пайванд кардан фикри печонро?
Чӣ сон дар банди мушкил раҳ кушодан кори осонро,
Чӣ сон дар маҳзари нокомӣ одат кардани ҷонро? –
На ҳар кас мекунад ҳис,
На ба ҳар ақле бувад ташхис.
Хамӯширо ба гӯши зиндагонӣ кардаӣ ово,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Ба рӯи минбари таърих ҷавлон мекунад даъво,
Ки «ин» аст «он»,
Ки «он» аст «ин»,
Ки «ин» болову «он» поин!
Ба лаҳне нест оҳанги мурувватхоҳию таҳсин,
Ҳама дар банди озоранду бозоранд,
Ҳама дар киштии бишкастаи тӯфони афкоранд.
Ба чашми бастаи мавридшиносӣ, эй сари боло,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Раҳи тақдирро тадбиргар яктост,
Касе, ки аз назар нек аст, побарҷост,
Ҳар он чӣ мешавад аз ғайр бар мо аз қиболи мост,
Зи каҷ каҷ мерасад, аз рост, бешак, рост.
Дар ин дору мадоро, эй камоли ҳастии маъво,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Тавоно нест он кас, гар набишносад тавоноӣ,
Муросо нест дар аслаш, агар бошад мадороӣ.
Ба қадри Меҳан он кас мерасад, ки ҳаст таҳҷоӣ,
Ба тоҷик аст расми худшиносӣ, расми бобоӣ.
Чӣ хуш гуфтиву аз ин роҳ бояд гуфт,
Ба гӯши кӯрақлон аз азоби чоҳ бояд гуфт,
Ба раҳгумкардагон аз маънии ҳамроҳ бояд гуфт,
Ватанбегонаро аз дарду сӯзу оҳ бояд гуфт,
Ба огоҳ аз хатои марди ноогоҳ бояд гуфт,
Ҳама ин гуфтаро ҳар субҳу ҳар бегоҳ бояд гуфт,
Ба ҳар фаслу ба ҳар васли сиёсат, бар Ватан шайдо,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Кӣ бар дасти ятимон медиҳад дасти муҳаббатро?
Кӣ бо бечорагон сад шукр гӯяд дарди қисматро?
Кӣ охир дарди худ гӯяд ҳама армони миллатро,
Кӣ дармон мешавад баҳри Ватан сад ранҷу иллатро?
Шарафро дар баҳои ҷону тан парчам намудан чист?
Ба рағми номуродиҳо
Сипар бо синаи пурмеҳр будан чист?
Дари уммедро бар душмани ҷонат кушудан чист?
Бувад болотар аз сад қаҳрамонӣ ин ҳама маъно,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Ба ноҳамворие паймудани роҳи вафо аҳд аст,
Ки фатҳи қуллаи мақсуд аз ҷаҳд аст.
На ҳар дил аз фишори меҳр дар аҳди Ватандорист,
На ҳар эҳсос дар ҷаҳди Ватандорист.
Ватандории ту бас тоҷи имон аст,
Ватандории ту пайванд бо ҷон аст.
Раҳат ибратқарини роҳи дилҳо бод,
Зиҳӣ, эй шаҳчинори олами иршод,
Ки дар чашми сиёсат, эй сиёсатпешаи ваҳё,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Рақиб аз номуродиҳои қавли хеш дилгир аст,
Камони дарку эҳсосаш, ки бе тир аст,
Раҳи паймудаи илмаш, ки бе пир аст,
Таҳаммулро пазиро кай тавонад кард?
Таҳаммул бошад охир дар парешонӣ камоли мард.
Ҳақиқатро чӣ сон афсона пиндорад,
Ки ин бошад заволи мард?
Дар ин худношиносӣ, эй дабири нусрати фардо,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Касе, ки ҳамрагу ҳамхуни Меҳан шуд,
Ба дарки меҳр агар Қоруни Меҳан шуд,
Ба роҳи ишқ агар Маҷнуни Меҳан шуд,
Ватан дар хуни ӯ бошад,
Ватан дар олами ганҷинаи Қоруни ӯ бошад,
Ватан сад қалъа имон асту
Имон қалъаи Маҷнуни ӯ бошад.
Дар ин дорулқиёси маҳзари пайдову бепаҳно,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Ба лафзи бебақо ҳарфи Ватан омӯхтан ҳайф аст,
Нигаҳро бар висоли туршрӯён дӯхтан ҳайф аст.
Миёни анҷуман шамъе
Ба ёди ғофил аз ёди Ватан афрӯхтан ҳайф аст,
Ба ҳар оташ, ки қадри хас надорад, сӯхтан ҳайф аст.
Сухан ҳайф аст бар он кас, ки аз худ рафтаву дигар
Надорад хотири қадри сухан дар сар.
Ватан ҳайф аст бар он кас, ки меҳри дил
Ба ҳар «чуну чаро»-ҳо мекунад ботил.
Бувад сад ҳайф ёд овардани номи касе, ки ранҷ нодида,
Даҳан во карда «ман» гӯяд,
Сари минбар ба доми бесарӣ аз анҷуман гӯяд.
Ту, эй ҷӯяндаи гумкардаҳои Меҳани пайдо,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Касе, ки зам накарда хишт бар хиште,
Ба ҳар ҷо мезанад лофи ватандорӣ,
Надорад дар дил инсофи ватандорӣ.
Касе, ки даст н-афшонду бихӯрд аз ҳосили киште,
Надорад раҳ ба аъроф Ватандорӣ.
Ватан ҳам оҳ дорад, оҳи он пурдарду пурсӯз аст,
Ватан ҳам дар шукуфтан оини айёми наврӯз аст.
Ватан дар шаб Ватан,
Шаб дар Ватан рӯз аст.
Ту, эй ифшогари рози Ватан бар мо,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

Раҳи фархундагиву сарбаландӣ аст роҳи мо,
Раҳи уммеди мушкилнописандӣ аст роҳи мо,
Мақому манзалат андар баландӣ аст роҳи мо,
Заволу сарнагуни мустамандӣ аст роҳи мо.
Ватан бо мову мо ҳам бо Ватан пайванд,
Ватан бо мову мо ҳам бо Ватан дилбанд.
Зиҳӣ, эй Сарвари воло,
Ки ин миллат тӯӣ, Меҳан тӯӣ,
эй қалъаи номуси побарҷо,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!

НИШОНИ ИФТИХОР

Ба муносибати бо унвони олии
«Пешвои асри XXI» мушарраф гардидани
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Пешвои аср гаштан – ин имомат будааст,
Ин имомат фарзи меҳроби сиёсат будааст.
Тоҷдориҳои мо бар сар ҷилои нав гирифт,
Ин имомӣ устуворихои ҳомат будааст.

Пешвои асри нав будан шукӯҳи миллат аст,
Пешво дар киштии уммеди Нӯҳи миллат аст.
Дар Бадахшони сиёсат лоҷувардии мақом
Дар Бадахшони сиёсатҳо футӯҳи миллат аст.

Бистуяк асрест асли хешро бишнохтан,
Хешро аз нав ба тоби завқи олам сохтан.
Табли шодиро навозад одаму олам зи сулҳ,
Дар мақоми табли шодӣ тори дил бинвохтан.

Бистуяк асрест асри тоҷу асри тоҷдор,
Асри ному асри номус асту асри нангу ор.
Худшиносиҳои мо азми худогоҳӣ бувад,
Худшиносиҳои мо бошад нишони ифтихор.

Парчами шукрона дар боми сиёсат ҷилвагар,
Бошад ин армони қалби тоҷикони номвар.
Пешвои асри мо, олимақоми асли мост,
Асли моро васл бошад бо мақоми додгар.

ОҲАНГИ НОМУС

Набошад то дили ман ёдгоҳи Тоҷикистонам,
Нагирад ҷой мушкилнописандӣ то ки дар ҷонам,
Насозам то талошу ҷаҳдҳо бар аҳду паймонам,
Нагардонам агар пайванди дил ҷамъу парешонам,
Қасам бар ҷони ҷонам, нестам фарзанди ин миллат.

Ятиме гар набинад дасти имдоду сахоямро,
Ба роҳи ҷонфидоӣ гар намонам нақши поямро,
Навое то набахшам сози умри бенавоямро,
Ба аҳли дарди мушкил то набахшоям давоямро,
Қасам бар ҷони ҷонам, нестам фарзанди ин миллат.

Агар ки дур хоку оби кишвар аз назар монад,
Агар ки шермарди халқу миллат пушти дар монад,
Ниҳоли орзуи миллатам гар бе самар монад,
Агар ки решаи уммед дар зери табар монад,
Қасам бар ҷони ҷонам, нестам фарзанди ин миллат.

ВАТАН

Бе Ватан ҷон ба тан намеғунҷад,
Беватан дар кафан намеғунҷад.
Ҷои бегона бахши меҳмонист,
Кас дар он одатан намеғунҷад.

Бошад аз меҳри ӯ табу тобам,
Ҷои дигар намебарад хобам.
Саҷдагоҳи ман аст ҳар сӯяш,
Дар Ватан қибларо намекобам.

Ҷон, ки аз ҷабри тан садо дорад,
Беватан дар кафан садо дорад.
Булбуле дар қафас ба гӯшам гуфт:
Сози дил дар Ватан садо дорад.

Нигаҳи беватан пур аз зорист,
Зӯрию зар раҳи хатокорист.
Меҳри моҳиву об дар дунё
Беҳтарин мояи Ватандорист.

Ёри дар назъи ҷони ширинро
Қатраи оби ин Ватан шаҳд аст.
Заҳри ғурбатчашида медонад,
Дар Ватан заҳр дар даҳан шаҳд аст.

ИСТИҚЛОЛИЯТ

Чист Истиқлолият?
Сарбаландиву сарафрозӣ ба ҷон,
Қадри худ бишнохтан то ҷовидон.
Қасри бунёди саодатмандӣ аст,
Нахли ширинмеваи пайвандӣ аст.

Чист Истиқлолият?
Дар Бадахшони сухан лаъли Яман,
Зар шумурдан зарраи хоки Ватан,
Ишкро омехтан бо ҷону тан,
Аз қафас парвоз бар сӯи чаман.

Чист Истиқлолият?
Дар сари минбар сари нанг асту ном,
Гул шамидан аз гулистони мақом.
Бошад аз аҷдоди Сомонӣ паём,
Ки ҳамин донед умри бардавом.

Чист Истиқлолият?
Қуллаи уммедҳоро сохтан,
Парчами фахру фараҳ афрохтан,
Най ба тамъи найшакар бинвохтан,
Деви навмедӣ ба чаҳ андохтан.

Чист Истиқлолият?
Пайки бахту муждаи озодӣ аст,
Дар Ватан сарманшаи ободӣ аст.
Маҳви чуғзи ғам зи тири шодӣ аст,
Ишқи Ширину дили Фарҳодӣ аст.

Чист Истиқлолият?
Дидаву дилро зиё бахшидан аст,
Бар ятиме муттако бахшидан аст,
Бенавоеро наво бахшидан аст,
Интиҳоро ибтидо бахшидан аст.

Чист Истиқлолият?
Раҳ кушудан дар дили кӯҳи Ватан,
Роҳ паймудан ба сӯи анҷуман.
Боғи уммедест дар дашту даман,
Тоби хуршедест андар ҷону тан.

Чист Истиқлолият?
Бар ватангумкардагон огоҳӣ аст,
Шаҳсутуни бахту тахти шоҳӣ аст.
Ибрате аз меҳри обу моҳӣ аст,
Дар ватандорӣ муҳаббатхоҳӣ аст.

Чист Истиқлолият?
Мояи эҳсосу дарки ифтихор,
Дар дили фасли хазон пайки баҳор,
Иттиҳодеро намудан устувор
Бошад ин армони қавми тоҷдор.

Чист Истиқлолият?
Муҳри маҳтоб аст аз сандуқи шаб,
Номаи меҳрест аз асли насаб,
Ояти шукрона пиндораш ба лаб,
Ваҳдати моро ҳамин бошад сабаб.

НИШОНИ МО

Ба ифтихори қомат афрохтани
Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишони мо чу сарв қад кашидааст,
Нишони қадбаландро кӣ дидааст?
Баландиаш нишони сарбаландӣ аст,
Баландиаш зи миллати ҳамидааст.

Нишони мо нишони ориёиҳост,
Нишони роҳи миллат асту роҳи рост.
Ба ин баландӣ азми мо баланд бод,
Ки ин нишон нишонаи мақоми мост.

Низомнома шарҳи ин нишон бувад,
Низоми набзи ифтихор он бувад.
Нишони мустақил, ки аст рамзи он,
Нишони иттиҳоди тоҷикон бувад.

Нишони мо нишони тоҷи офтоб,
Нишони тахти кӯҳу муҳри моҳтоб.
Нишони шаҳкитоби рӯзгори мо,
Нишони сафҳаҳои ганҷи беҳисоб.

Ба хӯшагандумаш, ки зарҳалин бувад,
Нишони чашмсерӣ аз ҳамин бувад.
Ба хотами ливои ҳалқагунааш
Шукуфтагии пахтааш нигин бувад.

Ситораҳои нуқрагину тоҷи зар,
Нишони асли тоҷикони тахтшин
Ба осмони бахти мо ҷило диҳанд,
Ҷилои тоҷу тахти мардуми матин.

АФРОХТА МО ДИРАФШ БАР БОМИ ФАЛАК

Дар хотира мазмуни баланд аст ливо,
Бар гӯши дилам ҳикмату панд аст ливо.
Чун боли хаёл пар кушояд рангин,
Аз ранги хаёли дилписанд аст ливо.

Тоҷаш ба мисоли шӯълабарги фонус,
Ин тоҷи сари баланди нангу номус.
Дар вожаи парчам аст сад нукта ниҳон,
Сад маънии бинҳуфта ба ҷилди қомус.

Дар ранги сафедаш, ки бувад бахти сафед,
Рамз аст ба сабзиаш баҳори уммед.
Русурхии мо бувад ба ранги сурхаш,
Тоҷ аст ба домани шафақ чун хуршед.

Афрохта мо дирафш бар боми фалак,
Бардошта бо ливои худ коми фалак.
Дар домани атласаш ба зар бинвиштем
Сад розу ниёзи хеш бар номи фалак.

Ҳар хурду бузурги ин Ватан хушҳоланд,
Аз парчами қадбаланди мо меболанд.
Ҳангоми гузар паррандаҳои кӯчӣ
Бӯсида дирафши мо, ба рӯ мемоланд.

САРҚОНУН

Беҳрӯзии мо зи тоҷу тахти мо шуд,
Покиза зи ёд рӯзи сахти мо шуд.
Сад шукр, ки бахтномаи мо дар даст,
Сарномаву шаҳномаи бахти мо шуд.

Осудагии замона аз қонун аст,
Иқболи накӯ ҳамешагӣ афзун аст,
Эй дӯст, биё, меҳру муҳаббат варзем,
Сарсабзии мо зи юмни Сарқонун аст.

Бахти ҳама бахту бахти мо Сарқонун,
Шаҳномаи тоҷу тахти мо Сарқонун.
Бар чашми ҳасуду рашки кӯтаҳназарон
Девори низоми сахти мо Сарқонун.

Эй дӯст, магӯ банди чарову чунем,
Мо бандахудову банди сад қонунем.
Бар ганҷи кӯҳи дигар надорем ниёз,
Сар бар сари сармояи сарқонунем.

Аз ҷаҳд ба ризқи хеш асҳоб шудем,
Дар кӯҳи баланди ном арбоб шудем.
Дар ҳар вараҚи кушодаи Сарқонун
Сад ранҷ ба сар кашида, даҳ боб шудем.

Сад нома аз ин пеш агар моро буд,
Аз номаи бахт кай хабар моро буд?
Сад ояту даҳ сура аз ин Сарқонун
Раднома ба чашми каҷназар моро буд.

КОХИ БЕГАЗАНД

Ба ифтихори ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ

Ин қасри бошукӯҳи китоб аст қасри ном,
Ин қасри ҳикмат аст ба мо умри бардавом.
Ҳафтод пушти дигари моро ҳидоятест,
Гарданд баҳраманд аз ин ганҷи нотамом.

Моро Китобхонаи миллӣ асолат аст,
Аз он фароғате, ки дилу ҷони ҳолат аст.
Дар ҳукми худшиносию паймони доварӣ
Кӯҳи умедворию ганҷи адолат аст.

Ин қасри Мавлавиву Ҳилоливу Рӯдакист,
Ин Кохи пири Тӯсию Хайёму Анварист.
Дар муҳри моҳи ҳукми ҳукумат навиштаест:
«Ин кохи бегазанди забоне, ки модарист».

Ин саҷдагоҳ Каъбаи армони миллат аст,
Гирдоварии ганҷи парешони миллат аст.
Шаҳномае ба рӯҳи бузургони тоҷдор
Аз кӯлвори ҳиммати Раҳмони миллат аст.

ЭҲДО БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ

(Аз чорабиниҳои 25-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Эй чеҳраи пурзиёи миллат, хуш бош,
Шоистатарин бақои миллат, хуш бош.
Дар роҳи мурод бо шумоем, Шумо,
Эй раҳбари раҳкушои миллат, хуш бош.

* * *

Худ фидо дар роҳи паймон кардӣ.
Сад биёбонро гулистон кардӣ.
Сарзамини пора-пора гаштаро
Ҷамъ карда Тоҷикистон кардӣ!

* * *

Ҷони ширинро фидо кардӣ ба миллат, зинда бош!
Дарди қисматро даво кардӣ ба миллат, зинда бош!
Дар раҳи ҳифзи ватандорӣ ҷавонӣ бохтӣ,
Хидмати худро адо кардӣ ба миллат, зинда бош!

ТАФСИРИ СИЁСАТ

Сиёсат чист, медонӣ?
Ба кӯҳи Бесутун армони Фарҳод аст,
Ба бозӣ чун хасе дар панҷаи бод аст.
Гаҳе, ки бонги фарёд аст,
Пас аз як лаҳза имдод аст.
Гаҳе чун манзили вайрон,
Гаҳе як мулки обод аст.

Сиёсат рангҳои дилнишину дилбазан дорад,
Сиёсат ҷону тан дорад.
Сиёсат ҳам Ватан дорад,
Сиёсат дарки оғоз асту анҷом аст.
Ва ранги ибтидояш субҳу ранги дигараш шом аст,
Сиёсатбоз рассом аст.

Ҳамон мурғе, ки озод аст, аммо дар хати дом аст,
Ҳамон парвози эҳсос аст, аммо то лаби бом аст.
Ҳавои навбаҳорон аст,
Дигар мешавад ҳар дам.
Гаҳе пайдо зи шодӣ асту гаҳ аз ғам,
Гадоро мекунад Ҳотам,
Ҳавои разми Суҳроб аст бо Рустам.

Сиёсат чист, медонӣ?
Асои Ҳазрати Мусо,
Ки садҳо сеҳр аз худ мекунад эҳдо,
Даме бар мурда ҷон бахшад,

Гаҳе аз зинда ҷон гирад,
Ки бар тафсири эҳдояш забон гирад.

Сиёсат шишаро санг аст,
Сиёсат оташи нанг аст.
Зи уқёнуси имон ҷӯи инсоф аст
Ва ҳар кас гуфт, ки медонамаш, лоф аст.

Сиёсат панду ҳикмат медиҳад моро,
Ба путки дарду ғам лат медиҳад моро.
Гаҳе осори давлат медиҳад моро,
Гаҳе озори савлат медиҳад моро.

Сиёсат шеъри бунёд аст,
Ки вазнаш дар хату дар мисраи бишкаста озод аст.
Ва мазмунаш бақои зидагиву мулки обод аст.

Сиёсат шаҳри зебову чароғон аст,
Касе аз кӯчааш берун шавад, охир пушаймон аст,
Ғарибафтодаеро монаду ҳар дам парешон аст,
Ба мисли боди раҳгумкарда сарсон аст.

Ҳамон кухе, ки сад пайроҳаи пурпечро дорад,
Касе, ки каҷ бимонад пой, меафтад.
Ва аз по дуртар аз ҷой меафтад,
Сиёсат ҳам чунин бошад.
Сиёсат дар ҳамин бошад.
Сиёсат қанд,
Сиёсат панд,
Сиёсат фанд.

Ҳамон қанде, ки аз панд аст,
Ҳамон қанде, ки аз фанд аст.
Ҳамон панде, ҳамон фанде, ки дар қанд аст.
Сиёсат ҷодаи дилгармӣ астӣ, на зи дилсардӣ,
Хиёнат дар сиёсат носипосӣ асту номардӣ.
Хиёнатпеша дар саҳни сиёсат хор мегардад,
Ба ранги муҳри ҳукми ҳокимонаш зор мегардад.

Сиёсат чист, медонӣ?
Зи ҷон бигзаштану дар хеш ҷон додан,
Ғарибафтодаро зӯру тавон додан.
Падаргумкардаро як коса об, як пора нон додан.
Сиёсатпешаро андеша мебояд,
Ба хоки адлу инсофаш
Зи нахли ақли олӣ реша мебояд,
Ба шохи ноумедӣ аз тавонаш теша мебояд.

Сиёсатпеша бояд достон бошад,
Сиёсатпеша дарки ҷовидон бошад,
Ба дил меҳру ба тан монанди ҷон бошад.

Сиёсат бому дар дорад,
Сиёсат болу пар дорад,
Сиёсат ҳамсафар дорад,
Даме дар тӯшааш заҳру
Даме шаҳду шакар дорад.

Сиёсат чист, медонӣ?
Сиёсатнома шеъри Мавлавӣ бошад,

Сиёсат “Маснавии маънавӣ” бошад.
Сиёсат панду ҳикматҳои Ҳофиз аст,
Сиёсатро магӯ, ки чизи ночиз аст.

Барои Оли Сомон Рӯдакӣ дарси сиёсат буд
Ва шеъри «Бӯи ҷӯи Мулиён» аз ин башорат буд.

Сиёсат макри шайтонист,
Сиёсат роҳи раҳмонист.
Ҳар он кас, ки ба макраш дил ниҳод,
Шарманда мегардад.
Касе дар ҷодаи яздониаш по мениҳад,
Поянда мегардад.
Ки дар дунё
Ба зери боми гардун
Шодмону зинда мегардад.

РОҲИ ТИЛЛОЙ

Ба ифтихори кушодашавии роҳи оҳани
Душанбе – Кӯлоб – Қӯрғонтеппа

Ин роҳи дилу роҳи муроди Ватан аст,
Ин роҳкушоие ба сад анҷуман аст.
Ин раҳ на зи оҳану зи тиллост, ба мо
Аз Раҳбару Пешвои армоншикан аст.

Роҳе, ки кушода гашт, бар ҳар тараф аст,
Ин роҳи саодат асту шаъну шараф аст.
Барҳам занад ин роҳ ҳама монеаҳо,
Осонгари мушкил асту роҳи ҳадаф аст.

Мо ҳам чу қатораҳои роҳи оҳан
Ороста саф ҳамеша дар ҳифзи Ватан.
Шодем, ки ин сиёсати раҳсозӣ
Бо дил шуда ҳаммаром дар мулки сухан.

Ин раҳ ки кушода гашт, раҳ сӯи бақост,
Ин роҳи муборак асту аз сулҳу сафост.
Эй ҳамватанон, раҳи дигар нест ба мо
Ҷуз ин раҳи паймуда, ки аз Сарвари мост.

ПАРАНДАҲОИ МУҲОҶИР

Парандаҳои муҳоҷир, агар сухан гӯед,
Ба ҳар ки дур бувад аз Ватан, Ватан гӯед.
Давои дарди парешонӣ аст сарҷамъӣ,
Ҳамин васила зи асрори анҷуман гӯед.

Парандаҳои муҳоҷир, ба сафҳаи тафсир
Нишони шаҳхати парвоз мешавад тадбир.
Ба барги сабзи дарахтон ҳамеша сабт бувад
Рисолате, ки ба дӯш аст дар шумо чу сафир.

Нишони фасли тамузеду фасли армонҳо,
Ба вақти болзанӣ ризқатон шавад пайдо.
Мабод он ки ба гулгашти сабзи хотираҳо
Муҳоҷирӣ алами дил шавад, дили шайдо.

Муҳоҷирии шумо ибрати Ватандорист,
Садоқате, ки шуморо бувад, зи ғам орист.
Аз ин садоқату аз ин раҳи Ватандорӣ
Ба роҳи ёди шумо ашки дидаҳо ҷорист.

Парандаҳои муҳоҷир, агар сухан гӯед,
Ба гӯши боди парешон зи анҷуман гӯед.
Ба номи ҷони азиз эҳтироми тан гӯед,
Ба ҳар ки дур бувад аз Ватан, Ватан гӯед.

ШЕЪРЕ БАРОИ ЛОФӢ

Ту намехоҳӣ аз оғоз, ки шоир бошам,
Ту намехоҳӣ аз оғоз, ки дар шеъру сухан
Давлати моҳир бошам,
Ботин аз меҳри Ватан меҷӯшад,
Дил майи ҷоми сухан менӯшад.
Ту намехоҳӣ аз оғоз, ки дар саҳнаи худсози ҳунар
Давлати зоҳир бошам.
Гӯиё, як ту Ватан дорию мо не,
Гӯиё, ки ту сухан дорию мо не,
Гӯиё ҷон ту ба тан дорию мо не.
Сухани ту сухани манфиат аст,
Ватани ту Ватани манфиат аст,
Чамани ту чамани манфиат аст,
Ҷони ту дар бадани манфиат аст.

Табъи мо оинаи нур бувад,
Ки дар он кӯр бубинад худро.
Шеъри мо оинаи меҳр бувад,
Ки дар он
Каси аз марзи Ватан дур бубинад худро.
Дарди мо оинаи дармон аст,
Дили ранҷур бубинад худро.
Ту ки дар саргаҳи бозори сухан
Ҳамчу бозаргонӣ.
Мефурӯшиву харидор наӣ,
Мерабоиву вафодор наӣ.

Сухани пӯчи ту нешест ба тан,
Сухани лӯчи ту заҳрест ба ҷони Меҳан.
Оқибат заҳр ба ҷон,
Оқибат неш ба тан,
Бо ҳамин мағзи сари пӯч,
Бекафан, лӯч ба хокат монанд.

Маснади мансаби мо тахти сухан,
Минбараш – минбари кӯҳи Меҳан.
Ҳар чи гӯем, зи ҷон мегӯем,
Ҳарфи озодаву озоди тавон мегӯем.
Маснади шоириям табъи худодода бувад,
Муҳру имзо напазирад ҳаргиз,
Ҳукми ноҷо напазирад ҳаргиз.
Варна гирӣ зи мо
Қаламу дафтару табъи воло.
Ватан аз мо натавонӣ дуздид,
Табъи моро натавонӣ дуздид.
Додаи доди Худоро натавонӣ дуздид.
Лофи беҳуда мазан дар бари соҳибватанон,
Ки Ватандор будан нест маро ҳеҷ осон.
Гар Ватан тан бошад,
Ман дар он ҳастам ҷон.

ҲУШДОР

Ҷаҳон аз оташи иғвогари бенанг месӯзад,
Ливои меҳр дар қабзи адоватҳои бефарҳанг месӯзад.
Ба ҳоли тифлакони дарбадар аз даҳшати хунхор,
Бо ҳоли модарону хоҳарони зор,
Дили сарсахту танги санг месӯзад.
Биё, бо шеваи шеъру тарона дарди ҳам гӯем,
Зи Наврӯзи фараҳафзо сухан бар гӯши ғам гӯем.

Магӯ аз сархати қисмат, ки мебинӣ ба пешонӣ,
Ҷаҳон андар кафи тақдирҷунбон аст,
Магӯ аз панди оқил чун бари девона биншинӣ,
Замон тафсири аз худ рафтани фарзанди инсон аст.
Магӯ, ки ростиро безаволӣ бин,
Ки шохи сарв дар пайроҳаи сангин
Асои дасти шайтон аст.
Биё, бо шеваи шеъру тарона дарди ҳам гӯем,
Зи Наврӯзи фараҳафзо сухан бар гӯши ғам гӯем.

Ба пире, ки ба риши хеш менозад,
Макун бовар,
Ки зеби ноз дар зулфи парешон аст.
Ба марде, ки кулаҳро каҷ ниҳода,
каҷ нишаста, каҷ нигаҳ дорад,
Макун бовар,
Ки каҷрафторӣ аз дунёи морон аст.
Биё, бо шеваи шеъру тарона дарди ҳам гӯем,
Зи Наврӯзи фараҳафзо сухан бар гӯши ғам гӯем.

МАРАНҶОНЕД ШОИРРО

Маранҷонед шоирро,
Ки бар дӯши дилаш бори муроду ранҷи ғам дорад.
Хати пайроҳаи эҷоди ӯ аз гиря нам дорад.
Зи даври Рӯдакӣ аз носипосиҳо,
Зи беқадрии Фирдавсӣ алам дорад.

Маранҷонед шоирро, ки ӯ парвардаи ранҷ аст,
Ба кӯҳи обрӯю эътибори миллаташ ганҷ аст.
Ва ӯ оинаву оинаи Искандарӣ дорад.
Рисолатзода асту рифъати пайғамбарӣ дорад.
Ба шеъраш панду ҳикматҳои аҳди доварӣ дорад.

Касе дар оташи номус чун шоир намесӯзад,
Фақат шоир ба чашми дил
Ба ҳар пасту баландӣ дида медӯзад,
Ба шеъраш дар дили ҳар номуроде
Шуълаи уммед афрӯзад.
Чу шоир ҳеҷ кас ҳамсанги миллат нест,
Чу шоир ҳеҷ кас дар нанги миллат нест.

Маранҷонед шоирро,
Ки оҳаш аз дили ранҷида туғён аст,
Ба ҷонаш бонги исён аст,
Ба мушкил роҳи осон аст.
Агар ранҷад,
Ба гӯшаш ҳар чӣ гӯӣ аз каломи меҳр,
Ҳазён аст.

Ҳамон қавме, ки бар фарқи Ҳилолӣ сангборон кард
Ба гӯристонашон,
Бар номашон,
Ҳар раҳгузар
Санги маломат афканад ҳар дам.

Ба пушти шонаи Айнӣ
Ҳамон қавме, шафақ аз хуни ӯ афрӯхт
Зи тобаш
Тозиёна сӯхт.
Ҳамон ҳафтоду панҷи тозиёна
Ҳафсаду ҳафтоду панҷи зарби лаънат шуд
Ба номи ҳафсаду ҳафтод пушти қавми дур аз суд.

Маранҷонед шоирро,
Агар шоир биранҷад,
Ранҷи ӯ тӯфони таърих аст,
Агар шоир биранҷад,
Ранҷи ӯ чун оташе дар ҷони таърих аст.
Аз он ҷабру ҷафоҳо алҳазар гӯед,
Ба гӯши шоирон ҳарфи зафар гӯед.
Ки мурғи табъашон парвозҳо дорад,
Ҳама анҷоми умри шоирон оғозҳо дорад.
Ба дил сарманшаи сӯзу нидои созҳо дорад.

Кунун ҳам дар фазои пуштаву тал
Рӯҳи саргардони Туғрал
Ба уммеди гиребонгирии қотил,
Гашта маътал.

Зи чашми Чашмаи Носир ҳамешорад
Кунун ҳам ашкҳои Носири Хусрав,
Ки гӯиё
Ба хоки нарми гуфтораш,
Ба пиндораш, ба рафтораш
Ба ҷои гандум ӯ пошид тухми ҷав.

Ба шоир аз ҳама қимат раҳу дунёи эҷод аст,
Барояш меҳрубониву навозиш мулки обод аст.
Қафас марг асту банди дарду ҳасрат ҳалқаи дор аст,
Ки шоир мурғи озод аст,
Маранҷонед шоирро.

Маранҷонед шоирро,
Магирёнед шоирро.
Ки ашки дидаи ӯ
Ашки сӯзон аст.
Ва ашки дидааш аз гиряи ҷон аст,
Ки бандад доғ ӯ бар домани таърих,
Ва ҳар бегонае бинад агар,
Бар ҳоли миллат сахт механдад.
Маранҷонед шоирро!

ПАХТАЧИНДУХТАР

Қаддат мисоли пахтаниҳоли маҳиннах аст,
Рухсораҳои пахтагулат ношукуфта монд.
Дар кӯкаҳои норасии синаат, дареғ,
Сад бӯса ғусса гаштаву рози нуҳуфта монд.

Гул кард шона-шона агар пахтазор душ,
Мӯи маҳиннахии туро қабза-қабза канд.
Ранги сафеди пахта зи рӯи сафеди туст,
Бар ҷои қанд хурдӣ аз ин пахтазор фанд.

Ҷуз ғӯзапоя такягаҳат ҳеҷ кас нашуд,
Чун кӯраки шукуфта лабонат кафидааст,
Ашкат ба рӯи барги лабони нафиси ту
Бар ҷои шаҳди бӯса чу шабнам чакида аст.

Сармояе ба ҷашни арӯсии ту дигар
Дар зери деги ош ба ҷуз ғӯзапоя нест.
Аз тафси офтоби тамузӣ амон маҷӯ,
Ҷуз сояи ниҳолии қадат ҳеҷ соя нест.

Гулзори ишқи туст ҳамин пахтазори ту,
Сад бор аз алам ту зи он гӯш мекашӣ.
Такдир гуфта, пахтаниҳоли шукуфтаро
Чун ҳамнафас ба хирмани оғӯш мекашӣ.

Тиллои саб-сафед чу кӯҳи сафед шуд,
Подош лек ҳалқаи тилло надидаӣ.
Кампахта кардаанд ҷиҳози арӯсиат,
То рӯзи тӯй гарчи ба ҷон пахта чидаӣ.

ВАТАН БЕҲ АСТ

Ба муносибати бозгашти Бозор Собир

Ба оғӯши Ватан саддаста бо меҳр
Чу бигрифтем Бозори Бухоро,
Дигар даъвои савдо нест моро,
Ба даст ояд Бухоро бемадоро.

Зи чашмони пур аз маънии Бозор
Ҳамехонам дигар ин байти зотӣ:
Зи нозу неъмати кӯи ғарибӣ
Ватан беҳ аст бо чою чапотӣ.

Ба рағми кардаи Маҳмуди худхоҳ
Магӯ, ки Раҳбари дигар чӣ созад?
Яқин арвоҳи Фирдавсии Тӯсӣ
Зи кори Сарвари тоҷик нозад.

Қади зебандаи Бозори Собир
Сафедорест дар шоми пур аз нур.
Чӣ гӯям, дар хиёбони дил, охир,
Ба маънӣ ҳайкали меҳр аст аз дур.

Нигоҳи реб-реб аз чашм гум шуд,
Аз ин осудаҳолӣ панд гиред.
Силоҳи ришдорон ҳам қалам шуд,
Тумори тарс аз гардан бигиред.

Дигар бозори пурғавғо чӣ суд аст?
Бимон, Бозори шоир шеър хонад
Ба ҷои дарду озори замона,
Ки мурғи меҳр дар дил лона монад.

ЭЪТИРОЗ

Ба мухолифони андешаҳои Бозор Собир

Гапи Бозор ба ҳар сӯ накашед,
Гапи Бозор ба бозори ҳаёҳу накашед,
Ҳамаи гуфтаи берабти Шумо ташвиш аст,
Дар бари рӯи сухан чун риш аст.

Баҳси беандеша
Дар замини дили пурдард надорад реша,
Сухани пучу ғаразолуд аст,
Дар назаргоҳи адабгуфторон
Гарду чанг асту ғубору дуд аст.

Ҳар чи Бозор дар ин қофила гуфтаст, ҳақ аст!
Сухани пургила гуфтаст, ҳақ аст!
Ҳадафи марҳила гуфтаст, ҳақ аст!

Сухани гунг нагӯед,
Пунба аз гӯш бигиред,
Ки ба ҳар хомӯшӣ
Хуфта бошад фарёд.
Баски дар сояи кӯҳ
Хуфта бошад Фарҳод.

Пой аз курпа бурун ёзидан,
Хешро дар масали зоғ шиносонидан.
Шамъро ҳамсафи хуршед ва ё маҳ дидан,

Таҳти оҳанги дафи душмани худ рақсидан
Нест аз аблаҳие беш,
Бувад ин тоифа аз асл бадандеш.

Мо дуогӯи ҳамонем, ки дар ҳифзи Ватан
Дар сари дор
Чу сари минбари озоди сухан
Ҷилва созад ба назаргоҳи ҳама,
Якрӯву якдилу яктан.

ҚУЛЛАИ ОВОЗ

Ба Файзалӣ Ҳасан

Дар қуллаи овози ту овоза кашол аст,
Овозаи овози ту ҳамболи шамол аст.
Гӯянд ҳунар чист, ҳунарманд чӣ сон аст?
Овозаи овози ту посух ба савол аст.

Овози ту гардида Бадахшони ҳунарманд,
Бинҳуфта дар он лаъли дурахшони ҳунарманд.
Пуртобтарин тан бишуморем тани ту,
Гӯянд ҳунар бошад агар ҷони ҳунарманд.

Дар қалъаи овози ту ганҷе, ки ниҳон аст,
Ин ганҷи ҳунар бар ҳама кас роҳати ҷон аст.
Ин қалъаи овоз, ки шуд лонаи булбул
Долони ҳамин қалъа барои дигарон аст.

ФАВВОРАИ ОВОЗ

Барои Саидқул Билол

Қатраи фавворои овози ту
Мечакид аз новаи гӯши дилам.
Метаровид аз рагу пайвандҳо
Хуни Озарми Сиёвуши дилам.

Шаҳди шаҳтути муҳаббат ҳар гаҳе
Мечакад аз домани овози ту,
Савти «гандумлола» меояд ба ёд
Аз фазои хирмани овози ту.

Дар дилу дар ёдҳо ҷо гаштаӣ,
З-он ки савти меҳр аз дил хондаӣ.
«Аз мукофоти амал ғофил машав»,
Дар китоби сурхи санъат мондаӣ.

ОИНАМАНЗАР

Дишаб андар бистари хобат,
Бо тани пур аз табу тобат,
Дар назар оинаи ғарқи ҷило будӣ,
Балки чун оинаи девории мо
Қаднамо будӣ.
Ман чӣ ҳад мехостам дар бистари оина сар монам,
Ман чӣ ҳад мехостам андар шаби одина сар монам.
Дар бари сармоя бар монам,
То саҳар дар оғӯши оина дармонам.
То шиносам хешрову хешро бо ту шиносонам,
Қалби пур аз решро бо ту шиносонам,
Шоҳ гардам як шабеву
ҳолати дарвешро бо ту шиносонам.
Дар қади оинаат оини зебоӣ ҷило медод.

Ман чӣ ҳад месохтам худро?
Ман чӣ ҳад мебохтам худро?
То қадамро ҳамқади оинаат бинам,
Дар ҳаду дар сарҳади ҷӯи танат бинам,
Қад-қади ҷӯи танат бинам.

Як шабе оинаи дунёнамоям шав,
Зарра-зарра хешро дунё бубинам,
Як шабе оинаи дарёнамоям шав,
Қатра-қатра хешро дарё бубинам.
То бубинам хешро як бори дигар
Дар бари оинаманзар
Мушти хокистар.

ХОТИРА

Одати кӯдакии беақлӣ
То ба пирӣ намеравад аз хун.
Ҳар гаҳе кӯдакӣ ба ёд ояд,
Ақлро мекунам зи сар берун.

Мешавам аз ҳақиқаташ ғофил,
Меравам аз хаёли афсона.
Бӯи деҳа чу мерасад бар ёд,
Мекашам оҳи дил ғарибона.

Харсаворӣ, ки мерасад ба ёд,
Мекунам хешро ба ёдаш хам.
Баччаам рӯи пушт биншаста,
Мекашад тавқи гарданам ҳар дам.

Маркаби ман намурдааст охир,
“Мерседес” асту лек бе ҷон аст.
Хурҷинашро агарчи гум кардам,
Ҷузвдонам ба кифт авезон аст.

Шаҳсавории ман агар пурсӣ,
Даври маркабсавориям бошад.
Кӯдакиям ғуломи озодист,
Кош ин давр пириям бошад.

Гуфтам имрӯз меравам деҳа,
Баски дар шаҳр сахт дилгирам.
Лек аз шарми бевафоиҳо
Кӯдакиро хабар намегирам.

БА НУРИДДИН САИД

Оғӯши дил кушой агар рӯзи иди мо,
Баргӯ сухан ба маъракаҳо аз навиди мо.
Гул мекунад Ватан ба висоли Ҳукуматаш,
Бошад агар вазир Нуриддин Саиди мо.

РУТБАИ ОДАМГАРӢ

Ба Сафиаллоҳи Азизуллоҳ

Дасти ман бар осмон гар мерасид,
Оби раҳмат бар сарат мерехтам.
Аз ситора рутба карда бо ҳавас,
Дар сари китфи ту меовехтам.

Вожаи саф решаи номат бувад,
Саф кашидан ифтихори афсар аст.
Рутбаи одамгариат баҳри мо
Аз тамоми рутбаҳо болотар аст..

ПАЙКИ УМЕД

Барф меборад,
Сатрҳои барфӣ гӯям.
Сатрҳои барфиам
дар қолаби шеъри сафед аст.
Сатрҳои барфиам пайки умед аст.

ЧАШМИ РӮЗ

Ин саҳар аз ҷонамози субҳ
Бар саропои намозиям
Нурпошӣ мекунад хуршед.
Чашми рӯз аст ин, ба мо афтид,
Осмон якчашма моро дид.

ДЕҲИ ХОТИР

Чун кадӯ дар деҳи хотирҳо
Кӯдакӣ дар шохаи тут аст.
Чеҳраи хуноби рухсораш
Рангҳои сурхи шаҳтут аст.

АРМОНИ ДИЛ

Шабе, ки модарам меҳмони мо буд,
Ҳавои шаҳр бӯи деҳа мекард.
Аз он, ки қиблагоҳам бистарӣ буд,
Дуову саҷда сӯи деҳа мекард.

Ба кунҷи хонаи беҳавлии ман
Фурӯ мерафт дар худ хомӯшона,
Нигоҳаш бар нигоҳи ман ҳамегуфт,
Чӣ гум кардам дар ин чорошёна?

Чӣ медонад, ки дар ин шаҳри обод
Насиби баччааш танҳо ҳамин аст,
Ки ҳар шаб то дами субҳи мусаффо
Ду пояш канда аз рӯи замин аст.

Аё модар, ту медонӣ,ки ҳар шаб
Муаллақ менависам шеърҳоям.
Муаллақ мебарад хобам ба болин,
Муаллақ дасту по кӯбам ба ҷоям.

Аё модар, касе сармоя дорад,
Ҳабибу ҳамнишини офтоб аст,
Бубин, ки баччаи ангурчашмат
Ба зери сояи ангур хоб аст.

ДАСТИ САДОҚАТ

Барои ҳамсарам

Маъюсам аз хиҷолати маъюбдастияш,
Сарҷамъ фикр мекунаму мешавам пареш.
Бинвиштааст дар кафи дасташ ба хуни дил:
«Бечора чорагар нашавад дар мақоми хеш».

Якдаста ҳаст, мекунад оғӯш ними тан,
Месӯзам аз нигоҳашу ҷон медиҳам ба чашм.
Ҳис мекунад зи сурати ман чашмгушнагӣ,
Худро валек сер нишон медиҳам ба чашм.

Сад бор агар зи ҳолати маҷрӯҳияш ба умр
Чун таънасор оҷизу беҳол гаштаам,
Ҳарфи маломате нашунида зи ҳеҷ кас,
Гӯшам ба зери тоқӣ аз ин лол гаштаам.

Ҳар гаҳ ки аз сурохии чашмони қаҷназар
Мори нигоҳ таъназанон мегазад маро,
Позаҳри сабр гарчи давобахши ман шавад,
Лек оташи хиҷолати худ мепазад маро.

Дишаб зи боби ҷуфти муносибу нораво
Сад қисса ёд кардаву абри баҳор шуд.
Аз шарм сурх гаштаву аз дида хун гирист,
Болину бистарам ба назар лолазор шуд.

Гуфтам, магӯ зи оини зоҳирпарастҳо,
Содиқ набошад он, ки ба ин такя мекунад.
Феъли ҳавобаланд нагардад нишоти умр,
Пасту баланд ҳам ба замин такя мекунад.

Ҳангоми шеърхонии ман рӯи саҳнаҳо
Якдаста кафзанон ба сараш завқ бурдааст.
Зомин ба ризқи кас нашавад то ба хони умр,
Якдаста нон шикаставу якдаста хӯрдааст.

Эҳсоси дасти кам накунад то ба зиндагӣ,
Дасти баланди бахт зи ҷон додаам ба ӯ.
Сад бор дасти шукр ба дасташ фишурдаам,
Дунёи меҳри қофила бикшодаам ба ӯ.

Гуфтам зи боби рӯзи қиёмат ба чорёр[1],
Ранҷаш чу номаест ба дасти дабири мо.
Умр аст агар мизони вуболи савобҳо,
Шояд, ки дасти ӯ бишавад дастгири мо.

[1] Чор писарам.

ТАФСИРИ ОИНА

То аз хати пешона нахонам тақдир,
То дар назари хеш набошам дилгир,
То роҳи нигоҳи ман нагардад тафсир,
Ин субҳ дар оина надидам худро.

Беҷой нишастаму нарафтам беҷо,
Гумгаштаи хешро накардам пайдо.
Асрори нигаҳ то ки бимонад барҷо,
Ин субҳ дар оина надидам худро.

Дар фиттаи наззора, ки сабт аст алам,
Аз ашки алам нам зада девори танам.
Ин ғамзадаро чашм нагӯяд, ки манам,
Ин субҳ дар оина надидам худро.

Гуфтам, ки баҳои кӯдакиям дар чист,
Дар кунҷи хазинагоҳи ёдам боқист.
Фаҳмидам аз он, ки нақши умрам аз кист,
Ин субҳ дар оина надидам худро.

Дидам, ки фараҳ дар дилу дар ҷонам нест,
Аз мушкили худ умеди осонам нест,
Ҳарчанд ки ҷуз оина пазмонам нест,
Ин субҳ дар оина надидам худро.

Дар хоб шабам чу рӯз якранг гузашт,
Андеша чу бод аз сари нанг гузашт.
Дил шишанамо аз раҳи пурсанг гузашт,
Ин субҳ дар оина надидам худро.

Мероси ҷавониам ғами ишқи ту буд,
Хокаш ҳама хокистару гардаш ҳама дуд.
Аз оҳи дилам ғубори чашмам афзуд,
Ин субҳ дар оина надидам худро.

Аз файзи баҳор ин замон бехабарам,
Чун шохаи хушк интизори табарам.
Оина нагӯядам, ки Давлат Сафарам,
Ин субҳ дар оина надидам худро.

ДУО

Сад санги маломат ар бихӯрдам,
Дар чанги хиҷолатам намурдам,
Ҷонро ба фишори дил фишурдам,
Бадро ба худои худ супурдам.

Аз ранҷи кашидаам самар нест,
Аз Юсуфу Мисри дил хабар нест,
Дидам, ки бародарӣ дигар нест,
Бадро ба худои худ супурдам.

Ҳар ки ҳаваси дилам ҳасад гуфт,
Нашнохт марову деву дад гуфт,
Ангоштаам гумони бад гуфт,
Бадро ба худои худ супурдам.

Он кас, ки хаёли ину он кард,
Нашкуфта баҳори мо хазон кард,
Бе ранҷи кашида фикри нон кард,
Бадро ба худои худ супурдам.

Он кас, ки савобро гунаҳ хонд,
Аҳволи маро зи рӯи раҳ хонд,
Аз ишқ ба мо хати сияҳ хонд,
Бадро ба худои худ супурдам.

Маъшуқаи мо надид моро,
Бахшид гуҳар ба санги хоро,
Дилгир шудам аз ин мадоро,
Бадро ба худои худ супурдам.

Оинаи мо ба санг бархӯрд,
Дарду аламам ба нанг бархӯрд,
Ду дида ба гарду чанг бархӯрд,
Бадро ба худои худ супурдам.

Сарҷамъ намешавад парешам,
Бегона намешавад чу хешам,
Нӯш аст дигар мақоми нешам,
Бадро ба худои худ супурдам.

Аз маҳви зиён дигар чӣ судам?
Дар оташи ишқ тору пудам,
Давлат Сафаре, ки дар суҷудам,
Бадро ба худои худ супурдам.

ПАРЧАМИ АЛАМ

Саропо оташам, дар лахчаам сад кунда ғам сӯзад,
Ба рӯи бистару болини ман ашки алам сӯзад.
Дареғи умри ширине, ки яксар дам ба дам сӯзад,
Ту бо ман нестиву нестам бе ёди ту ҳаргиз.

Хати пешонаам шаҳмисраъу шаҳбайти армон аст,
Ба роҳи қисматам санги маломатҳо фаровон аст.
Ҳама пайроҳаи тай кардаи ман кандани ҷон аст,
Ту бо ман нестиву нестам бе ёди ту ҳаргиз.

Касеро, ки ба ту монанд кардам, з-ӯ пушаймонам,
Ҳамоне, ки набуд арзандаи ишқам, ман аз онам,
Дареғо, ки туро дар ҳар нафас беҳуда пазмонам,
Ту бо ман нестиву нестам бе ёди ту ҳаргиз.

Маро аз ман рабудан кори осон буд, мушкил шуд,
Гумонам дар баҳои ишқи ту пайваста ботил шуд.
Ҳамон мурғи ҳавас дар шохи ишқам мурғи бисмил шуд,
Ту бо ман нестиву нестам бе ёди ту ҳаргиз.

Туро гум кардаму гумгаштаам дар бешазори ғам,
Зи худ бегонаву гардидаам хешу табори ғам.
Агарчи шодмонӣ мекунам бо ғамгусори ғам,
Ту бо ман нестиву нестам бе ёди ту ҳаргиз.

Ба ҷои бастаи мӯят ба кифтам кӯҳи ғам дорам,
Пушаймонист аз даври ҷавонӣ ганҷи осорам.
Ҳавасҳои дилам мурданду то мурдан азодорам,
Ту бо ман нестиву нестам бе ёди ту ҳаргиз.

ХУДШИНОСӢ

Хуни дил хӯрдаму ҳар лаҳза, ки хӯрдам ғами ту,
Ҳар куҷо рафтам, аз ин ғамкада бурдам ғами ту.
Дил шудам дар назарат гарчи фишурдам ғами ту,
Ман дар ин роҳ ба ҷуз ишқ надидам чизе.

Шаби ман рӯз шуду қиссаву афсона гузашт,
Мӯсафеди дил аз ин кӯча чу девона гузашт,
Ошно хок ба сар карду чу бегона гузашт,
Ман дар ин роҳ ба ҷуз ишқ надидам чизе.

Дар дил аз дидаву бишнида, ки меболидам,
Лаб-лаби ҷӯй ба лаб хоки сияҳ молидам,
Гарчи аз кардаву нокарда наменолидам,
Ман дар ин роҳ ба ҷуз ишқ надидам чизе.

Зиндагӣ маҳзари оини ҷавонмардӣ буд,
Пушти хона сари андеша ҷаҳонгардӣ буд.
Олами кӯдакиям олами бердардӣ буд,
Ман дар ин роҳ ба ҷуз ишқ надидам чизе.

Сар ба девори ғамат кӯфта сарвода шудам,
Гоҳ дар зикри ҳақу гаҳ зи пайи бода шудам.
Дил набурдам зи касе, таънаи дилдода шудам,
Ман дар ин роҳ ба ҷуз ишқ надидам чизе.

ИСЁНИ ШЕР ДАР БОҒИ ҲАЙВОНОТИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Аз наъраи шерона надорам асаре,
Ҳамтои маро нест зи ҳолам хабаре.
Он қадр ҳақиру нотавонам карданд,
Бар маърази ман фақат расад кӯру каре.

Шоҳии маро банди ғуломӣ карданд,
Бадро зи хаёли некномӣ карданд.
Як умр агар нони худой хӯрданд,
Ширин гӯёну талхкомӣ карданд.

Тақдири маро ба бозие бохтаанд,
Дар панҷара пушти рӯбаҳам дохтаанд.
Бо тӯшаи дасти кӯдакон, сад афсӯс,
Аз шоҳгарии ман гадо сохтаанд.

Ҳампанҷараи рӯбоҳи маккор шудам,
Дар чашми ҳама чу шер ман хор шудам.
Ҳарчанд ки наъра бикашам шерона,
Озодии шеронаи худ зор шудам.

Эй роҳбари боғи вуҳуши оҷиз,
Манмо ту баҳори манзалатро поиз.
Ҳар кор, ки мекунӣ, бикун, будан ман
Ҳамсояи рӯбаҳе нахоҳам ҳаргиз.

Рӯзе, ки агар гузаштам аз дори фалак,
Дар деҳаи «Ҷангалак» бигӯ кори фалак.
Хонед ба гӯши ман суруди фалакӣ,
То он бишавад наъра зи озори фалак.

Имрӯз ҳавову ҳавасам чашми тар аст,
Нахли ҳама уммед ба зери табар аст.
Бар шоҳии ман шеър магӯед дигар,
«Шаҳнома»-и ман гуфтаи Давлат Сафар аст.

ҲОЛ

Бод дар пушти дари хона маро мепояд,
Ки шавам ҳамсафараш дар гузари боронӣ,
То ки аҳволи парешонии ман омӯзад,
То ба гӯше бирасонем ғами дармонӣ.

Нағмаи чак-чаки борон ба паси ин хона
Чак-чаки ашки маро ҷониби худ мехонад.
То ки ҳамроҳ бигирйем ба аҳволи ҳазин,
Гӯи ки ҳама саҳв асту ҳамин мемонад.

Модарам гирякунон гуфт ба хобам дишаб:
«Ки ба қишлоқ биё, шаҳр дигар ҷои ту нест.
Қадри волои ҳунарманд дигар хоки раҳ аст,
Табари беҳунарон баҳри сару пои ту нест».

Падарам гуфт: «Биё, баччаи саргардонам,
Кӯдакият сари ҳар кӯча туро меҷӯяд,
Эй биё, дар лаби кат чойи саҳар нӯш кунем,
Косаи шир хуморест маро аз бӯят».

Падару модари ҷон дасти маро менигаранд,
К-аз маошам бидиҳам оши наҳори мардум.
Ҷайб холиву тиҳӣ дасту дилам пур аз хун,
Чун хиҷолатзада дар бешаи ғам гаштам гум.

Субҳ бо нола бигуфто писари хурдиям,
Сабри мо кӯҳ шавад, ризқ чу арзан гардад.
Нолаи мо зи даҳан ҳар ки гирифтаст агар,
Дар гулӯи писараш наштару сӯзан гардад.

Модарам мунтазири косаи обам бошад,
Ҷуз дуо дар кафи дасти падарам чизе нест.
Ҳолу аҳволи ба худ монда Худо медонад,
Лек бар рағми чунин ҳол ба по бояд хест.

ОРМОН

Аз паси равзанаи хотира диданҳоям,
Аз паси подаи қишлоқ давиданҳоям,
Сар-сари ёла натарсида париданҳоям,
Гӯш нокарда садоҳову ҷаҳиданҳоям.

Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!

Ҷилваи духтари ҳамсоя аҷаб ширин буд,
Давутози мани саргарм аз ӯ ширинтар.
Тути пайвандии бедонаи даргоҳи падар
Ба ҳамин силсилаи давр бишуд шаҳду шакар.

Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!

Ба ҳама ҷамъу парешаш ба хати дафтари умр
Пуштаи сабзу ману досу алаф иншоем,
Тифлии саркашу осудагии танҳоям
Ду муҳитест, ки ҳар фосила бепарвоем.

Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!

Омадам шаҳру хаёлам ба диёрам банд аст,
Кӯдакӣ аз паси ман омада раҳ гум кардаст.
Ё ки Юсуф шуду дар чоҳи фаромӯшӣ монд,
Ҳар чи бошад, ба мани зор ҳама ин дард аст.

Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!

Субҳ мехезаму бар пушти дарам менигарам,
Кӯдакиям шояд дар паси дар омадааст?
Лек метарсам аз он ҳам, ки маро нашносад,
Ё ки бигрехта аз пеши падар омадааст?

Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!

Кӯдакиро дами ҳар шому саҳар мекобам,
Ку бубинам, ба сараш тоқии бахмал дорад?
Ку бубинам, ки сару рӯи харошидаи ӯ
Чӣ нишоне зи ҳамон пайраҳаву тал дорад?

Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!

Кӯдакиҳои маро ҳар ки бубинад, гӯяд:
Шаҳр ҷои дигаре ҳаст, ту дар деҳа бимон.
Интизори мани гумгаштаи шаҳрӣ нашавад,
Ёфтан гумшударо ҳеҷ набошад осон.

Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!

БА ДӮСТ

Бо ҳар касе нишаставу ноне шикастаам,
Баъде, ки рафт, аз пайи пояш ғубор хест.
Аз дӯстони ҷонӣ агар ҷон ба лаб расид,
Аз нонию забониям осори шиква нест.

Гуфто, ки дӯст оинаи рӯ ба рӯи туст,
Аҳду вафои оинадорӣ ба ҷон бубаст.
Оинае, ки акси маро ҷо накардааст,
Оин чӣ буд, ки шишаи қалби маро шикаст.

Оне, ки гуфт қадри ту бо ҷон баробар аст,
Бе ту нафас кашидани ман лаҳзае мабод.
Сад бор лек роҳи нафасро ба ман бубаст,
Як бор дар нафасшиканиям нафас надод.

Гуфто, чаро ки дӯст ба ту рӯи хуш надод?
Гуфтам аз он, ки бар ҳунарам рӯи хуш надошт.
Аз меҳрварзӣ асли ӯ бевасл мондааст,
Дар гӯшаи замини дилаш тухми кина кошт.

Расму русуми дӯстии баччагии ман
Омӯзишӣ буванду вале шаҳр деҳа нест.
Поси намак ба деҳа агар ки ҳақиқат аст,
Дар шаҳр қадри нону намак чун фасонаест.

Аз шонаҳои паҳну барӯманди зиндагӣ
Гӯё чу мӯй дасти садоқат буриданд.
Мастигарии сер, ки аз гушнапуштӣ аст,
«Олот дидааанду кадуро надиданд».

Онон, ки аз савоби худо бӯ намебаранд,
Мӯсичавор гӯй гунаҳро надидаанд.
Аз пеши худ магар ки гиребони хешро
Пеш аз киноя гуфтани кас бӯ кашидаанд?

Як тӯдае, ки тундгаришон муаллақ аст,
Гӯянд мо зи қавми парешони Орашем.
Шеъри варо ба хеш таҳаммул намекунем,
Давлат Сафар зи хок, вале мо зи оташем.

Ин «дӯстон»-и ҷонии душманмаоби ман
Аз бӯстони аҳду вафо гул начидаанд.
Паҳну парешу дарбадаришон мусаллам аст,
Бо нони хони ғайр ба ҷое расидаанд.

Дигар умеди дӯстии кас намондааст,
Дарди маро ба ҷуз аламам нест як даво.
Бо сад ҳунар, ки дар сари як кӯча мондаам,
Дастам гирифтанист, кӣ гирад? Фақат Худо!

ЧАЛАДОР

Аз ҷавонӣ асар аз ишқ намонд,
Чашми дил ашки надомат афшонд.
Фақат аз ишқ ҳамин валвала монд,
«Чала бар дасти сафеди чаладор,
Мо ба соҳиби чала ошиқи зор».

Духтари содаи ҳамсоя ба мо,
Кард бо нозу нузаш ҷабру ҷафо,
Дар дили реш ҳамин буд нидо:
«Чала бар дасти сафеди чаладор,
Мо ба соҳиби чала ошиқи зор».

Сари девору паси кӯҳи алаф,
Орзую ҳавасам гашт талаф.
Байти бинвишта чунин буд ба каф:
«Чала бар дасти сафеди чаладор,
Мо ба соҳиби чала ошиқи зор».

Шаби тӯйи ту дилам гашт ҳазин,
Шаби туйи ту накардам омин,
Шаби тӯйи ту ба гӯш омад ин:
«Чала бар дасти сафеди чаладор,
Мо ба соҳиби чала ошиқи зор».

Гуфтам ин бор ҷавонӣ ёбам,
Чала андар таги сар мехобам,
Он шаб аз ишқ туро мекобам:
Ку ҳамон дасти сафеди чаладор?
Ку ҳамон даҳдаҳаи ошиқи зор?

Нест дар дасти ниёзам ангушт,
То ки гирам чаларо дар кафи мушт.
Бизанам чаллаву муштам бар пушт,
Чала дармонд ба дасти чаладор,
Дар ғами ҳарду шудам хоки мазор.

ЭЙ ШЕЪР

Эй шеър, эй давои ҳама дарди бедаво,
Бегонаам зи пушти ту бо қавми ошно.
Чун равғанӣ ба оташи рашки ҳасудҳо,
Ях бастаӣ ба фотиҳа андар кафи дуо.

Бо такя низ қомати сабзам хамидааст,
Аз шомгаҳ магӯй, ки субҳам дамидааст.
Тифли ҳавас, ки ширдаҳан гашта буд нав,
Нохӯрда шир синаи меҳраш рамидааст.

Эй шеър, эй фариштаи ҷононаи сухан,
Эй шамъи шабфурӯзи шабистони анҷуман,
Дигар куҷо гурезаму аз худ куҷо равам?
Меҳрам, ки бо ту ҷони ба ҷон асту тан ба тан.

Эй шеър, эй фаризаи фармудаи Худо,
Эй вожаи шаҳодати қалби пур аз нидо.
Аз қалъаи баланди ибодатгаҳи вафо,
Ҳар субҳидам азони туро мекунам садо.

НАНГБАРДОР

Эҳдо ба дӯстам А.

Боли озодӣ ато кардӣ
Мурғи илҳоми асириро.
Дидаӣ аз ҳадяи тақдир
Дар ҷавонӣ дарди пириро.

Оташи ранҷат барои кор
Дар раҳи мо шуълаи нанг аст.
Балки фарёди хамӯши ту
Сози ҳастиро ҳамоҳанг аст.

Тобовар шонаҳои ту,
Кардаӣ бар дӯш кӯҳи ғам.
Раҳ наёбад сӯи мо ҳам тир,
Чун сипар бошӣ ба мо ҳар дам.

Зиндагӣ дар банди ҳасрат нест,
Шодӣ ояд баъди ҳар як ғам.
Қуллаи уммед дар пеш аст,
Мерасад рӯзи фароғат ҳам.

Дар дили меҳру муҳаббатҳо
Ҷовидонӣ мисли ҷон бошӣ.
Гар сиёсат парчами давр аст,
Нангбардори замон бошӣ!

АСП

Дар сифати аспи
Шермаҳмади Шоҳиён

Дар ҷилва карашмаи дарӣ дорад асп,
Аз соҳиби хеш боварӣ дорад асп.
Аз ғарқи хаёли шаҳсавор омад ёд,
Беҳуда нагуфтанд, парӣ дорад асп.

Парвардани асп суди ҷон медонам,
Дар хоб савори он зиён медонам.
Маънои шитобу фурсати нақд ба умр,
Аз шиҳаи аспи Шоҳиён медонам.

Аз гардани кӯҳи Балҷувон галла гузашт,
Аз гардани аспи Шоҳиён ранг нагашт.
Аз чак-чаки наъли сумби пояш гӯё
Бо ноз қадам занад паричеҳраи Рашт.

Аспе, ки ба ноз-ноз раҳ мегардад,
Дил аз қадамаш пур зи фараҳ мегардад.
Аз соиши сангу наъли сумбаш зи шарар
Амвоҷи ситора бар нигаҳ мегардад.

ҲУШ ДОР, КИ ҲУШ…

Дар сӯгвории шаҳрвандони ш.Пешовар,
ки аз амали терористӣ фавтиданд

Эй модари мотамзадаи Покистон,
Эй модари мотамкадаи Покистон!
Ҷуз ҳамдамиву ҳамдилию ҳамдардӣ
Дигар чӣ бигӯем зи покии замон,
Аз покию нангу ору ҳам аз виҷдон,
Аз он «амале», ки нест он дар ҳайвон.

Ин қатл на қатли хомии ислом аст,
Ин қатл на қатли ҳомии ислом аст,
Ин қатл ба ислом ба ҷуз доғе нест,
Ин қатл раво ба чӯҷаи зоғе нест.

Ин қатл, ки қатли асру қатли асл аст,
Ин қатл, ки қатли ҳомиёни васл аст,
Ин қатл дар ин аср, ки қатли насл аст,
Бо лаънату бо надомату бо нафрат,
Эй кош, фитанд қотилон дар офат.

Як тӯда, ки толибанд бар тундии хеш,
Аз тӯдаи ҳайвон набуванд онҳо беш.
Дар сояи парчаме, ки ҷаҳл аст, на дин,
Сарҷамъ ба қатланд, ба андеша пареш.

Гӯё, ки ҳама аҳли ҷиҳоданд, дурӯғ,
Гӯё, ки ба ислом ниҳоданд, дурӯғ.
Гӯё, ки саидзодаву эшонанд,
Доди ҳама пайванд бидоданд, дурӯғ.

Ин қавм зи қавми куфру қавми ришанд,
Ин қавми ҳиҷобу қавми сад ташвишанд.
Ин қавм ба ислом надорад рабте,
Дар гардани ислом пайи хоришанд.

Гар бетарафем аз ин, дареғу афсӯс,
Кӯр аст хати ҷабин, дареғу афсӯс.
Кӯрем агар ба дин, дареғу афсӯс,
Бошем агар чунин, дареғу афсӯс.

Исломпаноҳи зишткоранд, дареғ,
Дар чашми замона мисли хоранд, дареғ.
Иблистабори корзоранд, дареғ,
Дар хонаи ислом чу моранд, дареғ,
Морони сиёҳи захрдоранд, дареғ.

Ин қавм, ки толибони паймоншиканд,
Бошанд ба ҷаҳли бедиёнат пайванд.
Аз ҷодаи иблис чу «исломгадо»,
Аз роҳи фаноанду надоранд бақо.

Не айб ба Амрикову не айб ба дин,
Атвори мусулмон бувад аз раҳи кин.
Бозичаи дасти офат аз беақлист,
В-арна нашавад касе ба хуне зомин.

Аз «толиб»-и андеша ҳазар бояд кард,
Аз «толиб»-и береша ҳазар бояд кард.
Аз «толиб»-и дохиливу беруна ҳазар,
Аз «толиб»-и дар беша ҳазар бояд кард.

Ҳампешаи Пешовари мотамзадаем,
Ҳамрешаи Пешовари мотамзадем.
Бар решаи «толибон»-и хунмасти замон,
Мо тешаи Пешовари мотамзадаем.

Ҳуш дор аз ин амал ба хоби ғафлат,
Ҳуш дор аз ин амал ба тоби ғафлат.
Аз ришу фашу ҳиҷобу дасти террор
Ҳуш дор, ба сар аз «инқилоб»-и ғафлат!

АЗ САТРИ СИЯҲ МАҶӮ ТУ БАХТИ ИСПЕД

Барои фаранҷипӯшон

Дар маънии ислом ва ё дар имон
Бар ришу ҳиҷоб такя чун мебояд?
Ҳар қадр агар банди хурофот шавем,
Он қадр ба даври умр ширк афзояд.

Ислом на пайванд ба бори ранг аст,
Ислом на роҳи фитнаю не ҷанг аст.
Не сатр ба сар кардану не саллаву риш,
Ислом ба дил қалъаи ному нанг аст.

Дар сатру ҳиҷоб ҳила дорад иблис,
Пайванд ба сад қофила дорад иблис.
Дар пар-параки домани як қавми риё
Сад шилшилаи силсила дорад иблис.

Дар маънии ранги сияҳи сатр, яқин,
Сад лафзи дигар нуҳуфта бошад аз кин.
Аз бахти сафед шукр мебояду бас,
Дар асл сияҳпӯш бувад ҷину аҷин.

Аз сатри сияҳ маҷӯй бахти испед,
Доман накунад паноҳ рӯи хуршед.
Он чиз ба ботин аст, зоҳир гардад,
Олуча наметавон, ки барчид аз бед.

ДИЛМОНДАГӢ

Ба бозии футболе, ки шаби
14-уми апрели соли 2016 дили писарам
Шаҳболро бохти “Барселона” ғамгин кард

Дина шаб дар бозии футбол
“Барселона” бозиашро бохт.
Дар ду ҳолат ҳам рақиби ӯ
Тӯб ба дарвозааш андохт.

Дар шикасти тими “Барселон”
Ашк рехт аз дидаи Шаҳбол.
Чун намак бар захмҳо мешуд
Хандаҳои ман ба шарҳи ҳол,

Мезад ӯ худро ба рӯи фарш,
Гӯиё ки бе падар мондаст.
Ё ки ҳукми қатли Ленинро
Додрас бар номи ӯ хондаст.

Мушт бар сар бо алам мезад,
Пойро бар пой мепечонд.
Дар ҳавои дард сад нафрин
Бар ҳаводории худ мехонд.

Куртае, ки номи Мессӣ[1] дошт,
Бо шумори даҳ ба бар мекард.
Он шаби қаҳру ғазаб аз тан
Бо маломатҳо бадар мекард.

Сурати Мессӣ бари девор
Дар нигоҳаш зиштрӯ метофт.
Гӯиё бо сӯзани мижгон
Баччаам чашмони ӯ мекофт.

Баъд аз ин, баъд аз чунин аҳвол
Дарк кардам лофро дар фол.
Дил садо карду ба гӯшам гуфт:
Ҳайф аз бедории Шаҳбол.

[1] Мессӣ – футболбози тими “Барселона”.

ПАЁМИ ИШҚ

Умр аст агар табодули ангезаи висол,
Бархурди фаҳми кас нашавад доми қилу қол,
Зулмат, ки ёбад аз карами меҳри мо завол,
Бо соли нав маромн нави зиндагӣ расад.

Дар орзу баҳори дигар сабз мешавад,
Бар рағми кина меҳр ба дил набз мешавад,
Ҳасрат ба ҷони хаста, ки беқабз мешавад,
Бо соли нав низоми нави зиндагӣ расад.

Оҳанги ишқ валвалаи чангу соз бод,
Ошиқ асири ҳамҳамаи розу ноз бод,
Бикшой чеҳра, дасти мурувват дароз бод,
Бо соли нав саломи нави зиндагӣ расад.

Мо дар мақоми ишқ мақоми дигар шавем,
Дар мисраи нагуфта давоми дигар шавем,
Соқӣ биё, ки аз пайи ҷоми дигар шавем,
Бо соли нав паёми нави зиндагӣ расад.

ИШҚИ АВВАЛ

Ишқи аввал – устухони дар гулӯ,
Кай тавон бурдан варо осон фурӯ.

Ишқи аввал – шӯразори бесамар,
Нест осораш ба ғайр аз чашми тар.

Ишқи аввал – нолаи мурғи қафас,
Мебарояд танг аз роҳи нафас.

Ишқи аввал – гирдбоди навбаҳор,
Мекунад тӯфон, намегирад қарор.

Ишқи аввал – шабнами гулбарги боғ,
Мекунад ҳар лаҳза худро доғ-доғ.

Ишқи аввал – сабзаи фасли хазон,
Дар таги хасрӯбаҳо дорад фиғон.

Ишқи аввал чун бигардад шӯълавар,
То абад хокистараш дорад шарар.

Ишқи аввал сӯзи беандоза аст,
Сӯхтан дар оташи овоза аст.

ШЕЪРИ РӮЗ

(Ба шайх Темури мардумфиреб ва мардуми ковокимон)

Шайхи тазвир, ки як зумра ба домаш афтонд,
Ҳар чи аз ақл бурун буд, дуояш мехонд.
Дар ҳақаш олами тафсир чӣ бошад, дардо,
Ки ба ҳар маънию ҳар боб забон дар мемонд.

Халқ аз нодонӣ
Дар сари минбари ҷодуй мақомаш доданд,
Ҳадяи ғайб ба номаш доданд.
Дод аз аблаҳию тарсӯй,
Бари дӯшизаи маҳрӯй хиромаш доданд.

Сурати «шайх», ки дар манзара чун иблис аст,
Сирораташ ноқис аст.
Чун тавон бовар кард?
Ки ӯ аз олами улвист барои мардум,
Дони ҷав ҷав гӯяд, дони гандум гандум.
Баски дар бешаи андешаи ғайр
Ӯ нагардад саргум.

Шайх – ин Аттор аст,
Шайх – ин Саъдии хушгуфтор аст.
Шайх онест, ки аз бухлу тамаъ
Хешро пок нигаҳ медорад.
Гурги нафсаш ҳама дам
Пой номонда, зи раҳ медорад.

Ин ҳама шайхтарошиҳоро,
Дар назар олами нопайдоро,
Минбари «Ҳотифи беҳамто»-ро,
Парчами лашкари Барсесоро,
Беибо ҷилваю ҷавлон додем,
Бар тани мурдаи пӯсида зи нав ҷон додем.

Ҳар касе қабза занад риш агар,
Ояте хонад агар аз минбар,
Ҷомаи зарҳалӣ орад дар бар,
Ё ки ӯ салла бимонад бар сар,
Дастҳо бӯсида,
Лаби домон-ш ба рӯ мемолем.
Пешаш аз ризқи ками хеш чунон менолем,
Ба дуое, ки ба мо ҳадс занад, меболем,
Балки бо мижжа раҳаш мерӯбем,
Аз гиребону бараш мебӯем,
З-оби гандидаи аз мустаҳабаш
Дасту рӯ мешӯем.
Дод аз аблаҳию тарсӯй,
Дод аз ҷодӯй.

Гӯиё зиндагии мост тумору таштоб,
Раҳи тақдир аз инҳо меёб:
Луқмаи сеҳр бидоданд туро андар хоб,
Мансабатро, ки бад-ин роҳ бигиранд аз ту,
Иззататро имшаб,
Балки чун моҳ бигиранд аз ту.
Ҳама пирони туро хор намуданд, дареғ,
Ҳама пирони туро мор намуданд, дареғ.

Оҳ, қурбон бинамо як гӯсфанд,
То раҳонам ҳама пирони азизат аз банд.
Духтари қадраси бокираи худ
Дар никоҳи ман агар нест, даво кай ёбад?
Ба ҳамин ҷину аҷине, ки ба ӯ ёр шудаст,
Оқибат мехобад.
Оҳ, шармандаи олам гардӣ,
Пас бигӯ, ки ту чӣ гуна мардӣ?
Дод аз аблаҳию нодонӣ,
Дод аз васвасаи шайтонӣ,
Дод аз ҳамҳамаи тарсондан,
Дод аз ҳилаи «шайх»-и сонӣ.

Сарпарастони чунин «шайх» ба ҷои гӯсфанд,
Бубояд дар банд.
Сарпарастони чунин «шайх» бубояд нӯшид,
Об аз мустаҳабаш пеш аз ид.
Падару модари дӯшизаи дар банди хиҷил,
Ки надоранд аз инсоф мақоме дар дил,
Аз сари маърака ин зот бадар бояд кард,
Ибрати аҳли башар бояд кард.

Чашму гӯше, ки бидиданду шуниданд чунин бераҳмӣ,
Дар сару рӯй мабод.
Дастҳое, ки ба шайхи тазвир
Пеши бар карда, ба таъзим буданд,
Шарафи хеш бидоданд ба бод,
Канда бодо ин даст,
Ки зи беақлию беимонӣ
Ба ҷаҳолат пайваст!

Қавми дилбовари беандеша,
Ҳастии хеш аз ин шайхтарошон диданд.
Ба хаёле, ки чунин аст шариат
Ҳамагӣ тарсиданд.
Қибла дигар карда,
Дар мақоми барда.
Сӯи як қабр гузоштанд намоз,
Гӯиё маъбади роз асту ато баҳри ниёз.
Вой аз васвасаи шайтонӣ,
Вой аз чораи «шайх»-и сонӣ».

Чӣ замонест, чӣ ҳол?
«Ҳоҷӣ»-ю «мавлавӣ»-ю «шайх» ба доми тазвир,
Ботини хеш намоянд ба ҷурме зоҳир.
Раҳи афсона ҳақиқат гӯянд,
Дасту по банд ба доми шаҳват
Ростиро, ки зи каҷ меҷӯянд,
Ҷои гул чизи дигар мебӯянд.
Бӯсаро, бӯса нагӯянд зи рухсору лаби маҳрӯён,
Ҳар чи ширк аст, бибӯсанд аз он.
Вой аз фалсафаи нодонӣ,
Вой аз «ҳоҷӣ»-ю «шайхи сонӣ»,
Вой аз мавлависозиву раҳи шайтонӣ.

Аз нигоҳи ислом,
Аз нигоҳе, ки зи оғоз надорад анҷом,
Қавми раҳгумзадаро қавми чӣ гӯянд? Мапурс!
Мурдаашро ба чӣ шӯянд? Мапурс!
Кафанашро зи чӣ дӯзанд? Мапурс!
Чандрӯянд? Мапурс!

Бешараф, беномус,
Зиштхӯянд? Мапурс!
Ман нагӯям, ту мапурс!
Ман нагӯям, ки нагӯям, ту мапурс!
Вой аз обруи рехтаи шарманда,
Вой аз шайхи зи имон канда!

Кош, ки ҳалқаи тасбеҳи чунин бешарафон,
Ҳалқаи дор шавад дар дӯзах.
Оби аз мустаҳаби қавми худобехабарон
Баҳрашон
Заҳраки мор шавад дар дӯзах.
Мижаи духтараки содаи афсунбурда
Бар тани шайхи ҳақи мардуми нодон хӯрда
Сӯзану хор шавад дар дӯзах,
Ки дигар чораву тадбир надорад қонун
Дар баҳои афсун.
Ҷуз дуои мардум,
Ку ҷазое ба чунин шайхтароши раҳгум?

Хати пешона чӣ сон шарҳу чӣ тафсир кунанд?
Ҷои меҳроб чӣ тасвир кунанд?
Такя бар чӣ,
Ба чӣ сон пир кунанд?
Дарки фатвои кӣ гиранд ба сар?
То нагардад раҳашон мушкилтар.
Чӣ мақом арҷ гузоранд дигар?
То зи аъроф наафтанд, чунон аз минбар.
Вой аз луъбатакони ҳазён,
Вой аз бесарии саргардон!

Амали шайхтарошони замон
На кам аз террор аст.
Маънии «куфу суф»-и «дармоншон»
Олами фитнаву истисмор аст.
Балки дар домани поки ислом
Ширкашон доғи сиёҳ аст, дарег,
Дар фазои маънӣ
Бикрашон зоғи сиёҳ аст, дареғ.

Бар «куфу суф»-и пур аз ширк тфу,
Ба кафи дасти пур аз чирк тфу!
(Ба ҳамон каф, ки на лоиқ ба дуо бошаду не бар бӯса).
Ба ҳамон хона, ки гӯянд «ибодатгаҳ»-и шогирдон аст.
Балки он хона пур аз ҳайвон аст,
Ба ҳамон сирк тфу!
Вой аз «куфу суф»-у тавтеаҳои «сӯфӣ».
Вой аз шайхтароши пуфӣ!

Гапи ногуфтаи мо
Аз гапи гуфтаи мо бисёр аст.
Аввали шеър ва ё дар охир
«Алҳазар», маънии оташбор аст.
Алҳазар, эй мардум!
Алҳазар, эй мардум!
Аз ҳамоне, ки надорад имон,
Аз ҳамоне, ки бувад пайрави роҳи шайтон!

ЁСУМАНИ ШЕЪР

Барои шоираи нозукбаён Фарзона

Забони шеър тӯй, шеър ин паёми ту аст,
Кабӯтари нафаси гарми шеър роми ту аст.
Фазилате, ки дуои фариштагон дорад,
Кароматаш чи хушо, ки ба кому номи ту аст.

Бигӯ, бигӯ сухани ишқ, зеби анҷуманӣ,
Бигӯ ту аз Ватани ишқ, соҳиби Ватанӣ.
Нафас-нафас бисаро, то қафас-қафас бирахем,
Шаҳомати ҳама тасвирҳои Ёсуманӣ.

Каломи ишқ, майи ишқ, ҷоми ишқ турост,
Дигар касе, ки сарояд ба ишқ, ҳарфи хатост.
Садо-садо ту бубахшо ба шеър, бонг бизан,
Садои булбулу кабки чаман ба гӯш ҷафост.

Биё, ки бо ту гули ишқ ҳам кушояд рӯ,
Ба мушку анбари шеъри ту мешавад хушбӯ.
Биё, биё, ки малак дар ниёзи нози ту аст,
Биё, ки гӯши фалак бо садо-т гирад хӯ.

Ба доми ишқ, ки ҳушёр гашт девона,
Вафову аҳд надорад чу духтари хона.
Вале ба олиҳаи шеъру шарҳи бесуннат,
Мисоли фарз бувад гуфтаҳои Фарзона.

МАВҚЕЪ

Исми ман бо садоқат аст пайванд,
Раҳи ман нест бастаи ҳар банд.
Якдилу якмарому якдинам,
То ба андеша раҳ наёбад фанд.

Пар кушоям ҳар он гаҳе чун боз,
Бо кабӯтар набошадам парвоз.
Гар бубинам, ки нест ҳамсангам,
Рӯй метобам аз фарози ниёз.

Якравиям магӯ, ки беақлист,
Даҳ, ки гуфтам, намешавад он бист.
Раҳ гирифтам агар ба роҳи нанг,
Раҳ магирам, магӯ, ки «Ҳоло ист»!

ОРМОНИ ТОҶИК

Ба холи ҳиндуи он турки Шероз
Намебахшам хасу хори Бухоро,
Намебахшам ба садҳо ишваю ноз
Самарқанди азизу оламоро.

Ҳазорон дард дорам аз Самарқанд,
Ҳазорон доғ дорам аз Бухоро.
Фаро меояд он рӯзе, ки қисмат
Фурӯзон мекунад армони моро.

Ба рӯҳи Рӯдакиву Ибни Сино,
Ба тоҷу тахти Сомонии воло,
Ба хишти қасри Шоҳи Зинда савганд,
Ки моем аз Самарқанду Бухоро.

Кунун ҳам ҳукм дорад дар Бухоро
Фазои тоҷикӣ ҳар субҳу ҳар шом.
Насими фазлу фаҳм аз кӯчаҳояш
Ҳамеоянд аз дурии айём.

Макони нангу номусӣ, Бухоро,
Сари болои мо бошӣ, Самарқанд.
Чакад аз ранги муҳри пешвоён
Ҳуруфи ошнову ҳикмату панд.

Бухоро гавҳари ангуштарин аст,
Самарқанд ахтари рӯи замин аст.
Бинозам он бузургеро, ки гуфта,
«Бухоро маркази ислому дин аст».

Куҷо рӯзе намози субҳу пешин
Гузорам дар Самарқанду Бухоро?
Ба асру шому хуфтан то бигӯям
Ҳазорон шукр тадбири Худоро.

Ба рағми ин ҳама дору мадоро
Душанбе мешавад рӯзе Бухоро,
Бухоро мешавад рӯзе Душанбе,
Кунад тадбир Ҳақ тақдири моро.

РУҶУЪ

Дар ин ҷо гӯфтугӯ бо ёр дорам,
Маро аз чоҳи ғам берун наоред.
Хиёбони дили дардошноям
Ба номи Ҳазрати Юсуф гузоред.

Маро аз дарду ғамҳоям мапурсед,
Саропо дарду оҳам, дарду оҳам.
Агар якумра дар зиндон бидоред,
Дигар ишқи Зулайхоро нахоҳам.

Давои чашми Яъқуби Паямбар
Агар пероҳани гумгаштааш шуд,
Чӣ сон дармони дарди хеш ҷӯям
Зи даври тифлии гумкардаи худ?

Хати ожанги рӯям чун хати роҳ
Зи кӯи кӯдакӣ бошад нишона.
Хати тақдири ман пайваст ногоҳ
Ба роҳи санглохи шоирона.

Сари зонуи модар гиряи ман,
На гиря, балки шеъри кӯдакӣ буд.
Дуои модари шабзиндадорам
«Ҳазорон сол зиҳ»-и Рӯдакӣ буд.

Ба ҷавлонгоҳи табъи бодпоён
Саманди шеъри ман дорад нишона.
Ғизои хешро аз хирмани моҳ
Бичӯяд мурғи илҳомам шабона.

Дигар ҷабри Зулайхову ғами чоҳ
Чу хоби кӯдакӣ дар дил нагирам.
Ба пайвандони дилбандам бигӯед,
Ки дар Мисри Душанбе ман амирам.

ТАЪКИД

Дасти ангури сияҳ бигрифтааст
Аз гиребони сафедори баланд,
Бо саропои ба худ печидааш
Гуфт бо даъвӣ зи ҳоли мустаманд:

Меваамро дар матои баргҳо
Буғча карда дар миёнат бастаӣ.
Бо ҳамели гарданат аз хӯшаам
Шишаи қалби маро бишкастаӣ.

Бо чунин ғасбе ба болои сарам,
Ҷилваи гардандарозӣ мекунӣ.
Хешро афканда дар оғӯши ман
Дар ҳавои бод бозӣ мекунӣ.

Пас сафедори баланди нозанин,
Хешро ёзида бар ангур гуфт:
Эй, магӯ беҳуда дарди хешро,
Доди поёнро зи боло кай шунуфт?

Аз чӣ шоху бар ба ман печондаӣ?
Аз чӣ сар дар китфҳоям мондаӣ?
Дастҳо ёзондаӣ бар гарданам,
Худ намедонӣ, ки чун дармондаӣ?

Шукр гӯ, ки такягоҳат гаштаам,
Варна меафтӣ ту бар рӯи замин.
Ҳар куҷое қад кашӣ бе такягоҳ,
Боз рӯ орӣ ту бар сӯи замин.

ФАРХОР

Ту бузургӣ, бузургиатро
Пораи санг хуб медонад.
Ҳар касе чашм дӯхт бар хокат,
Хати таърихро ҳамехонад.

Ҳар кӣ ношукр гашт аз файзат,
Хор гашту дубора зорат шуд.
Лолазорони туст рӯсурхӣ,
Сари сабзи ту сабзазорат шуд.

Қолаби хишти шеър бар дӯшам
Мебарам ҳар тараф, куҷо монам?
Раҳи бунёди туст эҷодам,
Туҳфае ғайри шеър натвонам.

Розҳои ниҳони тақдират
Дар дили сангпора мемонад.
Васли Рӯдобаро ба Зол асло
Аз қазо ҳеҷ кас намедонад.

Фахр мекарду фахр хоҳад кард
Тоҷикистон ба номи Фархоре.
Сарҳади дахлнопазири варо
Рӯҳи Чилтан[1] бувад мададгоре.

[1] Чилтан – бузургворе дар Фархор.

Бо ҳама зевару зари таърих
Қалъаи Золи Зар, ки заркорист,
Рӯи домони кӯҳи шабрангат[1]
Шири пистони пистаҳо ҷорист.

Дар хати растаҳои гумномат
Шеъри ногуфтаро намедонам.
Дар қадамгоҳи навбузургонат
Гимни Шаҳномаро ҳамехонам.

Гар бинозӣ, ки аз раҳи таърих
Қалъа бо номи Золи Зар дорам.
Ман зи хишти садоқати воло
Дар дилам қалъаи дигар дорам.

Вақти падруди рӯҳи армонӣ
Турбатамро ба погаҳаш монед.
Ояти дафни ҷисми сарди маро
Аз баландии қалъааш хонед.

[1] Шабранг – кӯҳи Қаратоб дар ноҳияи Фархор.

РАНҶ

Аз худиҳо ранҷ мебинам,
Аз каси бегона метарсам.
Номуродиҳо сиёсат шуд,
Роз гуфтанҳо амонат шуд.

Баъд аз он, баъд аз ғаниматҳо
Ошноӣ то лаби дарёст.
Баъд аз ин, эй ашк, пайғоме,
Хандаи тифлонаам, падруд!

ХОТИРА

(Суруд)

Аз умр чӣ дидам?
Ҳарчанд давидам,
Аз боғи навозиш
Ҷуз хор начидам.

Бигзашт ҷавонӣ
Чун дарди ниҳоне,
Бегона чӣ донад?
Аз хеш, ки монӣ.

Нашкаст хуморам,
Бигзашт баҳорам.
Дар оинаи умр
Монанди ғуборам.

Дар олами ҳастӣ,
Дилро, ки шикастӣ,
Девона чӣ донад,
Ҳушёрию мастӣ?

Не ҳамнафасе буд,
Не додрасе буд.
Ишқи дили зорам
Мурғи қафасе буд.

Аз ғам бадар оям,
Дигар чӣ сароям?
Дард аст ҳама умр
Дар фикри давоям.

Он ширдаҳанҳо
Ҳай хокдаҳан шуд.
Аз шаҳд чӣ пурсӣ?
Заҳре, ки ба тан шуд.

Пирӣ ба сар омад,
Аз ғам хабар омад,
Марг аст ки гӯё
Дар пушти дар омад.

БАРОИ ТУ

Барои ту ҳама савоби ман гуноҳ шуд,
Барои ту ҳама гуноҳи ман паноҳ шуд.
Нафас гирифта будам аз ҳавои ишқи ту,
Кунун биё, бубин, ки дар лаби ман оҳ шуд.
Ҳанӯз ҳам умед дар канори ман,
Ки аз ғами ҷаҳони ту раҳо шавам.
Дилам шикасту сӯхт, пора-пора гашт,
Намурдаам, ки бо ту ҳамнаво шавам.

Магӯ, ки ҷуфти дигариву ман хаёлиам,
Магӯ, ки аз муҳаббати ту холиам.
Дили ману ту сарбасар,
Ғами ману ту дарбадар
Ва тифли орзуи мост бепадар.
Барои бо ту ҳамсафар шудан намурдаам,
Барам ҳазор шукри он, ки зиндаам.

Биё чу нур дар барам,
Даро чу нур аз дарам.
Биё, ки аз қудуми ту баҳор мерасад.
Фусурда беди назди хона сабз мешавад
Ва шояд он дами висол
Дубора сабз мешавем,
Барои якдигар
Ва дар вуҷуди якдигар
Ману ту набз мешавем.
Биё, ки зиндаам ба ёди ту ҳанӯз,
Биё чу субҳи хандарези рӯз…

ДАР БАРАМ ЧУН ЁРИ ҶОНӢ НЕСТ

Сад биёбон кардаам гулгашт,
Зиндагӣ аз хотирам бигзашт.
Бо ғамаш кардем ҳафту ҳашт,
Аз раҳи дил бехабар мондам.

Додарам ҳолам намепурсад,
Бахту иқболам намепурсад.
Аз пару болам намепурсад,
Дур аз ёди падар мондам.

Кӯдакиям ғофил аз ёд аст,
Чун хасе аз панҷаи бод аст.
Хоки поям доду фарёд аст,
Бехабар чун гӯши кар мондам.

Кӯдакиям ёди ранҷур аст,
Ҳиссаи як хӯша ангур аст.
Оби талху кулчаи шӯр аст,
Чун ятиме пушти дар мондам.

Дар раҳи беҳудаи номус
Офтобам мешавад фонӯс,
Мехӯрам аз зиндагӣ афсӯс,
Бо ғами худ сарбасар мондам.

Мӯсафеди кӯдакӣ беҳанг,
Ҷои дил дар сина дорад санг.
Мекунад бо сояи худ ҷанг,
Дар ғами афсона дар мондам.

Об гаштам, ғам ки шуд соҳил,
Дар дили дарё фишурдам дил,
То саҳар дар домани мушкил
Доғ аз хуни ҷигар мондам.

Дил, ки аз ҳамсоядухтар монд,
Номаам дар байни дафтар монд.
Ошиқиҳое, ки аз сар монд,
Нахли ишқи бесамар мондам.

Пир бе ёди ҷавонӣ нест,
Ишқварзӣ шеърхонӣ нест.
Дар барам чун ёри ҷонӣ нест,
Ҳамраҳи Давлат Сафар мондам.

ЧОРЁР[1]

Эй чор писар, чор сутуни дили ман,
Пайванд ба ҳар қатраи хуни дили ман.
Бар чор тараф қиблагаҳам, шукри Худо,
Чор аст дигар чарову чуни дили ман.

Пайванд бувад ба зиндагӣ осорам,
Бор аст рисолатам, хушам аз борам.
Аз курсию мӯҳру ҷоҳ парво накунам,
Аз лутфи Худо давлати дунё дорам.

Ё раб, караме зи туст бар мо ҳар ҷой,
Бар чор писар чорагариро бахшой.
Дар домани лутфи туст ҳар буду набуд,
Бар даргаҳи бениёзиат дорем рой.

Эй чорагарони чашми чори модар,
Эй чорбародарони зори хоҳар.
Ҷуз чор бари хеш маҷӯед дигар,
Бегона ба бегона нагардад ёвар.

[1] Ба писаронам Беҳрӯзҷон, Лутфулло, Шаҳбол ва Ворис.

ДУОИ БАЪДИ ХАЙРУ ЭҲСОН

Худоё, дидаву дилро сафо деҳ,
Зи имони мукаммал муттако деҳ.

Наёбад раҳ ба дил армони иблис,
Ки навмедист дар паймони иблис.

Карам бахшой назратро ба муъмин,
Ки ҳарфи гӯш бошад ҳарфи Ёсин.

Азоби қабри фарзанди мусалмон
Зи мушкил раҳ кушо то сӯи осон.

Маризи нотавонеро тавон бахш,
Ба қалби мурда аз ишқат равон бахш.

Бадар бинмо зи дил рашку ҳасадро,
Бубахшо нек ҳар анҷоми бадро.

Вафо бахшо ба насли бемурувват,
Мадоро гарчи бошад аҳди қувват.

Ҳар он дарде, ки бар дӯши ятим аст,
Зи модар ё падар ё ҳарду ним аст,

Фараҳ бахшой армони дилашро,
Гираҳ бикшой банди мушкилашро.

Бидеҳ тавфиқ бар дилҳо ту яксон,
Ки бетавфиқро умр аст арзон.

Чароғи илмро дар дил барафрӯз,
Иродатмандиро бар мо биомӯз.

ҒАЗАЛИЁТ

* * *

Мо ба он рӯз расидем, ки Истиқлол аст,
Мо ҳамон манзара дидем, ки Истиқлол аст.

Дар нафас ғулғула кардем фараҳмандиро,
Чун дили хеш тапидем, ки Истиқлол аст.

Даст афшондаву по кӯфта дар боғи умед,
Меваи сабр чашидем, ки Истиқлол аст.

Аз дарахте, ки ба шӯр омада дар панҷаи бод,
Хиш-хиши барг шунидем, ки Истиқлол аст.

Найшакар гуфта лапидем ба ҷон хоки Ватан,
Най ба маҳвора кашидем, ки Истиқлол аст.

Хандаи субҳ, ки гулдастаи хуршед бувад,
Гули гулдаста шамидем, ки Истиқлол аст.

Чун кабӯтар ба лаби бом, ки меболидем,
Ҷониби кӯҳ паридем, ки Истиқлол аст.

Қатраи об, ки шӯри дили дарё бошад,
Чун дили қатра кафидем, ки Истиқлол аст.

Ҷомаи фахру фараҳ бар тани дил пӯшонда,
Ҷомаи кӯҳна даридем, ки Истиқлол аст.

* * *

Нишони эҳтироми мо, Ливои мо
Шукӯҳи нангу номи мо, Ливои мо.

Ба олами фазои сулҳу дӯстӣ
Кабӯтари паёми мо, Ливои мо.

Ба фатҳи қуллаи муроди наслҳо
Умеди бардавоми мо, Ливои мо.

Ба сафҳаи сафеду сабзу сурхи бахт
Нишони сад каломи мо, Ливои мо.

Ҷилои бахту нури ифтихори дил
Бувад ба рӯи боми мо, Ливои мо.

Ба пешвозу эҳтироми дӯстон
Шаҳодати саломи мо, Ливои мо.

Ба рангҳои ӯ зи меҳр ҷилва аст
Чу рӯймоли моми мо, Ливои мо.

Ба саҷдагоҳ шукр гӯй аз ифтихор
Ба ҷонамози номи мо, Ливои мо.

* * *

Мулки обод аст Истиқлоли мо,
Нахли шамшод аст Истиқлоли мо.

Сад қафас бишкасту дар парвоз шуд,
Мурғи озод аст Истиқлоли мо.

Бояд аз дил саҷдаи шукрона кард,
Каъбаи ёд аст Истиқлоли мо.

Дар билоди сарнавишти тоҷдор
Қасри бунёд аст Истиқлоли мо.

Дар замини кишвари озодагон
Роҳи имдод аст Истиқлоли мо.

Фахр аз мероси Сомон мекунем,
Моли аҷдод аст Истиқлоли мо.

Сад биёбон обшорон мешавад,
Ранҷи Фарҳод аст Истиқлоли мо.

Барфурӯзон оташи хомӯшро,
Юсуфи шод аст Истиқлоли мо.

Боди навмедӣ ба дигар кӯй рафт,
Садди ҳар бод аст Истиқлоли мо.

Дар камоли худшиносӣ то абад
Юмни афрод аст Истиқлоли мо.

Дар хати пайроҳаи уммедҳо
Нақши эҷод аст Истиқлоли мо.

Дар амон бошем аз чашми ҳасуд,
Бас Худодод аст Истиқлоли мо.

* * *

Ҳар лаҳза дар ишқи Ватан дил мешавад шайдо,
Ҳар қатра дарё мешавад, ҳар заррае дунё.

Ҳар лаҳза аз меҳри Ватан маъвои нав гирем,
Дар ҷони мо ҷо мешавад дар ҳар нафас маъво.

Нек аст бар мо зиндагӣ аз файзи Истиқлол,
Гул мекунад дар ҳар нигаҳ пайдову нопайдо.

Хуршеди бахти мо бувад ҳар лаҳза нурафшон,
Ҳар рӯз эҳё гаштаву як умр побарҷо.

Дар хеш ово гаштаем, овои мо сулҳ аст,
Мо аз фараҳ рӯидаем асли фараҳ аз мо.

Дар парчами номуси мо тоҷи вафодорист,
Меҳри Ватан шуд маҳзи ҷон, бодо чунин бодо!

* * *

Дар ҷону дилам навои Истиқлол аст,
Осудагӣ аз ҳавои Истиқлол аст,

Дарде, ки ба талхиаш ҳақиқат бошад,
Ширинии ӯ давои Истиқлол аст.

Нуре ки ба чашму рӯи мо мерахшад,
Аз валвалаи сафои Истиқлол аст.

Сарҷамъии мо рағми парешониҳост,
Оинаи пурҷилои Истиқлол аст.

Дар ҳар нафасе нафас бувад Истиқлол,
Ҷону дили мо фидои Истиқлол аст.

Меҳри ману ту ҷудо нагардад ҳаргиз,
Дар ҳар дил агар вафои Истиқлол аст.

Бошад Раҳмон чу шахсутуни миллат,
Ин Ваҳдати мо бақои Истиқлол аст.

* * *

Шаҳраги ҷону танам васл ба ҷони Ватан аст,
Бонги номусу шараф бонги азони Ватан аст.

Заррае хокам агар, тобу табам дар ҷӯш аст,
Қувва дар бозую зону ба тавони Ватан аст.

Чашмсерем, сари хони касе нест ниёз,
Дар танӯри дили мо кулчаву нони Ватан аст.

Домани сабзи талу пушта, ки сарсабзии мост,
Сабз дар сабз саропои ҷаҳони Ватан аст.

Гар ғарибе накунад ёди Ватан, беном аст,
Ёди даргоҳи падар ному нишони Ватан аст.

* * *

Ба гурзандози маъруфи
тоҷик Дилшод Назаров

Гурзпартоӣ агар аз давраи бобоӣ аст,
Дар нишони худшиносӣ нашъаи лолоӣ аст.

Баъд аз ин, ки дастболо гашт Дилшоди Назар,
Нангу номи Тоҷикистон дар ҷаҳон тиллоӣ аст.

Обрӯ аз оби тиллоист дигар пурҷило,
Худшиносӣ гашт тиллоиву тилло шуд зи мо.

Рӯи худ бо оби тилло шуст Дилшоди Назар,
Баъд аз ин хуршед мегирад зи рӯи ӯ зиё.

Гурзи Рустам бенишон буду ба дасти мо расид,
Субҳи тиллоии шуҳрат бар сари миллат дамид.

Эй зиҳӣ Дилшод, аз нанги ватандории ту
Парчами мо парфишон гардид дар рӯзи саид.

* * *

Тан чӣ медонад, ки ҳиҷрат кардани ҷон мурдан аст,
Қалби холӣ аз фазилатҳои имон мурдан аст.

Мо аз он тадбир меҷӯем, гӯё аз азал
Зиндагӣ гар мушкил ояд, кори осон мурдан аст.

Гар надорад ҳар касе номусу нанги зиндагӣ,
Дарди беномусро дар даҳр дармон мурдан аст.

Ёдгори умр ғайри номи неке беш нест,
Сархамӣ аз кори бад пеши бузургон мурдан аст.

Най ба оҳанги ҷудоӣ гуфт бар гӯши дилам:
Нолаи бечорагӣ андар найистон мурдан аст.

Аз биҳишт омад паёме нимашаб дар хоби ноз:
Зистан бе хоку оби Тоҷикистон мурдан аст.

* * *

Панду андарз аст ҷони тарбият,
Парчами ақлу нишони тарбият.

Дар танӯри гарми меҳри модарон
Луқмаи пок аст нони тарбият.

Даст бояд кард пиндори малеҳ,
Дар фаросӯи инони тарбият.

Гӯшбоде не, саропо гӯш бод
Дар раҳи бонги азони тарбият.

Кард бояд гавҳари эҳсосро
Ғарқ дар баҳри дамони тарбият.

Васл бошад шаҳраги фарзандро
Васл бо рӯҳи тавони тарбият.

Бояд аз гулбоғи сабзи орзу
Меваи андарзи хони тарбият.

Дар сари гаҳвораву оғӯши мом
Тифлро бошад макони тарбият.

Мӯҷиби фахру раҳи сарсабзӣ аст
Домани сабзи амони тарбият.

Луқмаи пок аст фармуди Худо,
Насли поки ормони тарбият.

НОМА БА РӮҲИ МАВЛАВӢ

Ман он дардам, ман он дардам, ки бедармон бадар оям,
Ман он боди пур аз атрам, ки ҳангоми саҳар оям.

Ба ангушти ишорат дӯст моро сӯи худ хонад,
Ман он бедасту бепоям, ба меҳр оям, ба сар оям.

Ҳамон ҳоли ба ҳал мушкил, ҳамон ҳоли савори ҳил,
Ба маҷлисҳо ба сад фарёди дил бо гӯши кар оям.

Ҳамон савдо, ҳамон ғавғо, ҳамон овои аз боло,
Ҳамон девонаи дармондаам, то пушти дар оям.

Шукуфтам бебаҳору бебаҳорон ҳам нумуъ созам,
Ҳамон шохам, ки дар оғӯши оташ бетабар оям.

Ҳамон пероҳани аз Мисраму асрори Ҳақ дорам,
Ҳамон бӯям, ки бо боде ба Канъон пештар оям.

Ҳамон давлат, ҳамон савлат, ҳамон ғафлат, ки дорад лат,
Бурун норафта аз хона, зи роҳи сад сафар оям.

Ҳамон борони найсонам, ба найзори сухан борам,
Ҳикоятҳои най дорам, чу тамъи найшакар оям.

Қалам сеҳри асо дорад, қаламкаш табъи Мусо шав,
Масеҳ андар нафас бинам, ба дунё бепадар оям.

Агар ин ҷову он ҷоям, наосоям, ба ҳар ҷоям,
Намеоям, намеоям, намепоям, агар оям.

Ҳамон гӯшам, ҳамон ҳушам, ҳамон фарёди хомӯшам,
Ҳамон ёди фаромӯшам, чу оҳе аз ҷигар оям.

Дар ин дору дар ин доро, аз ин хору аз ин хоро,
Ба нақши пой пай монам, ки сад бори дигар оям.

Агар обам, чу гирдобам, агар хобам, табу тобам,
Ба Рустам меҳри Суҳробам, зи пушти Золи Зар оям.

Ба дарде ман даво дорам, ба ишқе ман ҳаво дорам,
Ба мизробе наво дорам, қазо андар қадар оям.

Аё, эй табъи Мавлоно, ба олам гӯ, ки по кӯбед!
Ки чархочарху дастафшон бари Давлат Сафар оям.

НОМА БА РӮҲИ УСТОД ТУРСУНЗОДА

(Ба ифтихори 100-солагии Мирзо Турсунзода)

Баъди ту шеър оинадори мақом шуд,
Ин ҷода хор гаштаву шоир ба ном шуд.

Аз минбари сухан ба ҳавои даҳан касе
Ҳарфе ба гӯш гуфтаву пири калом шуд.

Ҳар кас ба Иттиҳоди нависандагон расид,
Ӯ узви ифтихорию Ҷамшеди ҷом шуд.

Таҳқиқи шеър гум шуду тақлиди шеър монд.
Девону куллиёт, ки беэҳтиром шуд.

Хуршеди шеър дар паси кӯҳи ҳасад нишаст,
Шоир нишони масхараи хосу ом шуд.

Борони санги кина зи абри ғазаб расид,
Набзи адибу набзи сухан бенизом шуд.

Чун гӯям аз фазилату ҷоҳу мақоми шеър?
Писханди каҷкулоҳ ба шоир салом шуд.

Он мурғи паркушодаи илҳоми шоирӣ
Боли тамаъ кушода, ба доранда ром шуд.

Нони ҳалоли шеър гулӯгири шоир аст,
Вақте ки шеър луқмаи нафси ҳаром шуд.

Дигар маҷӯ зи кӯҳи сухан сайди зикри Ҳақ,
Сайёд дар талотуми нафсаш ба дом шуд.

Охир аз ину он чӣ бигӯем аз алам?
Ганҷи рисолате, ки ту будӣ, тамом шуд.

* * *

Барои устод Лоиқ

Ҳамон ишқе, ки пайдояш намуд аз дард, Лоиқ буд,
Ҳамон хоке, ки бунёдаш намуд аз гард, Лоиқ буд.

Чу Яъқуби таманно чашмро бо ишқ бино кард,
Ҳамон пайке, ки бар Канъони шеър овард, Лоиқ буд.

Ба мушки нофаи шеъре, ки фахри сад гулистон аст,
Шукӯҳи Хусравониро самоӣ кард, Лоиқ буд.

Парешонҳолии бедардҳоро ӯ парешон кард,
Ҳамон гармӣ, ки ҷӯё буд ҳар дилсард, Лоиқ буд.

Зи поафтодагонро ҳамсафар будан ҷавонмардист,
Ливобардори панди Рӯдакиро мард Лоиқ буд.

Чу оташ худфурӯзиро тараннум карду ҷон бахшид,
Ба рӯи шеър будӣ сурх ҷои зард, Лоиқ буд.

Агар борони лутфи Ҳақ ба рӯди шеър сел овард,
Ҳамон ганҷе, ҳамон ганҷе, ки сел овард, Лоиқ буд.

* * *

Ба Муҳаммад Ғоиб

Кӯҳ гарде зи ғами бори Муҳаммад бошад,
Кӯҳгардии абад кори Муҳаммад бошад.

Абр аз гиряи ӯ вазъи парешон дорад,
Ҳолати рафта ба рафтори Муҳаммад бошад.

Дар дили рознигаҳдори Бадахшони Сухан
Ганҷ бинҳуфта зи ашъори Муҳаммад бошад.

Мазҳаби шоирӣ аз оташи ишқ аст қавӣ,
Уммати шеър талабгори Муҳаммад бошад.

Хилъати табъи равонаш зи матои сабр аст,
Лутфи Ҳақ нозири бозори Муҳаммад бошад.

Гарди хокистари сӯзони шафоат гардад
Ҳар касе аз пайи озори Муҳаммад бошад.

Ояти ишқ ба ҳар ҷо, ки ба лаб меорӣ,
Ҳусни сарлавҳаи осори Муҳаммад бошад.

Ман, ки аз ғоибу аз ҳозири ӯ бохабарам,
Олами меҳр харидори Муҳаммад бошад.

* * *

Ба Абдурраҳмон Абдуманнон

Ками бисёр Абдурраҳмон аст,
Нахли пурбор Абдурраҳмон аст.

Рӯҳи Хайём мешавад хушнуд,
Соқии ёр, Абдурраҳмон аст.

Дар дили кӯҳсори андеша
Ганҷи осор Абдурраҳмон аст.

Хории ғам аз ӯ, ки шодоб аст,
Каси ғамхор, Абдурраҳмон аст.

Хонаи дил зи сардӣ ях бандад,
Шуълаи нор Абдурраҳмон аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ аз Ҷом аст,
Ҷоми саршор Абдурраҳмон аст.

Тоҷикистон, ки боғи гул бошад,
Гули бехор Абдурраҳмон аст.

* * *

Ганҷе, ки маро аз Ямани Кӯлоб аст,
Чун лаъли Бадахшони мани Кӯлоб аст.

Ҳар қатраи обе, ки зи Зам-зам нӯшӣ,
Нӯшат бодо, к-аз Ватани Кӯлоб аст.

Номуси бадилбуда, ки васл аст ба хун,
Меҳрест, ки аз ҷону тани Кӯлоб аст.

Гулбазми чаканпӯши хиромонкабкаш
Рӯҳе ба тани анҷумани Кӯлоб аст.

Хоке, ки Худо сиришту ҷонаш бахшид,
Шаъну шарафи марду зани Кӯлоб аст.

Пири Ҳамадон аст шукӯҳи ирфон,
Ҳар нуктаи ӯ илму фани Кӯлоб аст.

Хуршед бувад Аҳурамаздои Ватан
Аъмост касе, Аҳримани Кӯлоб аст.

Аз булбули бегона ба гулбоғи Ватан,
Беҳтар ба дили мо заҒани Кӯлоб аст.

Дар дил ҳавасе ба турки Шероз зи чӣ?
Ишқе ба дил аз симтани Кӯлоб аст.

Аз Шоҳини шеър аст маро хилъати шеър,
Тоҷи суханам аз сухани Кӯлоб аст.

* * *

Сад нафас бе ту нафас нест, азизи дили ман,
Бе ҳавои ту ҳавас нест, азизи дили ман.

Боли абрӯй кушо, ҳампару ҳамболам шав,
Мурғи дил мурғи қафас нест, азизи дили ман.

Бехабар аз ғами ишқи ту чунон шодобам,
Мисли мо ғамзада кас нест, азизи дили ман.

Ком ширин кунам аз шаҳди лабат, некам гӯй,
Наҳли[1] мо ҳеҷ магас нест, азизи дили ман.

Боди бо накҳати гулзор фуруд омадаам
Дар бағал як пари хас нест, азизи дили ман.

Ишқи ту Мисру дар ин шаҳр азизи Мисрам,
Мисли мо тозанафас нест, азизи дили ман.

Меҳри Давлат Сафар аз оташи ишқ аст, биё,
Дер манмо, ки сипас нест, азизи дили ман.

[1] Наҳл – замбӯри асал.

* * *

Ба ҳар навъе ки боз оям муаллақ,
Ба дунёи ту осоям муаллақ.

Ниҳоле гаштаам бе решапайванд,
Ба кунҷи боғ афзоям муаллақ.

Ба банди дардҳо печидам аз ишқ,
Гирех аз дард бикшоям муаллақ.

Замин сахту баланд аст осмонам,
Ба ҳарду бе сару поям муаллақ.

Бубин, оина ҳайрон рӯ ба рӯям,
Ки худро чун биороям муаллақ.

Чӣ сон бозори маъниро кушоям,
Ки бошад сирру савдоям муаллақ.

Куҷо сар монаму монам куҷо пой,
Магар ки хеш партоям муаллақ?

На дар заврақ биғунҷам не ба соҳил,
Ба рӯи оби дарёям муаллақ.

Агар ҳолам чунину рӯз ин аст,
Намепоям, намепоям муаллақ.

Ба банди дардҳо печида аз ишқ,
Гиреҳи банд бикшоям муаллақ.

Куҷо шуд ҷазбаи зотиам аз хок,
Тамоми узву аҷзоям муаллақ.

Бари ҳам аҳли байтам масти хобанд,
Ба мисли хатти танҳоям муаллақ.

Намеғунҷам дигар дар орзуҳо,
Миёни сад таманноям муаллақ.

* * *

Ба қотилони афғондухтари
35-сола Лизо Акбарӣ

Як қавми беирода гаранги таассубанд,
Дар чашми ҳақталош хаданги таассубанд.

Ислом дини оинапардози зиндагист,
Дар ин қибол ҳайф, ки санги таассубанд.

Сулҳи ҷаҳон муруввати дини муборак аст,
Шайтонтабиатон сари ҷанги таассубанд.

Риши чунин қабила тарошид сӯи чап,
Ё чида дона-дона, ки банги таассубанд.

Дар баҳри умр ҳамнафаси номуносибанд,
Чашмони тирдори туфанги таассубанд.

Гӯё таассуб аст раҳи раҳнаварди дин,
По дар гиланду дар сари нанги таассубанд.

Роҳи сафеди мазҳаби мо аз кафи дуост,
Ин мушрикони куфр мазанги таассубанд.

Ислом роҳи дилбарию дилкушодӣ аст,
Гумгаштаҳо зи кӯчаи танги таассубанд.

Лизои Акбарист муҷассам ба роҳи Ҳақ,
Он қотилон ба ком шаранги таассубанд.

* * *

Гуфтам: Хумори васфи чӣ дорӣ, Ватансаро?
Гуфто, ки як таронаи фахри Ватан саро.

Гуфтам: Ғарибу хору биёбониям ҳанӯз,
Гуфто: Аҷаб! Ба гулшани сабзи Ватан биё!

Гуфтам, ки ҷазби хоки Ватанро чӣ ҳикматест?
Гуфто, ки пурсуҷӯ зи ғариби Ватан намо.

Гуфтам, ки ин калобаи дил дар гираҳ шудаст,
Гуфто, ки ин гираҳ ту ба номи Ватан кушо.

Гуфтам, ки ҳарфи меҳру муҳаббат куҷо занам?
Гуфто: Биё, ба минбари кӯҳи Ватан баро.

Гуфтам: Ҳузуру офияти умри мо куҷост?
Гуфто: Чу ҷон ба қолаби ҷони Ватан даро.

* * *

Мурғи илҳоми ман аз дашту даман омадааст,
Ошёни дили ман гуфта, Ватан омадааст.

Кӯдакӣ, гӯй, ки шаҳтири фалахмонат ку?
Бар сари кишти падар зоғу заган омадааст.

Хубрӯе зи Самарқанди азизам аз рашк,
Турки Шерозсуроғе суи ман омадааст.

Аз бари марқади ағёр ба ҳангоми гузар
Ба димоғам зи лаҳад дуди кафан омадааст.

Чӣ нидоест, ки бар гӯши фалак дакка занад ?
Дон, ки аз наъли суми аспи Хутан омадааст.

Ба ҳама дурри Яман лаъли Бадахшон надиҳам,
Пеши ӯ саҷдакунон дурри Яман омадааст.

Фаҳми ашъори маро гӯши кари кас накунад,
Гунги бечора ба тафсири сухан омадааст.

Мард он аст, ки бар ҷониби ӯ пойкашон
Дили ранҷидаву бишкастаи зан омадааст.

* * *

Ҳар шаб ғами мо ҳамдили мо, ҳамсари мо нест,
Шаҳбози тараб яксара ҳам ҳампари мо нест.

Ҳар рӯзи Худо ҳиммати хуршед набинем,
Ҳар рӯз, ки ин сояи мо дар бари мо нест.

Майхораи ин шаҳраму найзор ба деҳа
Дил маст аз он аст, ки ҳамсоғари мо нест.

Қалб аст мазори ҳавасу кӯҳ шуд ин ғам,
Кӯҳест, ки як санг аз он чун сари мо нест

Оғӯш агар боз намуданд ба тифлӣ,
Ҳеҷ аст, агар дар бари мо модари мо нест.

Дар хонаи дил ишқи туро чун бипазирам,
Гар оташи он лоиқи чашми тари мо нест.

* * *

Гар мори кина дар бағали фитна ҷо шавад,
Заҳраш ба хуни меҳр ғурури ҷафо шавад.

Таҳдоб дар сиёсат агар уствор нест,
Девору боми ҳукм дар он бебақо шавад.

Дасти ато махоҳ зи кас дар ғуруби умр,
Қомат хамида гашт, асо мутакко шавад.

* * *

Биҳишт ҳадяи Аллоҳ баҳри одам буд,
Валек хӯшаи сабраш ба нафс сархам буд.

Зи ҷурми бехирадон май ҳаром гардидаст,
Ки он ҳалолтарин неъмате ба олам буд.

Ҳамон сахӣ, ки мавизе ба чил қаландар дод,
Ҳазор бор фузун ҳимматаш зи Ҳотам буд.

Маноз дил, ки зи борони ғам ту шодобӣ,
Ки шири хурдаи мо ҳам зи синаи ғам буд.

* * *

Ҳамсояи мо бош, ки мо сояи нурем,
Бегонаи хешем, ки наздик ба дурем.

Ду пой ба як мӯза чу беақл фишорем
То мерасад ин ақл, ки по дар лаби гӯрем.

Хуршедсаворему ба дил сӯз надорем,
Оинатаборем, вале ҳамдами кӯрем.

Аз шохи баландем, вале тӯъмаи зоғем,
Дар мағзи сари кошифи бегона шуурем.

Эй марг, макун валвала андар сари паймон,
Мо аз карамистони Худо амри зарурем.

* * *

Ба доми тобу табат дар барам фариштаи нурӣ,
Ба сони моҳи шаби чордаҳ сириштаи нурӣ.

Ду пилки чашм гиребони рушноӣ шуд,
Ба шамъи рози шабистони дил ту риштаи нурӣ.

Ба номи номанависам сипоси беҳад бод,
Қалам-қалам ба варақҳои шаб навиштаи нурӣ.

Нафас-нафас ба таманно чу бод мепечам,
Ба рӯи бистари покам, хушо, фариштаи нурӣ.

Ба ноз-нози ҳаё ғел мезанам ҳар дам,
Ба кӯҳсори ҳавасҳо агар, ки пуштаи нурӣ.

Ту, эй фазилати субҳи сафо, сафоям деҳ,
Чу рӯи шоми биҳиштӣ сириштаи нурӣ.

* * *

Ишқи ту ба по гашту ба сар валвала дорад,
Дар шом чу гулбонги саҳар валвала дорад.

Оҳанги ҳазин ҳамҳамаи гӯшанишинист,
Най гӯши куҷо, бар сари кар валвала дорад.

Гуфто чӣ бувад санги маломат ба сари мо?
Дар шохи пур аз бор табар валвала дорад.

Дар пушати дил ғайри гули лола нарӯяд,
Ин фасл чӣ фаслест, ҷигар валвала дорад.

Гуфтам, ки куҷо зист, куҷо мурд дар ин даҳр?
Ҷуз хоки Ватан хоки дигар валвала дорад.

Мулло, ту маяндеш зи боби сафари ҳаҷ,
Бо ту наравам, бо ту сафар валвала дорад.

Шамъе, ки барафрӯхтам аз ишқи илоҳӣ,
Дар партави он Шамсу Қамар валвала дорад.

* * *

Дар ғамкада ғам дар гузараш фосила дорад,
Шодоб нагардидани дил сад гила дорад.

То қуллаи уммед ҳузури дили кас ку?
Аз санги раҳаш дар кафи по обила дорад.

Ишқ аст ҳамон фасл, ки то рӯзи қиёмат
Гарм аст ва ё сард, ба ҳарду чила дорад.

Тавлиди сухан дар дили мо кандани ҷон аст,
Дарду ғами ин қофиларо ҳомила дорад.

Нуре, ки дар он орази хуршед ниҳон аст,
Дар равзанаи сояи мо силсила дорад.

* * *

Дунё зи азал ниқоб дорад,
Бар рағми гунаҳ савоб дорад.

Хоке, ки ба сар зи ишқ дорем,
Аз ашки ду дида об дорад.

Ҳар қатра шароби хӯрдаи мо
Аз лахти ҷигар кабоб дорад.

Зулфи бари рӯ ба ҳалқа-ҳалқа
Сад ишваю сад итоб дорад.

Як мисраи мо барои шарҳаш
Сад дафтару сад китоб дорад.

Қадди чу саволи Пири Канъон
Сад Миср хати ҷавоб дорад.

Дар хонаи сабр чун бихобам,
Гар умр чунин шитоб дорад.

Ҳар сатри маро шикаста бархон,
Осори шикасти хоб дорад.

Ранҷе, ки ба дил ато намудӣ,
Дар ҳар сари мӯ ҳисоб дорад.

Пое, ки ниҳодаам ба хоке,
Чун зарби дил изтироб дорад.

* * *

Ғам, ки дар китфи дилам бор аст,
Шод будан кори душвор аст.

Мурғи шаб аз тарси дузди шаб
Рӯи тухми моҳ бедор аст.

Ишқ аз дилмурдаҳо ғам шуд,
Зиндагӣ аз мурда безор аст.

Эй дило, гардандарозӣ бас,
Зулфи ёрам ҳалқаи дор аст.

Зистан девони Мавлоност,
Марг бар девона ҳам зор аст.

* * *

Ба дуроҳа раҳ нагирам, қадам аз нигаҳ нагирам,
Зи хумори тавба мастам, ки ба каф қадаҳ нагирам.

Ту маё савобҷӯй, ба сарам гунаҳ нагирам.
Назарам баланд бошад, ки назар ба таҳ нагирам.

Сару сарварӣ ҳаминам – сабақ аз кулаҳ нагирам.
Маҳи ман агар шаб ояд, раҳи шаб чу маҳ нагирам.

Ба ҳавои боду бода таҳи дил сияҳ нагирам,
Ки ҳазор васли Юсуф ба фироқи чаҳ нагирам.

* * *

Миннат камоли акл набошад барои мард,
Дасти кушода укда кушода зи пои мард.

Дар роҳи ишқ аз карами меҳрубониҳо
Мард аст он зане, ки бигардад фидои мард.

Онон, ки чашмро ба раҳи нур додаанд,
Бо миҷҷа мелапанд чу лаб гарди пои мард.

Номардро рақобати хас мекунад фано,
Мардист дар салобати худ муттакои мард.

* * *

Осмон анбори борон аст,
Абри кифташ бори борон аст.

Пойгоҳи пои мо дар хок,
Ҷойгоҳи хори борон аст.

Дар варақҳои замини сабз,
Шеъри сабз осори борон аст.

Сайди бод аз пушта бигрезад,
Тирборон кори борон аст.

Гиряи зори Муҳаммад[1] ҳам,
Гиря не, такрори борон аст.

Дар китоби ёдҳои дил
Мисраи Бозори[2] борон аст.

Обҳои баҳру укёнус
Қатраи асрори борон аст.

[1] Муҳаммад Ғоиб
[2] Бозор Собир

* * *

Меҳру муҳаббат аст ҳама тору пуди ман,
Пайки саодат аст ба дилҳо дуруди ман.

Ранҷи кашида гар надиҳад ҳосили мурод,
Оташ бувад ба хирмани бедона дуди ман.

Оҳангсози умр мурувват намудааст,
З-ин рӯ муравват аст ба ҳар дил суруди ман.

Ишқ аст агар ки кӯҳи намак дар баробарам,
Андар бараш равону равон аст рӯди ман.

Обам агар, ба оташи дил мешавам қарин,
Давлат Сафар бувад ҳама хоки вуҷуди ман.

Арвоҳи табъи Лоиқи Хуршедтахти шеър,
Ҳарфи уммед гуфт ба гуфтушунуди ман.

Як каф дуо кушой ту, эй мӯсафеди шеър,
Меҳроб гулфишон бишавад дар суҷуди ман.

Мавлои Балх, дасти маро дасти пир деҳ,
То меҳрубон шавад ба раҳи дил ҳасуди ман.

Рӯсурхиам шаҳомати сарсабзӣ ёфтаст,
Ранги парида нест даме дар намуди ман.

Мотамсарой гашт дил аз ишқи мурдаам,
Гӯӣ дигар чӣ ранги самои кабуди ман.

Ҳарфи фасона нест ба роҳи ҳақиқатам,
Ишқ аст, ишқ маънии буду набуди ман.

* * *

Зи сар то по, зи сар то пои ман – ишқ,
Сару савдо, сару савдои ман – ишқ.

Ҳама гӯшам, ҳама ҳушам дар оғӯш,
Зи дил ово, зи дил овои ман – ишқ.

Ба дил андешаам сад реша дорад,
Ҳама пайдову нопайдои ман – ишқ.

Пайи дигар зи роҳи ман мачӯед,
Чу имрӯзам раҳи фардои ман – ишқ.

* * *

Ба дуои дили мо як кафи омин нарасид,
Субҳ бар гӯши дилам сураи Ёсин нарасид.

Меваи сабр бигуфто, ки аҷаб ширин аст,
Лек Фарҳод аз ин сабр ба Ширин нарасид.

Омад он ёр дами шомгаҳон бар хона,
То сари субҳ расиду сари болин нарасид.

Шахси мо банд биандохт саманди уммед,
То рикоб омаду афсӯс, ки бар зин нарасид.

Зиндагӣ арсаи ҷаҳд асту ҷадал бар одам,
То лаби гӯр касе аз раҳи тамкин нарасид.

* * *

Дилро зи қадри тобу тавонам шинохтам,
Худро зи боби суду зиёнам шинохтам.

Ақлу хирад асолати ҳифзу ҳимоят аст,
Танро зи қадру қимати ҷонам шинохтам.

Хор аст дар замини хатоям хаёли ман,
Гулчеҳраро[1] ба чашми гумонам шинохтам.

Дидам, ки пир нолаи афсӯс мекашад,
Аз оҳи пир умри ҷавонам шинохтам.

Ҳар гуна сайдро набувад лоиқи шикор,
Афтодаро ба чашми камонам шинохтам.

Гуфтам, ки қадри шоири дардошно куҷост?
Ҳам ину ҳам замину замонам шинохтам.

[1] Гулчеҳра Сатторова.

* * *

Мо бо ҷигари сӯхта аз кишвари оҳем,
Аз аҳли савобем, гирифтори гуноҳем.

Хуршед ба рағми дили мо дар паси абр аст,
Мо меваи нопухтаи дар соя паноҳем.

Сар то қадами хуби Зулайхо ҳама чашм аст,
Як Миср ҳавас дар дилу андар дили чоҳем.

Хокистари ғам бод макун дар гузари мо,
Чун дидаи оина ҳама ғарқи нигоҳем.

То манзалати хеш гирифтем раҳи ҳақ,
Зинҳор мапиндор, ки мо дар сари роҳем.

Давлат Сафар аз роҳи сафед аст мукаррам,
Ҳарчанд ки дар фикри касон номасиёҳем.

* * *

Хайру сахо зи Ҳотами Ҳутам намерасад,
Дасте дигар ба шохаи тутам намерасад.

Гуфтам: мақоми шеър бигӯ, гуфт, ки ба ин
Дастору ришу тоби бурутам намерасад.

Мероси ман ҷасорати бобои Одам аст,
В-арна зи даври хони ӯ қутам намерасад.

Чашмист мухраҳои ду чашмам ба ҳар нигоҳ,
Тири ҳасад ба даври субутам намерасад.

Дар боғбониям набувад бими раҳгузар,
Дасташ ба току ноку мурутам намерасад.

Бар хеш чун расам, ки ба гӯши фалак дигар
Фарёди ҷонгудози сукутам намерасад.

Маънии сатрҳои маро холу хат магӯ,
Аз хат ба хат хатои хутутам намерасад.

* * *

То анҷуман аз хеш хабар кардаму рафтам,
Ғамхонаи дил зеру забар кардаму рафтам.

Оинаи хотир, ки ҷилобахш бимонад,
Хокистари дил пур зи шарар кардаму рафтам.

Рӯзардии мо сурхии рӯи дигарон шуд,
Беҳуда дилам хуни ҷигар кардаму рафтам.

Зинҳор мапиндор, ки чун шохаи хушкам,
Пайванд ба сад навдаи тар кардаму рафтам.

Гуфто, падариву зи пайи лоларухонӣ,
Ин валваларо шуғли писар кардаму рафтам.

Давлат Сафар аз лутфи Худо давлати ишқ аст,
Аз тахти вафо тоҷ ба сар кардаму рафтам.

* * *

«Он ки доим ҳаваси сӯхтани мо мекард,
Кош меомаду аз дур тамошо мекард».

Нахли серобшуда дастфишон аз соҳил,
Майл бар молише аз синаи дарё мекард.

Ҳақназар каҷназариҳои раҳашро дида,
Хешро дар баҳали шарму ҳаё ҷо мекарад.

Остин барзадааст абр ба роҳи гиря,
Шарҳу тафсири шаби ошиқи шайдо мекард.

Ҷон азиз аст, тану нафс азизе аз он,
В-арна кай табъи гадо майли тавалло мекард?

Ростӣ аз карами оина хокистар шуд,
Он чӣ Давлат Сафараш дид, муҷалло мекард.

* * *

Хушк аст гар аз оташи дил чашми тари мо,
Дар оина дармонд ғубор аз назари мо.

Мо раҳбаладу такягаҳи боғи муродем,
Лол аст ба сарнавда забони табари мо.

Дар минбари даъвои сухан гунг чӣ гӯяд?
Фарёд фурӯ баст дам аз гӯши кари мо.

Гӯянд ҳавои даҳан аз бӯи умед аст,
Парвоз шаҳомат шавад аз болу пари мо.

Маънии баланд аст ҳимоятгари шоир,
Пеш ой, ки шамшер надорад сипари мо.

То нони сухан ҳаст ба мо, гушна намонем,
Сер аст дар ин бодия пушти падари мо.

Булбул ба наво омаду гуфто ба ҳарифон:
Ишқ аст ҳама ҳастии Давлат Сафари мо.

* * *

Мо кӣ будему кӣ ҳастем, Худо медонад?
Чӣ шуд аз пой нишастем, Худо медонад.

Фикри ноҷой адаб нест, нагуфтем ба ҳам,
Дили бечора шикастем, Худо медонад.

Шир хурдему гирифтем раҳи хокдаҳан,
Дар вафо аҳд набастем, Худо медонад.

Парчами ақл бигуфтем мусалмониро,
Ҳамдили бодапарастем, Худо медонад.

Шонаи кӯҳи умеди Ватан аз мо ларзад,
Мо дар ин шона чӣ дастем, Худо медонад.

Чашми болоназарон шубҳаи ғофил дорад,
Чӣ баландему чӣ пастем, Худо медонад.

Шасти андеша, ки пайванди зимоми ғайр аст,
Бехабар дар хати шастем, Худо медонад.

Ризкро дарки азал ном ба ном аст гирах,
Мо чу як ришта гусастем, Худо медонад.

Ҷӯи инсоф зи сарчашмаи имон бошад,
Мо аз ин қофила ҷастем, Худо медонад.

Бодаи кибру ғурур офати осоиш аст,
Мо аз ин бода, ки мастем, Худо медонад.

Аз чӣ будему чӣ кардем алорағми вафо,
Ғуссаи аҳди аластем, Худо медонад.

Ҳар нафас тавба намудем ба даргоҳи Худо,
Ҳар нафас тавба шикастем, Худо медонад.

* * *

Ақл дар доми ҳудуд аст, аз ин бехабарем.
Умри мо буду набуд аст, аз ин бехабарем.

Кӯҳи уммед раҳи кач напазирад, аммо
Ғами он манзари ҷуд аст, аз ин бехабарем.

Ҳама дар панҷаи нафсему аз он меболем,
Осмон аз чӣ кабуд аст, аз ин бехабарем.

Ояти шукр, ки дар нӯги забон мепечад,
Роҳи мо дарки суҷуд аст, аз ин бехабарем.

Лутфи Ҳақ дар бадали хок ба мо васл бувад,
Ҷон ба тан баҳри дуруд аст, аз ин бехабарем.

Олам аз тирадилон чангу ғубори дард аст,
Дили мо маҳви суруд аст, аз ин бехабарем.

Дасти бикшода агар бори тамаъ бардорад,
Чашми бикшода ҳасуд аст, аз ин бехабарем.

Даст афшонда ҳама фикри баландӣ дорем,
Охири кор фуруд аст, аз ин бехабарем.

Табл бинвохта дар кӯраи оташ, сӯзем,
Оташи дил ҳама дуд аст, аз ин бехабарем.

Дар дили оби равон шуъла занад барқи умед,
Гарчи дар синаи рӯд аст, аз ин бехабарем.

Ҳар кучо пой гузорем, замин меларзад,
Зарари мо ҳама суд аст, аз ин бехабарем.

* * *

Марезон қатраи ашкам, ки тӯфон мешавад рӯзе,
Ҳама меҳрам, ҳама ишқам ба тан ҷон мешавад рӯзе.

Ба кӯҳи санглохи ғам раҳи мушкилгузар дорам,
Таҳаммул гуфт бар гӯшам, ки осон мешавад рӯзе.

Ҳамин як дона гандум донаи уммеду армон аст,
Ки аз лутфи Худоям хирмани дон мешавад рӯзе.

Агар рӯбаҳмиҷозеро ба симу зар тавон бахшӣ,
Ки бешак ҳамнишини шери майдон мешавад рӯзе.

Тапиданҳои дил дар гулшани уммед агар сард аст,
Нафас дар тоби ғам тафси биёбон мешавад рӯзе.

Ба Яъқуби умеду орзуҳоям башорат деҳ,
Ки ҳукми чоҳи ғам муҳри ғарибон мешавад рӯзе.

Касе дар сафҳаи маънӣ агар ки нукта бигзорад,
Ки сайди маънияш дар дом ҳайрон мешавад рӯзе.

* * *

Табу тобам, табу тобам, ки маҳтобам намедонад,
Чароғи шабфурӯзам хонаи хобам намедонад.

Зи Рустам будану аз паҳлавониям чӣ мепурсӣ?
Ман он меҳрам, ман он меҳрам, ки
Суҳробам намедонад.

Чӣ сон бо ман рақибам душманӣ варзад, ки ӯ охир
Кадомин хоку сарҷӯи кадом обам, намедонад.

Басо шогирди раҳпаймоям аз роҳи хато баргашт,
Адаб омӯхт, аммо ҳусни одобам намедонад.

Аз ин ҳушёрбуданҳо раҳи девонагӣ хуб аст,
Ки пири майфурӯшам аз майи нобам намедонад.

Зи сели ашки ҳасрат орамидан кори осон нест,
Дили дар соҳили ғам нақши селобам намедонад.

Ғамам дарёи пуршӯру талотумофаре дорад,
Ки заврақрони ишқам доми гирдобам намедонад.

Ба ҳар як қатра ашкам, баҳр тӯфони ҳаводис шуд,
Ба дил сад кӯли ғам дорам, ки Кӯлобам намедонад.

* * *

Надорад тоб девори дилам селоби ҳасратро,
Ба чашмам раҳ нахоҳам дод дигар хоби ҳасратро.

Ба рӯзи сахт меҳри дил ба ҳукми нӯшдоруест,
Хабар аз нӯшдоруям мадеҳ Суҳроби ҳасратро.

Ҳақиқатпарвареро нест осоиш дар ин олам,
Ки гардонад ба дарёи дилаш гирдоби ҳасратро.

Намесӯзад дигар узве чу дил аз номуродиҳо,
Магӯ аз худшиносиҳо хабар арбоби ҳасратро.

Раҳи базму тарабро роҳи дил дар умр мебояд,
Мабодо, то диле гардад ғулом асҳоби ҳасратро.

Худоро шукр бояд гуфту бо шукрона бояд зист,
Ки кӯҳ арзан бувад дар нобарорӣ тоби ҳасратро.

* * *

Соясифат маё дигар, ҳамсафарат намешавам,
Дарбадарам зи ишқ агар, зори дарат намешавам.

Дидаву дил кушодаву дар хати доми дил шудӣ,
Сайд ба ҳарду дидаи ҳилагарат намешавам.

Сар ба ҳавои сарсарӣ, сар задаам ба ҳар даре,
Сарбасарам машав дигар, сарбасарат намешавам.

Буд нишони ғам дилам, тири ғамат, ки хок хурд,
Аз ғами ину он дигар чун сипарат намешавам.

Гуфтӣ ба дил шарар туӣ, байни ҳама дигар туӣ,
Аз шарари дилам магӯ, ман дигарат намешавам.

Бори хаёли ишқро тори асаб намекашад,
Ганҷи зи даст рафтаам, дарди сарат намешавам.

Қибла маро чу кард гум, сар ба суҷуди ман нарафт,
Каъбаи дил хароб шуд, чорагарат намешавам.

* * *

Боди зи гулшан омада аз пайи хас намешавад,
Соҳиби номи мушкбӯ ранҷи нафас намешавад.

Толиби шаҳдофарон беш бувад ба фасли гул,
Ҳампари наҳли[1] шаҳдзо ҳеҷ магас намешавад.

Кабк гар аз садои хуш бастаи дом мешавад,
Фахри заған аз он бувад банди қафас намешвад.

Рӯзу шабон ба гург агар барра зиёфат оварӣ,
Гург бувад чу асли худ, ром ба кас намешавад.

Чанг зада ба решае рӯди равон ба шӯр гуфт:
Ҳамраҳи мо шудӣ агар, гашта ба пас намешавад.

Гуфт ба зоғ булбуле: Донӣ, ки табъи мо зи кист?
Лутфи Худо набошадат, ин ба ҳавас намешавад.

Давлат агар сафар кунад, давлати сад сафар шавад,
Лек ба ҳукми хоҷагон бонги ҷарас намешавад.

[1] Наҳл – замбӯри асал.

* * *

Ҳар гаҳе дидаи ман сайр дар оина кунад,
Назараш пок чу рӯзи хуши одина кунад.

Ба гаҳи бӯса зи шӯри дили мо шиква макун,
Тифлро гиря ҳидоят ба раҳи сина кунад,

Ба хати мардумаки дидаи мо дом чӣ буд?
Зулфро ҳалқа зада, ноз чу сабзина кунад.

Пир гуфто: Ба асо навдаи тут афшонам,
Ёр агар дар баҳалам ҷилваи дерина кунад.

Дар лаби ҷӯй, ки айёми ҷавонӣ бигзашт,
Оҳи пиронаи ман накҳати пӯдина кунад.

Аслро шубҳа набошад зи нигоҳи Бедил,
Одамӣ пир шавад, нағмаи бӯзина кунад.

Қасди Давлат Сафар аз мастии нохоста чист?
Мард бо хурдани май пок дил аз кина кунад.

* * *

Ҳамон хокам, ҳамон хокам, ки ҳар як зарраaш пок аст,
Ҳамон обам, ҳамон обам, ки файзаш дар дили хок аст.

Ҳамон дардам, ҳамон дардам, ки дармон мешавам рӯзе,
Ҳамон оҳам, ҳамон оҳам, ки дудаш абри афлок аст.

Ҳамон кӯҳам, ҳамон кӯҳам, ки ганҷаш дар кафи даст аст,
Ҳамон қалбам, ҳамон қалбам, ки роҳи синааш чок аст.

Майи нобам, майи нобам, сабӯям санги ғам бишкаст,
Ҳамон май, ки ба ҷои шир хуни синаи ток аст.

Ҳамон сайдам, ҳамон сайдам, ҳамон сайде,
ки дар маънист,
Ҳамон сайде, ки сайёдаш мудом аз тарс ғамнок аст.

Ҳамон Давлат, ҳамон Давлат, ки рахти як сафар дорам,
Ҳамон муҳрам, ҳамон муҳрам, ки рангаш оби Элок аст.

* * *

Як шаби баҳор дар канори ёр,
Эй чӣ хуш, ки боз мастам аз хумор.

Ҳоли сарнавишт дар хати сиришт
Чун тавон навишт аз ғами нигор.

Дар қабои шаб бӯсаҳо ба лаб,
Масти тобу таб, шукри бешумор.

Рӯзи нав расид, ҷони тан дамид,
Ишқ сар кашид аз дили фигор.

Роҳи бастаро, дилшикастаро,
Ҷони хастаро, ёр буд қарор.

Эй ту, ҷон ба тан, дил зи мо макан,
Бе навои ман мешавӣ ту хор.

* * *

Дар қадами дилам чаро шишаи ғам шикастаӣ?
Хории дар харобаам боз чу хор рустаӣ.

Нохуни дил кушодааст укдаи тори ишқро,
Бар сари сахти ман чаро боз чу мушт бастаӣ?

Қатраи равғани ғурур офати хашми озар аст,
Дар сари оташи дилам бо чӣ алам нишастаӣ?

Сурати навҷавониам оинаро бидиду гуфт:
Аз раҳи дил бурун биё, з-он ки чу пир хастаӣ.

Гуфт табар ба шохае аз алами буриданаш:
Шиква зи зарби ман магӯ, баски маро ту дастаӣ.

* * *

Акси мо дар дили оина парешонҳол аст,
Санги ғам дар бағалу тарзи баёнаш лол аст.

Ба раҳи мардумаки дидаи мо вола машав,
Асари нур фано гаштаву танҳо хол аст.

Муддаӣ аз карами хеш наёбад суде,
Баски андешаи ӯ дар сари қилу қол аст.

Рустам аз ҳиммати Сӯҳроб чӣ сон шиква кунад?
Ки ҳамин қофила пайванд ба номи Зол аст.

Ақл сармояи бебаҳси бузургӣ бошад,
Ишқ тӯфони табе, ки на ба синну сол аст.

Лашкари Мири Араб аз дили дарё бишнид:
Оташ аз дуд чудо дар қадами Шаҳбол[1] аст.

Ту чӣ пурсӣ ҳадафи Хоҷаи Шероз зи ишқ?
Шарҳи ҳол аз карами Ҳақ ба баёни фол аст.

Раҳи Давлат Сафар аз қолаби ҳастӣ омӯз:
Ба қади ҳамчу алиф пеши бузургон дол аст.

[1] Шаҳбол – Мири Кӯлоб буд, ки соли 719 лашкари Мири Арабро шикаст додааст.

* * *

Рӯи раҳ аз аламам хори нигаҳ мерӯяд,
Хати роҳ аст, ки дар сафҳаи раҳ мерӯяд.

Дони макрӯҳ мапошед, ки дар киштаи нафс
Аз дили хоки сияҳ дони гунаҳ мерӯяд.

Ҷабри сангини бародар накушояд Юсуф,
Лутфи Ҳақ ёри касе, к-аз дили чаҳ мерӯяд.

Соғари ақл ба сармастӣ агар мешиканӣ,
Сари гӯри ту қадаҳлола сияҳ мерӯяд.

Ояти ишқ ба лаб бонги умеди сабр аст,
Шом дар дашти само ахтару маҳ мерӯяд.

Ҳар баландӣ асар аз ҳиммати пастӣ дорад,
Меваи шохи баланд аз гили таҳ мерӯяд.

Тифлро таъна ба бебокиву бадхӯӣ чист,
Луқма пок аст агар, нек зи заҳ мерӯяд.

Даври Давлат Сафар аз ҳалқаи паргор маҷӯ,
Ҳар дам аз сояи ӯ боз шабаҳ мерӯяд.

* * *

Боде, ки тӯфонро шикаст,
Сад шохи боронро шикаст.

Аз нобарориҳо магӯ,
То путк сандонро шикаст.

Сер аз лаби маъшуқа гуфт,
Вақте лаби нонро шикаст.

Масте, ки аз паймона гуфт,
Девона паймонро шикаст.

Ҳарфи лаби дарё чӣ суд?
Лабташна армонро шикаст.

Аз марзу буми дил магӯ,
Дарду ғамат онро шикаст.

Ин шишаи номуси мо
Сад санги ҳазёнро шикаст.

Ҷому сабӯро бок нест,
Мастӣ намакдонро шикаст.

* * *

Эй ошиқон, эй ошиқон, фасли гул эҳё мешавад,
Аз чанги боди мушкбӯ сад роз ифшо мешавад.

Аз пайки наврӯзии мо, дар панҷаи рӯзии мо,
Ҳар зарра дунё дар назар, ҳар қатра дарё мешавад.

Эй ишқ, эй дармонгиёҳ, эй олами нуру зиё,
Мо аз пайи дил меравем, дил аз пайи мо мешавад.

Моро зи ғам парҳез гӯ, аз хоби ғафлат хез гӯ,
Панде, ки бар мо гуфтаӣ, ганҷи таманно мешавад.

Борони ришта-риштаро, колои абри киштаро,
Домони кӯҳу пуштаро Наврӯз маъво мешавад.

Аз лутфи Аллоҳ аст ин, дар давлати ҷоҳ аст ин,
Ишқе, ки бар дил мерасад, дар ёдҳо ҷо мешавад.

* * *

Дилам ба ҷониби дил васли роҳ меҷӯяд,
Ду чашми баста шуои нигоҳ меҷӯяд.

Табибро зи мадорои ғам чӣ мепурсӣ?
Гираҳкушоии дарди табоҳ меҷӯяд.

Рисолатам напазируфта шаб зи хоби падар,
Бародаре ба ғазаб роҳи чоҳ меҷӯяд.

Магар зи хоки замин нафси кас нашуд қонеъ?
Ки одамӣ зи ҳавас хоки моҳ меҷӯяд.

Арӯси табъи туро оби дидаам шуд оҳ,
Ки хутба гуфтаву оби никоҳ меҷӯяд.

Чӣ шоирест ҳамоне, ки вақти валвалаҳо
Қалам гузошта як сӯ, силоҳ меҷӯяд?

Маро зи марҳамати ишқ хоки раҳ гӯед,
Ки манзалатназаре дарки ҷоҳ меҷӯяд.

* * *

Дар домани дил ишқ ба ранги ҷигарӣ
Сад нақш ниҳодааст аз бебасарӣ.

Ҳар субҳдамӣ расад ба гӯши ғафлат
Фарёди хурӯси лаби боми саҳарӣ.

Дар ишқ наметавон кушудан ҳаргиз
Асрори ниҳони шарм аз пардадарӣ.

Аз ҳастии хеш дарк мебояд кард –
Марг аст ба зиндагӣ раҳи бехабарӣ.

Дар мактаби ишқ кай тавонам, эй ёр,
Омӯхтани ҳарфи ту бо лафзи дарӣ?

Аз гардиши чархи умр пиндоштаам,
Аҳд аст туро шамсию дайнат қамарӣ.

Фарзанди[1] азизи чоҳ аз ғайб шунид:
Пурпеч ба умр аст раҳи фитнагарӣ.

Дар мазраи марг меваи сабр чашид
Суҳроб зи боғи сабзи меҳри падарӣ.

[1] Манзур Ҳазрати Юсуф аст.

* * *

Дилафрӯзи дилогоҳам наомад,
Ба домони шабам моҳам наомад.

Задам бар шишаи дил санги сабрам,
Садо кардам, сари роҳам наомад.

Навиштам нолаву рози қаламнай,
Ба дил сӯзу ба лаб оҳам наомад.

Зи тарси гурги хашму рашки ёрон
Паямбарзодаи чоҳам наомад.

Зи хирман кӯфтан дар хирмани нур
Ба рӯи каф пари коҳам наомад.

Чашидам меваи сабру таҳаммул,
Ҷалоли ишқ бар ҷоҳам наомад.

* * *

Афсона ҳақиқат шуду мо боз ҳамонем,
Аз ёр хабар нест, аз ин рӯ нигаронем.

Гуфтанд ба сад мартаба асрори ниҳонро,
Дар ёди азизони сухан марсияхонем.

Ҳар кас, ки кунад ёд ва ё хор ба ин роҳ,
Мо пайрави ҳар гуфтаи Пири Ҳамадонем[1].

Гар пайраҳаи ишқ набошад раҳи осон,
Сармояи пирӣ бигӯ, он гаҳ ки ҷавонем.

[1] Мир Саид Алии Ҳамадонӣ.

* * *

Дардо, ки аз ду дида нури фараҳ парида,
Аз боғи ҳусни воло барги гуле начида.

Ишқат, ки бурд аз сар хобу хаёли мастам,
Афсона шуд тарона бар гӯш норасида.

Дар дил хумор нашкаст дилро, ки рафт аз даст,
Андар машом раҳ ёфт он бӯи ношамида,

Наззора кач маяфшон, з-он рост раҳ кушудем,
Пиндори мо малеҳ аст, пайке ба мо расида.

Дунёи дигарам ку? Як оламе дигар чӯ,
Чашмони баста бикшо, эй нури ҳар ду дида.

Ёре, ки ноз дорад, бикшода роз дорад,
Ҷони сухан матарсон теғи забон кашида.

* * *

Дари тавба рӯ ба рӯям ҳама дам кушода бошад,
Ки гунаҳ маризи ақлу чу хумори бода бошад.

Ба раҳи мураккаби мо табу тоби ишқ ҳеҷ аст,
Агар ин тавони ҳастӣ ба нигоҳи сода бошад.

Ба фиғони бухлу кина зи ғазаб ту санги таъна
Мафикан ба шаҳсаворе, ки даме пиёда бошад.

Нашавад ба нафс моил сари иштиёқ мева,
Агар аз баландшохе ба замин фитода бошад.

Ба ҳавои ҷаҳд ҳаргиз маталаб саодат аз умр,
Ки падар ба аҳди ҳастӣ чу дуо надода бошад.

Ба дилу ба ҷони модар чӣ азиз асту муқаддас,
Самари тавони нутфа чи нару чи мода бошад.

Зи ҳудуди меҳрубонӣ машикан ту роҳи меъёр,
Ба тани ту заҳр гардад чу шакар зиёда бошад.

* * *

Дар гӯшаи фаромӯшиям бо умеди ёд,
Ман атри гесувони туро додаам ба бод.

Сад раҳ ба ғам фитодаву ҷуръат фузудаам,
Беҳуда кардаам ба раҳи ишқи ту ҷиҳод.

Аз чашми гурги хашми бародар чӣ хондаам?
Рашке, ки аз дуои падар сад гираҳ кушод.

Ишқ омаду ба фитна дилам реш-реш кард,
Болои гӯри синаи ман санги ғам ниҳод.

Ку меваи расидаи шохи баланди ишқ?
Зоғу заған на хӯрду на сӯи замин фитод.

Як қатра оби косаи сабру таҳаммулаш
Бар хеш талх гуфтаву бар дигарон надод.

Аз ҳизби ошиқӣ агарам сад алам расид,
Бо парчами муҳаббати ман ишқ зинда бод!

* * *

Хонаи дил кардаӣ бар мо хароб,
Роҳи ишқи туст монанди сароб.

Ҳамчу гавҳар аз назарҳо дур бош,
Худнамоӣ кард кам умри ҳубоб.

Сӯхтанҳои дили моро мапурс,
Сӯзҳо бинҳуфта дар ашки кабоб.

Мо зи юмни нози ту дарёфтем
Дилхушӣ дар хурдани нуқлу шароб.

Он қадар ҷабре, ки бар мо кардаӣ,
Чун кунӣ ҷуброн ту дар рӯзи ҳисоб?

Ҷилваи болопариданҳо макун,
Як дам аст анҷоми кафки рӯи об.

Ҳар нафасро ҳаст пеши мо ҳисоб,
Дар хати шаб ҳаст муҳри моҳтоб.

* * *

Меваи талх мураббо нашавад,
Заҳр заҳр аст, мудавво нашавад.

Ҷони беҳуда макан аз пайи мо,
Сари болоназарон по нашавад.

Гарчи гӯянд, ки ризқ аст азалӣ,
Лек беҷаҳд муҳайё нашавад.

Обрӯ паст макун, дор нигоҳ,
Шохаи хамзада боло нашавад.

Ишқи ту хоки маро меҳргиёст,
Сабз тухми дигар асло нашавад.

Шарбати васл нахоҳад нӯшид,
Ҳар ки дар сабр Зулайхо нашавад.

Насл аз луқмаи пок аст накӯ,
Оби гандида мусаффо нашавад.

Дидани даргаҳи нозат ҳеҷ аст,
Қуфли дарвоза агар во нашавад.

Турки Шероз ба холи ҳинду-ш
Хубрӯ нест, гар аз мо нашавад.

Даст аз хок бурун бод, агар
Пояи арки Бухоро нашавад!

* * *

Ҳаво зи ҳиммати борон тамиз мегардад,
Чу мева об равонад, мавиз мегардад.

Асо гирифтани пирон далели одат нест,
Чу синну сол равад, ҷон азиз мегардад.

Агарки тифл ба дашномҳо кунад шӯхӣ,
Ба ҳар мақом расад, бетамиз мегардад.

Фазои маърифати умр дар ситоиш нест,
Чу одамӣ зи пайи нафсу чиз мегардад.

Агар замона бубинам, ба чашм ором аст,
Ғизои умр ба комам лазиз мегардад.

* * *

Гули рӯи ту ба гулдони дилам мемонад,
Ҳарфи номат ба хати ҷони дилам мемонад.

Ба варақҳои зарандудаи девони ҳавас
Сабти шаҳмисраи армони дилам мемонад.

Ишқи ту риштаву колои гираҳнохӯрда,
Нақши гулдӯз ба домони дилам мемонад.

Меваи сабру таҳаммул, ки аҷаб ширин аст,
Баҳра нобурда ба сархони дилам мемонад.

Зи кафи лутфи ту дар суфраи умри гузарон
Намаки ишқу намакдони дилам мемонад.

Мурғи илҳоми маро бол кушудан омӯз,
Байзаи меҳр ба айвони дилам мемонад.

Ҳама ганҷе, ки зи каф тоҷики раҳгумзада дод,
Дар Бухорои зарафшони дилам мемонад.

* * *

Авзои маломатзадаро ҳавсала бояд,
Беҳавсаларо ачзу фақирӣ назудояд.

Афзун нашавад мартаба аз фазлфурӯшӣ,
Ҳар чиз ба дег аст, ба кафлес барояд.

Подоши хатокардаву раҳгумзада ин аст,
Ҳар ҷо, ки равад, ҳеҷ касе дар накушояд.

Орад ба нафас бӯи парокандаи тоҷик,
«Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд».

Дар ришу кулаҳ нест фаровонии рӯзӣ,
Ризқи ману ту аз карами Ҳақ бифизояд.

Занбӯри асал дар вараҚи гул чӣ биҷӯяд?
Моро ту ҳамон гӯ, ки дигар кор нашояд.

* * *

Туғёни ишқ аз раги ҷонам бадар нашуд,
Шамъи мурод сӯхт, вале шуълавар нашуд.

Боре арӯси ишқи ту дар хонаи дилам
Меҳмон шуду ба ҷурми риё муътабар нашуд.

Суҳроб аз ғурури ҷавонӣ ситеза кард,
Дар ҳифзи ҷон баҳона нишони падар нашуд.

Оне, ки бадсиришту ҷафопеша менамуд,
Баъди тавофи Каъба нигоҳаш дигар нашуд.

Болини ҳар касе ба лаҳад хоки сард гашт,
Марг омаду муҳофизи ҷон симу зар нашуд.

Хуршед аз каромати хеш аст сарбаланд,
Шаб даррасиду соя ба тан ҳамсафар нашуд.

Ҳар кас ба ранҷ соҳиби ҷоҳу мақом гашт,
Номи падар ситораи бахти писар нашуд.

* * *

Қимати ақл наяфзуд зи андешаи каҷ,
Дуздро ҳеҷ мукофот нашуд пешаи каҷ.

Саҳнаи умр мақоми ҳунари воло гашт,
Нақши аллома набозид ҳунарпешаи каҷ.

Ростӣ хубу вале диди дигар мебояд,
Қомати сарв бурун омада аз решаи каҷ.

Соя бар ҳамраҳу ҳампояи худ шиква кунад,
Ки ба дод омада аз ҳолати ҳампешаи каҷ.

Пушти оина сияҳ бод, вагарна ҳар дам,
Нигаҳи каҷ ба ҳама мерасад аз шишаи каҷ.

* * *

Ибрати ҳушёр аз девона аст,
Мастии девона аз ҷонона аст.

Кори бадро роҳи пинҳон нест, нест,
В-арна некӣ дар ҷаҳон афсона аст.

Аз фақирӣ дар канори хубрӯ
Айшу ишратҳои мо шоҳона аст.

Дар муҳаббатхонаву айвони дил
Ошноро ҳайбати бегона аст.

Боғи умри мо мабин бо чашми кам,
Мевааш аз нахли ширидона аст.

Ҷонамози ишқ рӯмоли ту гашт,
Сураи ихлоси мо паймона аст.

Ин гираҳ дар мӯи мушкини ту чист?
Гӯиё ҷоду зи рашки шона аст.

Бозии мадҳу ситоишро бубин,
Кабки мо ҳам пайрави бедона аст.

Сӯи ту хам гаштану ёзиданам
Дар дили шаб саҷдаи шукрона аст.

* * *

Мо зи ҳинду тобу таб омӯхтем,
Дарси ғамро аз тараб омӯхтем.

Аз муаммои китоби зиндагӣ
Пандҳои рӯзу шаб омӯхтем.

Бебаҳову беназир аст обрӯ,
Арзиши ному насаб омӯхтем.

Ранҷи раҳпоиву дарси ошиқӣ
Дар ниҳоди нимашаб омӯхтем.

Ақл дар сар, меҳр дар дил рӯшанист,
Аз китоби мунтахаб омӯхтем.

Ҳамнавоиро зи нози хубрӯ
Баҳри таскини асаб омӯхтем.

Ғайри қисмат роҳи дигар низ ҳаст,
Достони булаҷаб омӯхтем.

Сарбаландиро зи Нӯъмони Аҷам,
Бар амирони араб омӯхтем.

«Эй Бухоро шод бошу дер зӣ»,
Сабр аз Мири ғазаб омӯхтем.

* * *

Аз деви зулмат арзиши испедро мапурс,
Аз дилшикаста манзили уммедро мапурс.

Хоҳӣ, ки рост рафтаву нуру зиё шавӣ,
Аз аҳли соя ҷодаи хуршедро мапурс.

Бенаслро миёни ҷамоа чӣ пурсиш аст?
Аз боғбон ту манзалати бедро мапурс.

Дузд он якеву сад каси дигар гумонбар аст,
Аз издиҳом ҳарфи «шумоед»-ро мапурс.

Озори худситудани кас аз Худо расад,
Анҷоми комронии Ҷамшедро мапурс.

Армони хешро ба ҷафопешагон магӯ,
Аз дилшикаста манзили уммедро мапурс.

* * *

Ҳосили боғи мурод аз нахли чандинсола аст,
Мурғи илҳоми дили мо дар табу дар нола аст.

Кӯҳсори сабз, файзи лолаҳоро кам мабин,
Дар баҳорон сурхрӯиҳои мо аз лола аст.

Эй, дило, аз таънаи мансабталошон дур бош,
Барзагови мо ба чашми подабон гӯсола аст.

Ҳар қадар осуда мегардам, валекин ёди ман
Кӯдаки оворасон дар пуштаву дар ёла аст.

Чун кунам тадбир доди файзи борони ҳавас?
Дар сари боғи муроди мо ки санги жола аст.

Ҳар касеро дар мақоми хеш бошад обрӯ,
Модари мо модар асту холаи мо хола аст.

Хӯрдагириҳо ба тобишҳои байти мо макун,
Наварӯси шеъри мо акнун пайи қинғола аст.

* * *

Ғазали замзамаи ноз нагуфтем, дареғ,
Ба дили ғунчаи нашкуфта нуҳуфтем, дареғ.

Ҳама гулзор хазон гашту ҳавас ғофил монд,
Баъди анҷоми баҳорон бишукуфтем, дареғ.

Сари ҳар қофияву мисраи худ дармондем,
Гавҳари маънии носуфта насуфтем, дареғ.

Сабри моро паси дар кардаию боке нест,
Хоки даргоҳи ту бо мижа нарӯфтем, дареғ.

Осиёи фалак аз доираи гардиш монд,
Дона дар хирмани моҳи ту накуфтем, дареғ.

Солҳо васфи қаду сеҳри ҷамолаш кардем,
Як шаб андар бари ӯ лек нахуфтем, дареғ,

Рози ногуфтаи бинҳуфта чу ғам борам нест,
Ғазали замзамаи ноз нагуфтем, дареғ.

* * *

Андешаи мо меваи хом аст, магӯ,
Мурғи дили мо дар хати дом аст, магӯ.

Анҷоми ҳавасҳои маро хуршедест,
Субҳи ҳавасам охири шом аст, магӯ.

Бе ном касе ба ҳар кучо беватан аст,
Девона ғариби кӯи ном аст, магӯ.

Соф аст майу дасту дили мо пок аст,
Май дар кафи дасти мо ҳаром аст, магӯ.

Шукронаи додаи Худо бояд кард,
Даргоҳи насиб, ин чӣ мақом аст, магӯ.

Ҳар кас ба мақоми номи худ менозад,
Шаҳзода ба пеши мо ғулом аст, магӯ.

Мо иззату эҳтироми кас медорем,
Аз тарс баҳона дар салом аст, магӯ.

* * *

Ҳар ки васфи ёри нонӣ мекунад,
Сад ситам бар ёри ҷонӣ мекунад.

Дар мақоми пир ҳам монад ҷавон,
Он касе, к-аз дил ҷавонӣ мекунад.

Дастранҷи мо гули рӯяш бувад,
Ҷои дигар гулфишонӣ мекунад.

Ширамасти аз қиёмат бехабар
Ҷилва дар дунёи фонӣ мекунад.

Дар шигифтам аз вафодории саг,
Хонаи ҳамсоя бонӣ мекунад.

Комёб аст он, ки бо ӯ мурғи дил
Дар дили шаб ҳамзабонӣ мекунад.

Гар касе бар қадри ҷонаш мерасад,
«Мурда-мурда зиндагонӣ мекунад».

* * *

Маро бигзор дар тоби ту сӯзам,
Ба ёдат хонаи дил барфурӯзам.

Гули домони ту нақши нигоҳ аст,
Чӣ сон бар кӯи дигар дида дӯзам?

Бигуфто гесувонаш дар бари рӯ,
Ки боли мурғи шаб дар дашти рӯзам.

Ҳақиқатзодаи афсонаумрам,
Миёни хушку тар асло насӯзам.

* * *

Мурғи дил ояти падруди туро мехонад,
Хонаи дил пас аз ин ғамкадаро мемонад.

Шамъсон манзалати оташу об омӯзем,
Қадри моро, ки надонӣ ту, Худо медонад.

Ҳосили навдаи хамгашта, ки аз раҳгузар аст,
Боғбон шохаи беруншударо нафшонад.

Ончунон бими писар пеши падар мебояд,
Ҳастии ҷони варо теғи нигаҳ ларзонад.

Аз кафи ҳиммати навкиса ҳазар бояд кард,
Эҳтиёҷи каси муфлисшударо кай донад?!

Шубҳа андар дили кас бонги шаҳодат бошад,
Раҳгузарро саги н-ошуфта наметарсонад.

* * *

Аз дидаи ман сурати ӯ дур нашуд,
Бар сози дигар тори дилам чӯр нашуд.

Мо ёд накардем намакдодаи худ,
Дар ком ғизои умр то шӯр нашуд.

Тобу таби хештан зи ҷон мебояд,
То шамъ насӯхт, соҳиби нур нашуд.

Яъқуби Набӣ надид гумкардаи худ,
Аз дурии ӯ зи гиря то кӯр нашуд.

Умр аст муқаддасу вале қимати он
Фонӯси фурӯзони сари гӯр нашуд.

* * *

Шайтони нафс фикри муросо намекунад,
Беҳуда хешро ба диле ҷо намекунад.

Бо қавми бадсиришту савори саманди кин
Оқил бувад касе, ки мадоро намекунад.

Хайру сахо ба анҷумане беҳадаф набуд,
Беҳуда харҷ мардуми доро намекунад.

Бошад касе, ки сабр ба ҷон парварад, вале
Дар роҳи ишқ кори Зулайхо намекунад.

Сархамшавии беди лаби ҷӯ зи баҳри чист?
Дасти тиҳӣ ҷасорати боло намекунад.

Оҳуи бодпо наҳаросад зи шери ланг,
Озурда ризқи хеш муҳайё намекунад.

Роҳи нигоҳу дида раҳи хорзор бод,
Чашме, ки дидани ту таманно намекунад.

Домони зан ба дасту гиребони мард гуфт:
Мард аст он, ки сирри худ ифшо намекунад.

* * *

Баъди бадгӯй маро ин қадр дилчӯй чаро?
Бар димоғи сӯхта аз нофа хушбӯй чаро?

Дар забони дилшикаста талх бошад ҳарфи ишқ,
Васфи турки хубрӯю холи ҳиндуй чаро?

Заҳри тан кардӣ бароям нӯшбоди нози худ,
Дар сари болин ба гӯши мо шакаргӯй чаро?

Сураи ихлосро кардӣ бароям рафъи ғам,
Дар дили поки намозӣ феъли ҷодуй чаро?

Интизорӣ решаву сабру таҳаммул мева аст,
Гар надорӣ ину он, дар боғ раҳпӯй чаро?

Сурхрӯиҳои лола шарм аз ҳоли дил аст,
Дил сияҳ бошад агар, оини хушрӯй чаро?

* * *

Бар гӯши дил таронаи нозат муносиб аст,
Савти хамӯшии ту ба сад нағма ғолиб аст.

Як дастро садо набувад дар билоди умр,
Осудагии марду зан аз ҳар ду ҷониб аст.

Ин гарди хоки кист, ки дар китфи ту нишаст?
Гуфто: Зи кӯза бошаду асрори косиб аст.

Гавҳаршиноси умр ба ҳақ доварӣ кунад,
Илму ҳунар, ки гавҳари тобони толиб аст.

Тавлид гар барои ҳама як бувад, вале
Мурдан барои бешарафон бомаротиб аст.

Ризқофарини умр зи роҳи ишора гуфт:
Ақли закӣ ба киштаи андеша соҳиб аст.

* * *

Гуфтамаш: Чеҳраи дилҷӯи туро чашми кӣ дид?
Гуфт: Оне, ки садои дили маъшуқа шунид.

Гуфтамаш: Кай зи ту ман баҳра барам? Гуфт ба ноз:
Он гаҳе, ки думи уштур ба сари хок расид.

Гуфтамаш: Барфи танатро ба чӣ сон ламс кунам?
Ба шаби моҳи тамуз гуфт, ки борон борид.

Гуфтамаш: Дил ба раҳи ишқи ту шуд, гуфт: Аҷаб,
Дили сад ошиқи бечора дар ин роҳ тапид.

Гуфтамаш: Гесуи мушкини ту кай бӯй кашам?
Гуфт: Дер омадаӣ, бод ҳама бӯй шамид.

Гуфтамаш: Сеҳри сухан баҳри ту ман омӯзам,
Гуфт: Устоди ту шогирди маро гашт мурид.

Гуфтамаш: Аз чӣ ба додам нарасӣ? Гуфт бидон:
Кафтари меҳри ту аз боми хаёлам бипарид.

Гуфтамаш: Косаи сабрам чӣ шавад? Гуфт: Бирав,
Коса бар сар бишикан, ранги гули лола чакид.

* * *

Диле, то аз забони шуъла алфози шарар дорад,
Зи дунёи муҳаббат ахтару шамсу қамар дорад.

Ба ҷавлонгоҳи шерон по ниҳодан кори осон нест,
Ки он ҷо каҷ нишастан, каҷ нигаҳ кардан хатар дорад.

Ба фарзанди муҳаббатпеша зарби панҷа ҷоиз нест,
Зафарманд аст фарзанде, ки ӯ меҳри падар дорад.

Сари хамгаштаи беди лаби ҷӯ чист, медонӣ?
Зи ноҷо қад кашидан тарс аз зарби табар дорад.

Надорад боғбон аз раҳгузар биме, чу медонад,
Наёзад даст бар боғе, ки нахли бесамар дорад.

Дар ин маҳфил нишастан туршрӯро ҳеҷ суде нест.
Ки дастархони шеъру шоирӣ ширу шакар дорад.

Ҳама ранҷу азоби хешро бар дӯши мо афкан,
Ки тоби кӯҳи ғамро шонаи Давлат Сафар дорад.

* * *

Таштоби рафъи ҷоду зи ҳар байти ман кунед,
Ҳар ҷумъа ҷамъ омада, ҷодушикан кунед.

Дуди кабоби ин ҷигари хомсӯзро
Дар сайри лола тӯшаи боди Ватан кунед.

Афсона ҳам дурӯғи ҳақиқат шавад, агар
Тӯтимасал ситоиши зоғу заған кунед.

Як рӯз тарки мо кунаду бевафо шавад,
Ҷонро агарчи подшаҳи қасри тан кунед.

Оина аз ғубори нафас тира мешавад,
Дилро, мабод, оина дар анҷуман кунед.

Маънии ишқ он набувад, ки мисоли Қайс
Девонавор нола ба дашту даман кунед.

Гар ҷон бувад сухан ба вуҷуди шарифи мо,
Дил ҷонамози мост, намози сухан кунед.

* * *

Мавҷи фикр он гаҳ, ки дар гирдоби мазмун меравад,
Эътибори ақл аз ҳар дида берун меравад.

Ишқ дар дил оташ асту сӯзиши беҳуда нест,
Нолаи ошиқ аз ин оташ ба гардун меравад.

Офиятро нест оромӣ ба саҳрои ҳавас,
Варна Маҷнун аз чӣ бар домони ҳомун меравад?

Чист баҳри Кӯҳкан подоши қисмат то кунун?
Ҷои шир аз синаи кӯҳи алам хун меравад.

Ёр имшаб мекунад сад пора қалби решро,
Шод омад бар дарам, аз дида маҳзун меравад.

Лутфи Аллоҳ аст моро Давлати дунёи ишқ,
Аз хаёлам дар дили шаб ганҷи Қорун меравад.

* * *

Гоҳе, ки зулфи ёр ба чанголи шона буд,
Дар ҳар гираҳ ба зулф ниҳон як баҳона буд.

Дандони мо зи себи занахдон газиду гуфт:
Эй хуш касе, ки аз пайи нақшу нишона буд.

Раҳ рафтану ба ишва нигаҳ карданат ба мо
Шаҳбайти нонавиштаву тарҳи тарона буд.

Дар мактаби муҳаббату ишқи ту, сад дареғ,
Тадриси мо ба илму амал ғоибона буд.

Дар рӯзи ҳашр баҳравари нури Ҳақ шавад
Оне, ки дар нигоҳи падар шамъи хона буд.

Дар банди дил нигоҳи аҷибат гираҳ бизад,
Ҳимматбаландии ту магар ҷовидона буд?

Шаб ранги мӯи туст, надорам ҳарос аз он,
Ларзиш ба панҷаҳои ман аз рашки шона буд.

РИШНОМА

Ин ҳама риш чӣ маънӣ дорад?
Ғайри ташвиш чӣ маънӣ дорад?
Бедил

Резондаанд қавми риё обрӯи риш,
Гум гаштааст иззату номи накӯи риш.

Як лаҳза дар сукут нишинӣ муқобилаш
Марги таҳаммул аст раҳи гуфтугӯи риш.

Бархе ба риши хеш чунон панҷа мезананд,
Сад бор бишканад нафаси рафта бӯи риш.

Дар рӯзи тӯй ё ки ба хони худоие,
Деги саҳал ду пой барорад ба сӯи риш.

Дандони шона гар шиканад уқдаҳои мӯй,
Ин бок не, ки дилшиканон аст мӯи риш.

Он қадр аз фишори хурофот хун шудем,
Дармондаем дар ҳарами чорсӯи риш.

Риш аст ҷурмдор магар, ки фариштагон
Тобидаанд рӯи накӯшон зи рӯи риш.

Дар бехи гӯши лоларухону сиҳиқадон
Зулфи хамида лол бимонд аз нумӯи риш.

Хуршед риши нур ба даври фалак фишонд,
Сар зад ба кӯҳ вақти ғуруб аз тулӯи риш.

Мулло ҳисоби донаи тасбеҳу пул ба даст,
Парпар занад ба ҳар тарафе маст қӯи риш.

Мавридшинос нест касе дар мақоми риш,
То рӯзи бозхост бувад ӯ адӯи риш.

Тасвиби як қарор бубояд ба зиндагӣ,
Як рӯзи ҳафта расм шавад шустушӯи риш.

Ҳар субҳу шом бод фиғон мекунад, ки ку
Бар мо ҳаловати нафаси мушкбӯи риш?

Бархе ба риши ғавдала нозанд, дил вале
Хоҳад, ки банд ҳалқа кунад дар гулӯи риш.

Дар чорсӯи бурҷи фалак як навиштаест:
Теғи адаб шикаст дами бозгӯи риш.

Ташвиши риш бори бади рӯзгори мост,
Эй қавми кӯсаҳо, накунед орзуи риш!

Р У Б О И Ҳ О

Аз минбари дил касе сухан мегӯяд,
Асрори ниҳони анҷуман мегӯяд.
Ояд ба Ватан рӯҳи ғариб аз паси марг,
Вақте ки ба набзи ҷон Ватан мегӯяд.

Ин таъби равони ман равон мемонад,
Меҳри Ватанам дар дилу ҷон мемонад.
Дар пушти дили фишурдаҷонам то марг
Аз панҷаи ишқ сад нишон мемонад.

Меҳр аст агар дурри сухан суфтани мо,
Ишқ аст ба зиндагӣ Ватан гуфтани мо.
Гуфтӣ, ки зи як гул ту маҷӯ пайки баҳор,
Сад пайки баҳор аст ба бишкуфтани мо.

Сарсабзии мо решаи ишқи Ватан аст,
Пирӯзӣ аз андешаи ишқи Ватан аст.
Дар хоки мазори мо чу нахле рӯяд,
Нахлест, ки аз бешаи ишқи Ватан аст.

Марг аст агарки раҳкушои мурдан,
Ҷуз хоки Ватан маҷӯ ту ҷои мурдан.
Аз умр агар нақш намонад аз мо,
Пас зиндагии мост барои мурдан.

Кай мушкили мо ба ишқ осон гардад?
Кай шаҳди лабат ҳаловати ҷон гардад?
Ашке, ки зи дидагони ошиқ резад,
Дар фасли баҳор боз борон гардад.

Дилгирам аз он шабе, ки маҳтобам нест,
Дарё гардам ба ишқ, гирдобам нест.
Бо чашми кушода пок будан ғалат аст,
Бедории ман азиз чун хобам нест.

Чун абр агар дамидам аз гиряи ту,
Домони дилам такидам аз гиряи ту.
Нодида висоли хандаи бахт, дареғ,
Оҳанги алам шунидам аз гиряи ту.

Дар базми арӯсии ту исён моем,
Дар мотами дил синаи бирён моем.
Аз шарбати поки ишқ мастем агар,
Дар оташи ғам кабоби гирён моем.

Рӯзе, ки ба чашмони ту тобанда шудам,
Дар мактаби ишқ ошиқи ганда шудам.
Афсӯс, ки аз танӯри сарди дили ту
Монанди фатири норасӣ канда шудам.

Дар қимати ранҷи хеш котиб дорем,
Дар ишқ барои дил мусоҳиб дорем.
Қамчии маломатат бигир аз сари мо,
Дар кӯча намондаем, соҳиб дорем.

Дар шаҳри садоқатему бисёр камем,
Дар синаи хуррамӣ чу дардему ғамем.
Мерос бувад барои мо ин одат:
Маркаб ки парад зи чӯ, фаромӯши ҳамем.

Хуршед шудӣ, нуру зиё рӯям сӯхт,
Гуфтӣ, ки ба пешам ту маё, рӯям сӯхт.
Оинаи беғубори ишқи ту будам,
Хокистари оташи ҳаё рӯям сӯхт.

Бар хоки садоқати Ватан чун обам,
Аз нахли даворешa самар меёбам.
Шабҳо ба навои най таҳорат карда,
Дар хаймаи Хайёми рубоӣ хобам.

Сад мушт агар зи дарки дунё хурдам,
Ҳар қатраи хуни дил чу дарё хурдам.
Ҳарчанд маро оташи ишқат сӯзонд,
Ман лек зи деги сабр ҳалво хурдам.

Як косаи об як кафи омин буд,
Ҳар қатра савоби хондани Ёсин буд.
Андар табақи сари танӯри модар
Тезоба ба коми талхи мо ширин буд.

Ман кишти хаёлҳо дурудам бе ту,
«Ман доғ» ба доғи ту сурудам бе ту.
Ишқи ту сароғозу саранҷомам шуд,
Яъне ҳама умр бо ту будам бе ту.

Як давру замон мағозаҳо камчин буд,
Гӯгирд вале дар ҳама ҷо як тин буд.
Ҳар кас, ки агар ҳақи касеро мехурд,
Номаш ба забони ҳамагон бедин буд.

Дар партаи пеши синфи бераҳбари ман
Аз ҷинси муқобилам набуд дар бари ман.
Аз духтаракони содаи ҳамдарсам
Бесар, ки будам, яке нашуд ҳамсари ман.

Зинҳор магӯ, ки бемақом афтодам,
Нопухта зи нахли умр хом афтодам.
Сад марзи хаёлро гузаштам, аммо
Дар сарҳади ишқи ту ба дом афтодам.

Ишқи ту расиду хоби чашмам бигрифт,
Бо ваъдаи хушк оби чашмам бигрифт.
Борони маломати ту дар ҷодаи умр
Дардо, ки ба ғам алови чашмам бигрифт.

Дар қад-қади рӯди мо ниҳоли газ нест,
Оина талошманди ҳар ораз нест.
Қадри гули рӯи навҷавонӣ бишнос,
Зеро ки гули сохтаи қоғаз нест.

Бар маъракаи хонаи бобои Самад
Ку баччагиям, ки мом манро бубарад?
Бо гиря агар аз паси ӯ мерафтам,
Бо гиря кунун зи пушти ман менигарад.

Бемеҳр бувад агар диле, хоки раҳ аст,
Саргашта ба кӯи дарду ғам бефараҳ аст.
Айбе набувад, шароб хӯрдем агар,
Вақте ки шароб хурд моро, гунаҳ аст.

Муллосифате зи мо шикоят дорад,
Аз васвасаҳои май ҳикоят дорад.
Ғофил бошад зи он, ки ҳар қатра шароб
Дарё-дарё ба худ ривоят дорад.

Сад майлу ҳавас, ки дар дили мо мурдаст,
Бо хеш ҳама дарду даворо бурдаст.
Хурдем шароби нобро бебаркаш,
Дидем, ки пас шароб моро хӯрдаст.

Дар баҳри сиёҳи осмон ҳам имшаб
Моҳ аст заҒорамоҳии нозуклаб.
Чашмони маро ситорамоҳӣ мебурд,
Мебурд маро зи хештан ларзаву таб.

Дар чашми рақиби мо нигоҳи фанд аст,
Сад кина ба дил, ба зоҳираш сад панд аст.
Аз рост ба раҳ рафтани мо ғам дорад,
Аз каҷ будани думби сагам хурсанд аст.

Сад мушт зи бесарӣ, ки бар сар хурдам,
Сад мушти дигар зи пушти минбар хурдам.
Ширинии умри ман ҳамон аст, ҳамон,
Қанде, ки аз остини модар хурдам.

Як пораи нон буд ба зери сари ман,
Як дарзаи ғӯзапоя буд бистари ман.
Ду чашми сарам шарорасон мерахшид,
То шеди сари танӯр буд модари ман.

Мебораду меборад барфи лак-лак,
Гӯӣ безад ҳаво гули барфи фалак.
Дар чанги баҳона бо умеди дидор
Аз духтари ҳамсоя гирифтам элак.

Дар домани боди ғам ба мисли гардам,
Нопухтаву носӯхтаи дилсардам.
Он лаҳза, ки ширдони модар хушкид,
З-он рӯз ба умр талхкоме гардам.

Бадхоҳ нагирад қадамаш аз раҳи бад,
Мисле, ки саги кӯча намедонад ҳад.
Ҳайронам аз ин покию покомӯзӣ,
Оташ таҳи дег бо забон мелесад.

Сарҷамъии мо бародарон бесар шуд,
Ҳар як ба раҳе рафту ба худ раҳбар шуд.
Дар дасти падар асои вақти пирӣ
Фарзанди азизу хурдии модар шуд.

Ҳар барг, ки дар фасли хазон мерезад,
Ғамгинам аз он, ки барги ҷон мерезад.
Шире, ки зи пистони ту хӯрдам, модар,
Аз новаки чашмам ба фиғон мерезад.

Девест ба пушта абр, ки золӣ кард,
Бо наъраи масти маст хушҳолӣ кард.
Дар марзи дилам чӣ дид аз навмедӣ?
Чун гиряи тифлиам дилаш холӣ кард.

Аз пушта, ки сад дарза ба пуштам бурдам,
Сад мушт ба як мушти дилам афшурдам.
Азбаски зи пушти ту ҷигарбирёнам,
Гандумсараки сафеди бирён хурдам.

Чун дар бари ман нест, дареғо, бари ту,
Сад мушт ба сар задам ба пушти дари ту.
Бо сад сар агар ки сар ба болин мондам,
Буд сарсарӣ он ҳама ба ғайри сари ту.

Дишаб бари ёр найнавозӣ кардам,
Сар дар бағалаш чӣ сарфарозӣ кардам.
Печид ба гарданам чу море мӯяш,
То субҳ ба шавқ морбозӣ кардам.

Дишаб сару пои худ намозӣ кардам,
Дар оташи ишқ худгудозӣ кардам.
Дар ҳалқаи зулфи ёр то субҳи сафо
Печида чу ҳалқа, дорбозӣ кардам.

Дар тутаи дудмон, ки мисли дудем,
Афсона ҳақиқат шуду мо нобудем.
Поёни шаби сияҳ сафед аст, вале
Дар домани субҳ бо сиёҳӣ будем.

Девона зи чашми маст-масти ту шудам,
Оқил зи хумори майпарасти ту шудам.
Шаҳбайти лабони ту гадоӣ кардам,
Побанд ба банди ғам зи дасти ту шудам.

Доданд маро чу чормағзи кӯрак,
Идона маро карда чунин ранҷӯрак.
Шояд, ки аз он бувад маро қисмати шӯр,
Хурдам дами тифлиям нахӯди шӯрак.

Аз он ки зи ҷӯра қанд хурдам бо фанд,
Дар гӯши дил овехтаам ҳалқаи панд.
Мондӣ агар аз худ ба зимистон, ҳаргиз
Аз гӯшаи боми хеш барфат надиҳанд.

Ҳамроҳи падар ба шавқ дон мекиштам,
Бо модари ҷон пила ба шаб мериштам.
Абёти нахусти хешро бо ангушт
Дар тахтаи рӯи оби ҷӯ бинвиштам.

Ҳарчанд ки дар фазои худ шаҳбозам,
Ҳамроҳи кабӯтарони дар парвозам,
Ноне, ки ба оби ҷӯй тар мекардам,
Имрӯз ба оби дида тар месозам.

Эй дил, зи ғами ишқ маёзор маро,
Дар ҷодаи уммед нигаҳ дор маро.
Аз боби вафои ёр ҳарфе ту мазан,
Ҷуз сояи худ нест вафодор маро.

Имрӯз насими ёри ман меояд,
Бӯи гули интизори ман меояд.
Вақт аст, к-аз ин ҷилва ба ранге бирасам,
Оинааму баҳори ман меояд.

Дар боғи умед пайкари меҳр манам,
Гулдастаи ихлос бимон дар қадамам.
Дар сояи дигарон нахоҳам будан,
Бар сояи хеш бори тан мефиканам.

Аз тирагии хонаи дил тарсидам,
Аз тарс чу сармозадае ларзидам.
Аз оташи ишқ сӯхтанро дишаб
Дар доғи сиёҳи лолаи дил дидам.

Аз ёр ҷудо шудам, ҳабиби ман шуд,
Аз дард раҳо шудам, табиби ман шуд.
Дуздон ҳама полези ҳаётам бурданд,
Каҷхарбузае фақат насиби ман шуд.

Дар дил зи ғамат шуъла барафрӯхтаам,
Парвонасифат болу парам сӯхтаам.
Гӯё зи матои интизори дишаб
Бар ин дили мурдаам кафан дӯхтаам.

Ё раб, чӣ муаммост дар ин тоби ҳаёт?
Таъбир чӣ кардаӣ аз ин хоби ҳаёт?
То шӯълаи уммед бимонад ҷовид,
Бар оташи ишқи мо бизан оби ҳаёт.

Метарсам аз он роз, ки дар дил монад,
Аз боғи муҳаббатам чӣ ҳосил монад?
Дарёст агар ба ишқ тадбири рақиб,
Дарди ману дил дар лаби соҳил монад.

Эй ёр, агарчи аз ту дорем алам,
Бе ёди ту дил нафас нагирад як дам.
Ҳар донаи ашки мард гавҳар бошад,
Бар хирмани ҷони мо мазан оташи ғам.

Аз кӯчаи ишқи ту дилам мекӯчид,
Чанголи ғамат лунҷи дилам мепӯчид.
Рӯзе, ки ба ишқи ту шудам ширдаҳан,
Тифли ҳавасам синаи ғам мефӯчид.

Дар кӯчаи Кӯлоб ба Балхам бе ту,
Анҷоми ҳама тавони фалхам бе ту.
Дар нӯги забони ту асал буд номам,
Имрӯз вале гиряи талхам бе ту.

Дар олами мо савоб ҳам дорад ҳад,
Нек аст, агар хайр бубинӣ аз бад.
Тарки гунаҳат кунӣ агар, шак бошад,
Беҳ аст агар гунаҳ туро тарк кунад.

Дарё сари хешро ба соҳил мезад,
Чун тавбашикан ба ҳоли мушкил мезад.
Сад раҳ ба раҳи хотира меболидам,
Ҷонам ба хумори ишқи ту дил мезад.

Эй кош, илоҷи мушкил осон бошад,
Эй кош, вафо ба аҳд бо ҷон бошад.
Дар сахтии ҳар ҳодисае сустии мард
Абрӯи каҷу зулфи парешон бошад.

Дар бистари кӯҳ шаб кушояд гесӯ,
Дар панҷаи боди рав бисояд гесӯ.
Хуршед зи пушти кӯҳ раҳ мепӯяд,
То духтари шаб ҷамъ намояд гесӯ.

Муҳтоҷи дари хонаи номард кӣ гашт?
Он кас, ки ба ҳоли хеш з-андеша гузашт.
Гунҷишк зи лона пар кушояд ҳар субҳ,
Чун медонад ризқ муҳайёст ба дашт.

Хоб аст ҳар он касе дар оғӯши замин,
Бар қаъри замин фитода аз дӯши замин.
Рӯзе, ки ба даҳр чашмро во кардем,
З-он рӯз кашол аст ба мо ҳуши замин.

Дар маҳфили ишқ нақли беҳуда макун,
Бар реши дили мо намаки суда макун.
Дар хонаи дил аз алами раҳпоӣ
Оташ ки задӣ, шикоят аз дуда макун.

Ҷон аст ба мо амонати умр ба тан,
Аъмоли хиёнаташ зи андеша фикан.
Муште, ки зи баъди рафтани аҳёр аст,
Бардор баланду бар сари хеш бизан.

Бод аз ғами бӯи ту шабе марсия гуфт,
Дар вазни рубоӣ гуфт, беқофия гуфт.
Бар гӯши замини сӯхта абри гузар
Бо шеваи борон ба алам таъзия гуфт.

Гӯянд, ки кори нек умри абад аст,
Ҳар кас, ки агар бад аст, ӯ деву дад аст.
Дар нимашабӣ боди гузар бо борон
Аз пушти арӯси сол дар қадбақад аст.

Боде, ки ба бӯи ту қаландар шудааст,
Саркӯб чу девона ба ҳар дар шудааст.
Гуфтӣ, ки чаро уф-уфи беҳуда кунад?
Аз кашмакаши зулфи ту шалпар шудааст.

Тифл аст агар зи шираи лукмаи пок,
То пир шудан ба дида н-ояд бебок.
Аз синаи модарем гар ширдаҳан,
Пас хокдаҳан шавем дар синаи хок.

Сарчашмаи нози ишқ дар хоби ту аст,
Озодии дил шиори азҳоби ту аст.
Симоби муҳаббати ту пок аст маро,
Дар дил, ки ҳавосанҷи табу тоби ту аст.

Хандидани тифли рӯзро субҳ кӣ дид?
Оне, ки шаб аз синаи маҳ шир макид.
Сурхии шафақ чӣ буд дар тавлидаш?
Хуршед ба теғи нур нофаш бибурид.

Маҳтоб зи рӯи ту агар шарм кунад,
Шаб мӯи пареши хешро чарм кунад.
Савдозадагиҳои маро таъна мазан,
Бозори муҳаббати туро гарм кунад.

Як галла ситора дар паропар дидам,
Дар ҳолаи моҳ хоби тундар дидам.
Гуфтӣ зи қиёми абр боке набувад,
Пас мӯи сиёҳи ту чаро тар дидам?

Маҳ бар сари хеш чодари абр кунад,
Монанди арӯси бенаво сабр кунад.
Он қадр назорааш парешонҳол аст,
Хушдомани шаб магар ба ӯ ҷабр кунад?!

Аз кӯча насими субҳ олуфта гузашт,
Нашкаст хумори хеш, ошуфта гузашт.
Асрори нагуфтаи фалакро дишаб
Абри сари пушта бар замин гуфта гузашт.

Тундар заду дар дашти само зилзила шуд,
Борон ба ҳавои бод дар силсила шуд.
Аз қатраи борони баҳорӣ дишаб
Дар нӯги забони барги гул обила шуд.

Мо дил ба касе диҳем, к-ӯ дилбари мост,
Ҳамболи ҳамонем, ки болу пари мост.
Дар шебу фарози умр чун сояву тан
Мо дар бари он касем, к-ӯ дар бари мост.

Амвоҷи баҳонаҳо, ки шабҳои ту аст,
Дарде, ки ба мост, аз сабабҳои ту аст.
Ҳар сатр, ки бо ёди ту эҷод шавад,
Дар вазни арӯзи байти лабҳои ту аст.

Ишқи ту ба дарду ғам қаринам кардаст,
Сад роз ниҳон дар хати чинам кардаст.
Бо саҷдаи шукр дар ибодатгаҳи ишқ
Чил кокули ту чилланишинам кардаст.

Осоиши зиндагии мо аз бахт аст,
Аҳд аст агар тоҷ, вафояш тахт аст.
Сад санги маломат ар биафтад зи фалак,
Бар фарқи саре занад, ки ӯ сарсахт аст.

Болои сарам абри гузар соя нашуд,
Подоши қалам ба умр сармоя нашуд.
Он лаҳза, ки девори дилам меафтид,
Афсӯс, ки чӯби қаламам поя нашуд.

Оина зи рӯи зиштрӯ дилгир аст,
Дарвеш ба чоҳи хеш беҳ аз мир аст.
Тадбир ба ҷурми ҳар ҷавон ёбад пир,
Пире, ки ҷавонӣ ар кунад, бепир аст.

Вақте ки задӣ шона ту зулфонатро,
Куштӣ ба назора ошиқи ҷонатро.
Аз рашк ба шона панҷа гуфто бас кун,
В-арна шиканам сивуду дандонатро.

Аз омаданат садои дарвоза нашуд,
Ку ошиқи сарсахт, ки овоза нашуд?
Шаб об шудам, вале ғубори ғами ту
Аз оинаи дидаву дил тоза нашуд.

Гӯянд агар, ки кам бувад умри дурӯғ,
Пас дар дили шамъи базми шаб нест фурӯғ,
Он қадр зи ҷабри ошиқӣ сӯхтаам,
Пуф кардаю дам кашидаам косаи дӯғ.

Эй дил, ҳама бори умри дурӯза макаш,
Бар ҷоми умед май зи ҳар кӯза макаш.
Маштоб ба ҳар ҷодаву осема машав,
То об набинӣ ба раҳат, мӯза макаш.

Бо шонаи дандон, ки ба мӯи ту задам,
Муғпар ба лаби кулчаи рӯи ту задам.
Чун бод ба гирди хештан печида,
Худро ба чаҳор сӯ ба бӯи ту задам.

Бо гиря раҳи хоб гирифтам дар ишқ,
Бар хеш табу тоб гирифтам дар ишқ.
Девонагиам то нашавад овоза,
Аз ғам ба даҳан об гирифтам дар ишқ.

Шоир, ки бувад ба умр машғули қалам,
Мақбули Худост ранҷи масъули қалам.
Як лаҳза агар зи шеър ғофил монад,
Бар чашми дилаш нӯл занад нӯли қалам.

Имшаб ҳама дарди ошиқӣ бори ман аст,
Ёди ту ғубори чашми бедори ман аст.
Чил роҳзани хазинаи ишқ, охир,
Чил кокули майдабофии ёри ман аст.

Дилро ба инони чашми мастат додам,
Моҳии тило ба чанги шастат додам.
Аз буду набуди шоириам дар умр
Домони рубоиям ба дастат додам.

Бе пир будам, ки ишқи ту пирам кард,
Дар хок пайи нишонаи тирам кард.
Гуфтам, ки раҳи гиря бубандам бо хоб,
Дар хоб вале гиря гулӯгирам кард.

Ин чарх ба коми дили мо тоб нахурд,
Беҳуда ғулом сари арбоб нахурд.
Дар чашмаи ҷӯшони муҳаббат, охир,
Як умр дилам сӯхт, вале об нахурд.

Эй ишқ, ману ту анҷуман ороем,
Ҳосил чӣ шавад, ки ҳардумон танҳоем?
Аз саҷдаи бисёр нашуд рост раҳам,
Ё қиблаи ту каҷ аст, ё каҷ моем.

Ишқ аст чу маҳбасу асираш моем,
Дил мулки муҳаббат асту мираш моем.
Як рӯз пайи нишона бар хок шавем,
Вақт аст камони умру тираш моем.

Хомӯшии мо бонги садо мешиканад,
Ошӯби ҳама ҷабру ҷафо мешиканад.
Ин шишаи номуси маро саҳл магир,
Сад санги маломати туро мешиканад.

Дар ҳар нафасе, ки сӯз бинам аз ишқ,
Як нолаи худфурӯз бинам аз ишқ.
Сад каф ба дуо, бо ғами дил дар дили шаб,
Ку рӯзи Худо, ки рӯз бинам аз ишқ?!

Сад дидаи интизор дорад дили ман,
Аз доғи ту лолазор дорад дили ман.
Бархез, биё зиёрати ҳазрати ишқ,
Дар сина аз ӯ мазор дорад дили ман.

Бо чеҳраи коҳидаву оҳанги ҳазин
Пире ба асо зи дард мекӯфт замин.
Гуфтам, ки садои чист дар тик-тики он?
Гуфто, ки хитоби соати ҷон аст ин.

Тути кали фарсуда надорад соя,
Шохи каҷи ангур нагардад поя.
Тифле, ки зи пушти марди ғофил бошад,
Не модар аз ӯ тинҷ бувад, не доя.

Аз ҷомаи абр, кош, бошад кафанам,
Шояд ки пур аз гиря шавад гӯри танам.
Ҳоҷат ба харита нест ҳангоми сафар,
Дар ҷону дили ман аст ҷои Ватанам.

Аз кӯчаи иқбол нашуд карда гузар,
Дар боғи муроди дил талаф ёфт самар,
Сад шохаи умрро тагурӯ кардам,
Дардо, ки надидаам ба ҷуз нақши табар.

Ҳар гаҳ, ки барорад ба алам най нола,
Бар ёд ҳамерасад ғами садсола.
Ҳар сол ба анҷоми баҳорон гӯё
Оҳи ҷигари замин бирӯяд лола.

Чандест рабудаӣ табу тоби маро,
Дар чашм бубастаӣ раҳи хоби маро.
Дар дашти самои ишқ раҳ гум кардам,
Бигрифта буданд баски маҳтоби маро.

То он ки туро надидам, эй навдаи тар,
Кай доштам аз валвалаи ишқ хабар?!
Дар қаъри танӯри синаам ишқи ту кард
Бо сӯхтанаш нони дилам хокистар.

Ин Юсуфи дил ба Мисри ишқат мир аст,
Яъқуби хаёлҳои ман дилгир аст.
Дар хоки нишонаи Зулайхои ҳавас
Гумгашта ба ормон хатои тир аст.

Бегона ба ошнои мо гардад дӯст,
Коҳест, ки ҷой гашта андар таги пӯст.
Нек омада гар касе зи батни модар,
Дар батни замин оқибати ӯ некӯст.

Шаҳбайти дилам дар хати ожанги ту буд,
Оромии дил ба сина аз ҷанги ту буд.
Армони дили шафақсиришта гӯё
Дар субҳи умеди мӯи шабранги ту буд.

Модар гуфто: «Чист азизи ҷонаш?»
Фарзанд бувад ҷавоби ин чистонаш.
Гуфтанд, азоби зиндагият аз чист?
Дандон задаам ба тифлӣ аз пистонаш.

Ё раб, ту маро зор ба ҳар дар накунӣ,
Домони дилам ба ашки ғам тар накунӣ.
Муҳтоҷи чашидани мавизе ҳаргиз
Моро зи шумори чил қаландар накунӣ.

Ношукр бувад касе ба даргоҳи сухан,
Пайдо накунад ба зиндагӣ роҳи сухан.
Ҳар кас, ки агар қадри сухан бардорад,
Бошад ба самои анҷуман моҳи сухан.

Шаб аз ғами ту шикояте дошт дилам,
Аз нолаи най ҳикояте дошт дилам.
Гуфтӣ, ки магӯ зи хатми ҳарду, аммо
Аз саҷдаи шукр ояте дошт дилам.

Дар доми фиребу фандам аз пушти дилам,
Ҷуз феъли ҷунун нест ба арғушти дилам.
Девору дари синаи ман гашт хароб
Аз зарбаи хорошикани мушти дилам.

Эй ишқ, табу тобу тавонӣ ту маро,
Дар суфраи меҳри даҳр нонӣ ту маро.
Аз рафтани ҷони бевафо бокам нест,
Ҳаққо, ки ба тан ба ҷои ҷонӣ ту маро.

Дар дил ғаразу кина надорам ба касе,
Чун бод ҳамоғӯш нагардам ба хасе.
Ишқ аст чу дарёву дар он моҳии дил
Муҳтоҷ набошад ба ягон ҳамнафасе.

Ёре, ки агар зи тобу таб метарсад,
Аз воҳимаи бӯсаи лаб метарсад.
Бигристани шамъ ҳам аз он аст, магар
Аз даҳшату торикии шаб метарсад?!

Ман маҳви хумори ёр будам, афсӯс,
Бесабрии сад қарор будам, афсӯс.
Дилмурдагии маро чӣ пурсӣ ту дигар,
Дар зиндагиам мазор будам, афсӯс.

Дишаб, ки садои барқ дар силсила шуд,
Дар домани дашти осмон зилзила шуд.
Ин силсилаву зилзила гӯй, ки чӣ буд?
Аз боиси абр осмон ҳомила шуд.

Боде, ки зи рӯи ёр бӯсида гузашт,
Пиндошт маро рақибу нодида гузашт.
Дил гуфт ба ин бебасарӣ рашк мабар,
Раҳгумзадае буд, ки тарсида гузашт.

Ёре, ки дили боз надорад, чӣ кунам?
Майлу ҳаваси роз надорад, чӣ кунам?
Дар қасри харобгаштаи мулки танаш
Девору дари соз надорад, чӣ кунам?

Аз мактаби ин ҳаёт матлаб ҷӯед,
Аз курсии хеш панди мансаб ҷӯед.
Аз сурхии нӯги қалами шамъ чу мо
Асрори нуҳуфтаи дили шаб ҷӯед.

Аз лола шуд олуда ба хун домани дашт,
Борон заду доғи доманаш тоза нагашт.
Як ҳафта арӯси сол дар ҳайз нишаст,
То пок бишуд, фасли гули лола гузашт.

Наврӯз, биё, дил ба раҳи тантана аст,
Оинаи рӯзгори мо анъана аст.
Аз ишқ бубахш нур ба ҷону танам,
Девору дари дилам ҳама равзана аст.

Дар гӯши фалак тарона хонад дили ман,
Бо нағмаи ошиқона хонад дили ман.
Аз гулшани ишқ мурғи илҳомамро
Пайваста ба сӯи хона хонад дили ман.

Лабташнагиам дар лаби ёрам шиканам,
Андар бағали сабзи баҳорам шиканам.
Завлоназанон зи ишқ бар гардани нафс
Бо шишаи май санги хуморам шиканам.

Бар ҳар гули навшукуфта дил мебандам,
Бар рози дили нагуфта дил мебандам.
Бедорӣ агар ба ишқ бахшояд дард,
Дар ишқ ба ёри хуфта дил мебандам.

Бигзашт ҳар он ситам, ки бар мо кардӣ,
Дилгарм шудам пас аз ҳама дилсардӣ.
Рӯбаҳ накунад ҷуръати шерона ба умр,
Номард чӣ мекунад ба ҷуз номардӣ?

Азбаски хаёли хом дорад дили мо,
Сарводаи нотамом дорад дили мо.
Аз шодии дурӯзаи худ ҳеҷ маноз,
Дар кишвари ғам мақом дорад дили мо.

Хуршед бувад ишқу ғаму дардаш ҷуд,
Об ар нафишонӣ, накунад оташ дуд.
Шамъе, ки агар зи баъди мо афрӯзӣ,
Дар умр дигарбора намеорад суд.

Аъмоли накӯи Ҳотам аз мардӣ буд,
Кӯҳи тилло ба чашми ӯ гарде буд.
Он куфу суфе, ки бод сӯи мо кард,
Бар гесуи ту дуои дилсардӣ буд.

Вақте ки никоҳи ёри чинӣ кардам,
Гуфтанд, ки кори ғайри динӣ кардам,
Дар сояи Чилчанору чил кокули ёр
Бо чил ҳунарам чилланишинӣ кардам.

Эй ёр, напурсиам чаро рӯзардӣ?
Ку чораву чорагар дами дилсардӣ?
«Дунё ба умед» гуфтиву лек, афсӯс,
Навмед маро ба роҳи ишқат кардӣ.

Бисёр сухан магӯ ба андешаи кам,
Умр аст нафас агар, ғанимат ҳар дам.
Дар хони муҳаббати ту, эй олами роз,
Аз дидани гушначашмият сер шудам.

Сард аст ба ошиқӣ танӯри дили ман,
Дар меҳр асар нест зи нури дили ман.
Ишқи ту шавад зи баъди марги ғофил
Санги армон бар сари гӯри дили ман.

Дар банди нигоҳи хеш бастӣ дили ман,
Моҳии тило шудӣ ба шасти дили ман.
Дар фасли баҳори умр афсӯс, афсӯс,
Пайванд нагаштаву шикастӣ дили ман.

Ҳар дил, ки чу як шамъ ба ҳар анҷуман аст,
Қадраш ҳама ҷо шукӯҳи лаъли Яман аст.
Тобу таби ошиқӣ маҷӯ аз дигаре,
Ин гармии хуни ишқ дар набзи ман аст.

Дард аст агар ишқ, давояш сабр аст,
Дил сард шавад, агар ҳавояш абр аст.
Дар ишқ ҳар он касе агар булҳавас аст,
Пайваста ба зиндагӣ насибаш ҷабр аст.

Дидам гули навшукуфтаро дар лаби ҷар,
Алвонҷ ҳамехурду ҳамедод хабар:
Хуб аст шукуфтан тани танҳо, аммо
Дар байни ҷамоа бошӣ эмин зи хатар.

Дар нофи анори ту пайи дандон аст,
Ин нофбуридании тифли ҷон аст,
Гуфтӣ, чӣ шавад ба гӯши ошиқ чу расад?
Бишнидани овоза магар осон аст?!

Дар тантанаи маъракаи саршӯён
Дишаб ба арӯси сол ҳам гашт аён.
Аз расму русуми неки тоҷик танҳо,
Афшондани оби абр буд хотирмон.

Дар абри сафеди мавсими тобистон,
Дидам ғарами пахтаи марди деҳқон.
Тоҷик зи чашми дузд гӯё ганҷаш
Дар домани осмон намудаст ниҳон.

Фарзанд равад ба роҳи бад, ҳайф шавад,
Бе роҳнаварди меҳр сад ҳайф шавад.
Нек аст, агарки зан ба доми мард аст,
Марде, ки ба доми зан фитад, ҳайф шавад.

Ошиқ, ки ба хоби хеш бинад кобус,
Дар хонаи дил зи ишқ гирад фонӯс.
Ғам луқмаи ҳар диле насозад худро,
Моил ба касе шавад, ки дорад номус.

Аз соя ба мо сояи санг аст авло,
Аз каҷрави роҳи рост ланг аст авло.
Аз худкуши бегонапарасти бенанг
Сад душмани парвардаи нанг аст авло.

Рафтӣ зи барам, махон суруди падруд,
Дар сӯхтанам асар наёбӣ аз дуд.
Зинҳор магӯ пеши рақиби худхоҳ –
Ӯ ошиқи бечораи савдозада буд.

Маҷнун, ки гаҳе зи шаҳр бар бодия рафт,
Аз зӯрии дарди ишқ бар ҳошия рафт.
Гум кард раҳи кӯҳи баланди мазмун,
Дар шеър касе, ки аз пайи қофия рафт.

Пайроҳаи назми мо, ки аз таклид аст,
Шаҳмисраи навгуфта бароям ид аст.
Соҳибназаре зи роҳи андешаи мо
Дурдонаи баҳри шеър кай мечидаст?

Девона зи ҳоли мо гаранг аст мудом,
Дар шишаи мо тинати санг аст мудом.
Бар мурғи дили мо, ки парафшон бошад,
Дардо, ки қафас тираву танг аст мудом.

Нахле, ки дар ӯ ному нишони самар аст,
Дар барги тараш муҳри қазову қадар аст.
Булбул ба забони нағма гуфто бар гул:
Шӯри дили мо шеъри Ашӯри Сафар аст.

Дар нохуни сабзи панҷаи барги чанор
Микроз ҳамезанад гаҳе боди баҳор,
Ҳушдор ҳамедиҳад ту гӯй бар мо,
Аз бех бурида мешавад охир хор.

Бишкуфтани гул ҳаловати ҷон гашта,
Дар роҳи назора мушкил осон гашта.
Ҳар қатраи борони баҳори дилҷӯ
Дар гардани гул муҳраи марҷон гашта.

Ғам бори гарон, бори гарони ишқ аст,
Бишнидани рози дил тавони ишқ аст.
Ҷоне, ки ба қасри тан чу меҳмон бошад,
Медор азизаш, ки чу ҷони ишқ аст.

Бишкан ту хумори дидаи пазмонам,
Садпора макун ба дасти ишқат нонам.
Аз бобати ишқу меҳрубонӣ як бор
Ҷонам, ки намгӯӣ ту, масӯзон ҷонам.

Гуфтам, санамо чӣ мешавад охири кор?
Гуфто, ки ба ҷуз сабр надорем барор.
Гуфтам, ки ғаму дарди туро тобе нест,
Гуфто, ки ба дӯши дил бувад ин ҳама бор.

Хуршед, ки дар бому дари Кӯлоб аст,
Болидани ӯ болу пари Кӯлоб аст.
Рӯсурхии мову лолазорони Ватан
Аз гармии хуни ҷигари Кӯлоб аст.

Ман рози дили хеш нагуфтам бе ту,
Дар хилват хоби шаб нахуфтам бе ту.
Шаб гавҳари баҳри шоириро як дам
Сад бор фишурдаму насуфтам бе ту.

Аз боғи умед аст ҳама ҳосили ман,
Аз кӯҳи садоқат аст обу гили ман.
Дар мамлакати ишқи ту, эй олами роз,
Сарсабз бувад ҳамеша шаҳри дили ман.

Дар доми фиреби ишқ мурдан ҳайф аст,
Ҷоне, ки азиз нест дар тан, ҳайф аст.
Бар марди зи ишку меҳрубонӣ ғофил
Билло ба Худо, ки нохуни зан ҳайф аст.

Оҳи ту ба кошонаи дил дуда бувад,
Оина зи дидани ту осуда бувад.
Қаддам чу аломати савол аст агар,
Пас, «чуну чаро?» пурсиши беҳуда бувад.

Дар ҷавҳари давлати дуо номи ман аст,
Ҷавлонгаҳи шаҳбози зиё боми ман аст.
Хуш бош, ки ризқи чӯҷаи илҳомат
Нонрезаи хони мурғи илҳоми ман аст.

Аҳдат ба вафо ракъати фарз аст маро,
Беаҳдии ин қофила қарз аст маро.
Бар номи ту аз мояи шаҳномаи дил
То кунҷи лаҳад номаи арз аст маро.

Он кас, ки ба ишқ фикри рӯшан дорад,
Мефахрад аз он саре, ки бар тан дорад.
Мард аст ба умру шаҳсавор аст ба ишқ,
Дар даст лаҷоми ҷилваи зан дорад.

Гумкардаи хешро ба ҷон меҷӯям,
Ҷон буд ба тан, баҳри ҳамон меҷӯям.
Ман решаи нахли ҳафт пушти худро
Аз пуштаи сабзи Балҷувон меҷӯям.

Ман луқмаи нон аз кафи дастам хурдам,
Май аз лаби ёри майпарастам хурдам.
Сад бор агар тавба намудам аз май,
Сад бори дигар тавба шикастам, хурдам.

Рафтам зи туву дигар наоям, афсӯс,
Дар банди ғам аст ҳарду поям, афсӯс.
Дар мансаби ошиқӣ, ки ғофил мондам,
Курситалабе гирифт ҷоям, афсӯс.

Беҳрӯзии мо зи тоҷу тахти мо шуд,
Покиза зи ёд рӯзи сахти мо шуд.
Сад шукр, ки бахтномаи мо дар даст
Сарномаву шаҳномаи бахти мо шуд.

Рафтӣ зи барам, дигар чӣ ҷӯӣ ту маро?
Чун ранги парида аст рӯи ту маро.
Аз гиряи шаб зи ғам гулӯгирам ман,
Эй луқмаи дар даҳан, чӣ гӯӣ ту маро?

Эй дил, хабари нуҳуфта пайғоми ту буд,
Мурғи дили ёр дар хати доми ту буд.
Бар коми дигар шаҳд шуду ишқ омӯхт
Он кас, ки ба роҳи умр бар номи ту буд.

Аз ишқ ба дарди ишқ раҳ паймудам,
Гарде ба лаби домани дарде будам.
Гуфтӣ, ки зи сабри дил набошад судат,
Бар хеш зи ҷабри ту зиён афзудам.

Меҳри ту ба номи мо намеояд рост,
Шаҳди ту ба коми мо намеояд рост.
Нози ту ба завқи пири садсола хуш аст,
Субҳи ту ба шоми мо намеояд рост.

Дил буд ҳамон оинаи тоза, шикаст,
Бас боли кабӯтарони овоза шикаст.
Ишқи ту ба шӯр омаду бо дасти ғазаб
Дар қасри дилам зулфаки дарвоза шикаст.

Дар пирии ишқи ту ҷавонӣ кардем,
Нашкуфта чу ғунча зиндагонӣ кардем.
Дар ёди муҳаббати фаногаштаи ту
Дишаб ману дил марсияхонӣ кардем.

Ҳар кас, ки дуои пир агар мегирад,
Бар тири нигоҳи бад сипар мегирад.
Метарсам аз он шабе, ки сарлашкари ғам
Дилро чу асир бехабар мегирад.

Роҳи нафасам гирифта аз оҳи дил аст,
Юсуфнасаби ишқи ту дар чоҳи дил аст.
Эй ишқ, даруни синаам шӯр ангез,
Ғам омада бошаду ба даргоҳи дил аст.

Гар сеҳргарӣ ба умр пайванд шавад,
Шодиву нишоти ишқ дар банд шавад.
Талх аст агар меваи нахли ошиқ,
Аз сабру таҳаммулу вафо қанд шавад.

Он рӯз, ки боғи умри мо Меҳан шуд,
Ҷон меваи ширини дарахти тан шуд.
Ишқ омаду тӯфон шуду дар гирдобаш
Ширинии умр донаи арзан шуд.

Дар омадану рафтани мо як сабаб аст,
Андар хати умр нақши ному насаб аст.
Дил гуфт ба дард: дарси умр аст чунин,
Ғам шод шавад, ки мурдашӯяш тараб аст.

Гар ошиқи дилсӯхта содиқ бошад,
Андар бағалаш китоби Лоиқ бошад.
Он арзиши бебаҳои холи лаби ту
Дар мардумаки дидаи ошиқ бошад.

Аз дидаи пазмоншуда чун хоб марав,
Аз маҳфили ишқ бе табу тоб марав.
Ҳарчанд миёни обу оташ будӣ,
Аз чашми дили сӯхта чун об марав.

Эй дил, хати суфтаи туро мехонам,
Сад рози нагуфтаи туро мехонам.
Ман аз вараҳи барги гули нашкуфта
Асрори нуҳуфтаи туро мехонам.

Ҳангоми гузар бигуфт боди саҳарӣ:
Эй мурғи чаман, зи ҳоли мо бехабарӣ.
То чанд ба гӯши мо садои зоғ аст?
Хонӣ ту, бихон ба табъи Давлат Сафарӣ.

Роҳе, ки агар каҷ аст, бодо баста,
Оқил накунад хеш ба ин раҳ хаста.
Каҷ буд магар қолаби танги сина,
З-он хишти дили фишурдаҷон бишкаста.

Як олами ганҷи бебаҳо гум кардам,
Қоруннасаби меҳру вафо гум кардам.
Саҳрои дилам сӯхт, ки дар паҳнояш
Оҳубараи ишқи туро гум кардам.

Умри гузарон аст ба мо шарфаи бод,
Дар зиндагии дурӯза мебояд шод.
То кар нашавад фалак зи фарёди касон,
Аз хирмани маҳ ба гӯши худ пунба ниҳод.

Гар ашки дилу дида баробар бошад,
Домони дили ғамзадаҳо тар бошад.
Дар синаи бераҳми ҷафопеша мудом
Оҳи дили озурда чу ханҷар бошад.

Восеъ нашавад дигар кас аз ҷилваи беш,
Ҳарчанд ба по кунад агар шӯриши хеш.
То аз пайи ризқи худ набинӣ ташвиш,
Не салла мадад дораду не қабзаи риш.

Хушбахт диле зи ошиқӣ бехабар аст,
Дар кӯчаи дарду ғам каси раҳгузар аст.
Ин омадану рафтани мо дар дунё
Гарде ба лаби домани боди гузар аст.

Ошиқ ҳама дам ба меҳрубонӣ зор аст,
Бо дидаи интизор ғамбемор аст.
Хуфтан ҳама шаб чу тифли нокоми ҳавас,
Шабҳо ба дили ғамзадаҳо бедор аст.

Дар ишқ баҳонаҳо зи ашки зан шуд,
Ду дидаи пур зи об машки зан шуд.
Тӯфону заминларзаву обу оташ
Сарҷамъ ба ҳам омаду рашки зан шуд.

Дунболи раҳи касе нарафтам ҳаргиз,
Чун бод пайи хасе нарафтам ҳаргиз.
Сад бор дари хонаи дил бишкастанд,
Пушти дари нокасе нарафтам ҳаргиз.

Аз боғи муҳаббатам анори дил монд,
Аз майкадаи ишқ хумори дил монд.
Дар хонаи дил аз ҳама буду нобуд
Мерос барои ман фишори дил монд.

Ин дил, ки тавонбахши фароғ аст маро,
Дар кохи вуҷуди тан чароғ аст маро.
Ишқе, ки ба хуни ҷигарам зомин шуд,
Дар домани дил нишони доғ аст маро.

Ишқ омаду қасри дили ман кард хароб,
Дар чашм ба вайрона намеояд хоб.
Хушк аст дигар чашмаи чашм аз гиря,
Аз новаки дидаам намешорад об.

Эй дил, зи фироқи ёр беҳуда масӯз,
Сӯзӣ ту агар, сӯзу дами дуда масӯз.
Дар тобу табат аланга зан чун оташ,
Осуда мадон сӯзишу осуда масӯз.

Ман роҳи дарози ошиқӣ паймудам,
Аз ҷабру ҷафо даме намеосудам.
Дил кандам аз ин ҳақиқати умр охир,
Дидам, ки чу афсона набудам, будам.

Ҳар гаҳ, ки зи қалби мо нидо бархезад,
Ишқ аст, ки бо хуни ҷигар омезад.
Ин санги сари сахти маро саҳл магир,
К-аз зарраи хоки мо шарар мерезад.

Ин лашкари ғам буд ба шабҳои дилам,
Монанди қушунҳои арабҳои дилам.
Ҳангомаи лашкари ғаму сӯзиши ишқ
Ман донаму табхолаи лабҳои дилам.

Ишқе, ки чу боди тездав буд маро,
Монанди хироми кабки рав буд маро.
Палмосидан ба рӯю бар хирмани мӯй
Маҳтобшабу шаби дарав буд маро.

Эй ишқ, ҳама сабри маро барбодӣ,
То чанд кунӣ ба синаам бедодӣ?
Бар захми дилам намакфишонӣ аз чист?
Хомӯшии олами маро фарёдӣ.

Эй ёр, ки ошиқӣ набудаст осон,
Беаҳдӣ агар кунам, бубин ҳол ин сон:
Чун хоини ишқ дар сафедори танат
Бо банди ҷамолакат ба дор овезон.

Селоби ғами ту гавҳари дилро бурд,
Гирдоб шуду сари тавонашро хурд.
Пар кандаву паймуда раҳи дом, охир,
Мурғи дили мо дар қафаси ишқи ту мурд.

Доғи ту зи домони дили мо наравад,
Тифли ҳаваси дил ба ҳавоят надавад.
Нашносӣ агар ҳаққи ҳалоли моро,
Оҳи ҷигарам ба гарданат бор шавад.

Бо ёди ту хонаи дил афрӯхтаме,
Дар оташи меҳри ту аҷаб сӯхтаме.
То ёди ту аз лавҳи хаёлам наравад,
Дар домани дил номи туро дӯхтаме.

Дар оташи афрӯхтаам месӯзам,
Дар роҳи нигаҳдӯхтаам месӯзам.
Аз пушти ду дида дилакам сӯхтааст,
Бар ҳоли дили сӯхтаам месӯзам.

Чун нони сағирагӣ ба оби дида
Ман бӯй кашидаам туро бӯсида.
Мерос бувад зи гушначашмии дилам
Лаблесию дандони ба ҳам соида.

МУНДАРИҶА

Қалъаи номус 3
Нишони ифтихор 8
Оҳанги номус 9
Ватан 10
Истиқлолият 11
Нишони мо 13
Афрохта мо дирафш дар боми фалак 15
Сарқонун 16
Кохи бегазанд 17
Эҳдо ба Пешвои миллат 18
Тафсири сиёсат 19
Роҳи тиллоӣ 23
Парандаҳои муҳоҷир 24
Шеъре барои лофӣ 25
Ҳушдор 27
Маранҷонед шоирро 28
Пахтачиндухтар 31
Ватан беҳ аст… 32
Эътироз 34
Қуллаи овоз 36
Фавворaи овоз 37
Оинаманзар 38
Хотира 39
Ба Нуриддин Саид 40
Рутбаи одамгарӣ 40
Пайки умед 41
Чашми рӯз 41

Деҳи хотир 41
Дар марзи дил 42
Дасти садоқат 43
Тафсири оина 45
Дидам, ки фараҳ дар дилу дар ҷонам нест 46
Дуо 47
Парчами алам 49
Худшиносӣ 50
Исёни шер 51
Ҳол 53
Ормон 55
Ба дӯст 57
Чаладор 59
Эй шеър 61
Нангбардор 62
Асп 63
Ҳуш дор, ки ҳуш 64
Аз сатри сияҳ маҷӯ ту бахти испед 67
Дилмондагӣ 68
Паёми ишқ 70
Ишқи аввал 71
Шеъри рӯз 72
Ёсумани шеър 78
Мавқеъ 79
Ормони тоҷик 80
Руҷуъ 82
Таъкид 84
Фархор 85
Ранҷ 87
Хотира 88

Барои ту 90
Дар барам чун ёри ҷонӣ нест 91
Чорёр 93
Дуои баъди хайру эҳсон 94

ҒАЗАЛИЁТ

Мо ба он рӯз расидем, ки Истиқлол аст 96
Нишони эҳтироми мо, Ливои мо 97
Мулки обод аст Истиқлоли мо 98
Ҳар лаҳза дар ишқи Ватан, дил мешавад шайдо 100
Дар ҷону дилам навои Истиқлол аст 101
Шаҳраги ҷону танам восили ҷони Ватан аст 102
Гурзпартоӣ агар аз давраи бобоӣ аст 103
Тан чӣ медонад, ки ҳиҷрат кардани ҷон мурдан аст 104
Панду андарз аст ҷони тарбият 105
Нома ба рӯҳи Мавлавӣ 106
Нома ба рӯҳи устод Турсунзода 108
Ҳамон ишке, ки пайдояш намуд аз дард, Лоиқ буд 110
Кӯҳ гарде зи ғами бори Муҳаммад бошад 111
Ками бисёр Абдураҳмон аст 112
Ганҷе, ки маро аз Ямани Кӯлоб аст 113
Сад нафас бе ту нафас нест, азизи дили ман 114
Ба ҳар навъе ки боз оям муаллақ 115
Як қавми беирода гаранги таассубанд 117
Гуфтам: Хумори васфи чӣ дорӣ, Ватансаро 118
Мурғи илҳоми ман аз дашту даман омадааст 119
Ҳар шаб ғами мо ҳамдили мо, ҳамсари мо нест 120
Гар мори кина дар бағали фитна ҷо шавад 121
Биҳишт ҳадяи Аллоҳ баҳри одам буд 122
Ҳамсояи мо бош, ки мо сояи нурем 123

Ба доми тобу табат дар барам фариштаи нурӣ 124
Ишқи ту ба по гашт ба сар валвала дорад..... 125
Дар ғамкада ғам дар гузараш фосила дорад 126
Дунё зи азал ниқоб дорад..... 127
Ғам, ки дар китфи дилам бор аст..... 128
Ба дуроҳа раҳ нагирам, қадам аз нигаҳ нагирам..... 129
Миннат камоли ақл набошад барои мард 130
Осмон анбори борон аст..... 131
Меҳру муҳаббат аст ҳама тору пуди ман..... 132
Зи сар то по зи сар то поям ишқ аст 134
Ба дуои дили мо як кафи омин нарасид 135
Дилро зи қадри тобу тавонам шинохтам..... 136
Мо бо ҷигари сӯхта аз кишвари оҳем..... 137
Хайру сахо зи Ҳотами Ҳутам намерасад 138
То анҷуман аз хеш хабар кардаму рафтам..... 139
Он ки доим ҳаваси сӯхтани мо мекард..... 140
Хушк аст гар аз оташи дил чашми тари мо 141
Мо кӣ будему кӣ ҳастем, Худо медонад 142
Ақл дар доми ҳудуд аст, аз ин бехабарем..... 144
Марезон қатраи ашкам, ки тӯфон мешавад рӯзе 146
Табу тобам, табу тобам, ки маҳтобам намедонад..... 147
Надорад тоб девори дилам селоби ҳасратро..... 148
Соясифат маё дигар, ҳамсафарат намешавам 149
Боди зи гулшан омада аз пайи хас намешавад 150
Ҳар гаҳе дидаи ман сайр дар оина кунад 151
Ҳамон хокам, ҳамон хокам, ки ҳар як зарраaш пок аст 152
Як шаби баҳор дар канори ёр..... 153
Дар қадами дилам чаро шишаи ғам шикастаӣ..... 154
Акси мо дар дили оина парешонҳол аст 155
Рӯи раҳ аз аламам хори нигаҳ мерӯяд..... 156

Боде, ки тӯфонро шикаст.....157
Эй ошиқон, эй ошиқон, фасли гул эҳё мешавад.....158
Дилам ба ҷониби дил васли роҳ мечӯяд.....159
Дар домани дил ишқ ба ранги ҷигарӣ.....160
Дилафрӯзи дилогоҳам наомад.....161
Афсона ҳақиқат шуду мо боз ҳамонем.....162
Дардо, ки аз ду дида нури фараҳ парида.....163
Дари тавба рӯ ба рӯям ҳама дам кушода бошад.....164
Дар гӯшаи фаромӯшиям бо умеди ёд.....165
Хонаи дил кардаӣ бар мо хароб.....166
Меваи талх мураббо нашавад.....167
Ҳаво зи ҳиммати борон тамиз мегардад.....168
Гули рӯи ту ба гулдони дилам мемонад.....169
Авзои маломатзадаро ҳавсала бояд.....170
Туғёни ишқ аз раги ҷонам бадар нашуд.....171
Қимати ақл наяфзуд зи андешаи кач.....172
Ибрати ҳушёр аз девона аст.....173
Мо зи ҳинду тобу таб омӯхтем.....174
Аз деви зулмат арзиши испедро мапурс.....175
Ҳосили боғи мурод аз нахли чандинсола аст.....176
Ғазали замзамаи ноз нагуфтем, дареғ.....177
Андешаи мо меваи хом аст, магӯ.....178
Ҳар ки васфи ёри нонӣ мекунад.....179
Маро бигзор дар тоби ту сӯзам.....180
Мурғи дил ояти падруди туро мехонад.....181
Аз дидаи ман сурати ӯ дур нашуд.....182
Шайтони нафс фикри муросо намекунад.....183
Баъди бадгӯӣ маро ин қадр дилҷӯӣ чаро.....184
Бар гӯши дил таронаи нозат муносиб аст.....185
Гуфтамаш: Чеҳраи дилҷӯи туро чашми кӣ дид.....186

Диле, то аз забони шуъла алфози шарар дорад 187
Таштоби рафъи ҷоду зи ҳар байти ман кунед..... 188
Мавҷи фикр он гаҳ, ки дар гирдоби мазмун меравад..... 189
Гоҳе, ки зулфи ёр ба чанголи шона буд 190
Ришнома 191
Рубоиҳо 193

Давлат Сафар

СУБҲИ САДОҚАТ
(Мунтахаби ашъор)

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Мусаҳҳеҳ *Азизмурод Шарифӣ*

Ба матбаа 20.12.2016 супорида шуд.
Чопаш 28.12.2016 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 15,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи ҶДММ «Илм» ба табъ расидааст.

Давлат Сафар 8 марти соли 1971 дар ноҳияи Фархор ба дунё омадааст. Соли 1988 мактаби миёнаи № 7 ва соли 1993 Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанберо ба итмом расонидааст.

Фаъолияти меҳнатиаш дар Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Тоҷикистон оғоз ёфта, минбаъд дар вазифаҳои гуногуни ин муассиса кор кардааст.

Солҳои 2012-2014 директори генералии КВД «Тоҷиккино», аз соли 2014 сардори Раёсати табъу нашри Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ мебошад.

Офаридаҳояш тавассути матбуоти даврӣ ва маҷмӯаҳои «Пайғоми ишқ» (1998), «Шеъри гаҳвора» (2010), «Шаҳбол» (2010), «Авҷи парвоз» (2011), «Дурахши Истиқлол» (2011), «Девони ашъор» (Кобул, 2013), «Исёни ғурур» (2013) дастраси хонандагон гардидааст.

Барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (2002) ва Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода (2013) мебошад.

Соли 2008 бо медали «Хизмати шоиста» мукофотонида шудааст.

Аз соли 2010 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.